ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 37.033:373+574(575.3)
ТКБ: 74.200:74.2+28.081
Р – 48

РУСТАМЗОДА КОМИЛҶОН АБДУШУКУР

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚӢ БА ҲИФЗИ ТАБИАТ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти
фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Роҳбари илмӣ: Мансурова Ҷамила Сулаймоновна - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 4
МУҚАДДИМА 5
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ 11
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ 22
1.1. Моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ..... 22
1.2. Таҳаввули ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва низоми маориф: таҳлили таърихӣ-педагогӣ ва равишҳои методологӣ 47
Хулосаи боби 1 65
БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРҲАНГӢ-ИҶТИМОӢ 68
2.1. Хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат 68
2.2. Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат 81
2.3. Маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ 94
Хулосаи боби 2 111
БОБИ 3. САНҶИШИ ТАҶРИБАВИИ САМАРАНОКИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ 114
3.1. Мазмун ва шаклҳои фаъолияти экологии фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни озмоиши педагогӣ..... 114
3.2. Ташкил, гузаронидан ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ 132
Хулосаи боби 3 150
ХУЛОСА 152

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ 155
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 157
Рӯйхати адабиёти истифодашуда 157
Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ 170
ЗАМИМАҲО 173
Замимаи 1. Маводи ташхисии муайян намудани сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ 173
Замимаи 2. Барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз» барои хонандагони синфҳои 3–4 176
Замимаи 3. Тақсимоти иштирокчиёни озмоиши педагогӣ аз рӯйи муассисаҳо ва синфҳо 178
Замимаи 4. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот 180

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ГН – гурӯҳи назоратӣ

ГО – гурӯҳи озмоишӣ

ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

МАҲТ – муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

χ^2 – меъёри хи-квадрати Пирсон

U – меъёри U-и Манн–Уитни

p – сатҳи аҳамиятнокии оморӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Имрӯз масъалаи тарбияи фарҳанги экологии хонандагони хурдсол ва ба вуҷуд овардани муносибати ахлоқии онҳо нисбат ба ҳифзи муҳити табиӣ хусусияти таъхирнопазир касб кардааст. Буҳронҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ нишон медиҳанд, ки пешрафти ҷомеа танҳо ба рушди иқтисод ва технология вобаста набуда, бо сатҳи фарҳанг, ахлоқ ва маърифати инсон иртиботи зич дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки кӯшишҳои ҳалли мушкилоти экологӣ танҳо бо воситаҳои иқтисодӣ ва техникӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд ва тағйири ҷаҳонбинӣ ва муносибати ахлоқии инсонро нисбат ба табиат тақозо мекунанд.

Дар чунин шароит нақши маориф ҳамчун воситаи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги шаҳрвандон меафзояд. Муҳаққиқи ватанӣ Р.М. Кузиева дар ин бора хотиррасон менамояд, ки «пеши роҳи бӯҳрони экологии глобалиро ҳеҷ гуна чорабиние: на иқтисодӣ на фарҳангӣ на ҳарбӣ гирифта наметавонад, магар ки баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологию ҳифзитабиатии аҳолӣ. Ва ин амалро аз синни хурди кӯдакӣ, аз замони то ба мактаб омадани кӯдак сар кардан зарур аст» [71, с. 35]. Ба ақидаи Ш.И. Ҷумъаева, рафтори бепарвоёнаи одамон нисбат ба муҳити табиӣ «аз сатҳи пасти фарҳанги экологӣ ва саводнокии экологии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Чунин муносибат ба табиат метавонад барои инсоният ва тамоми мавҷудоти зиндаи рӯйи Замин ба оқибатҳои ҷиддии манфӣ оварда расонад» [46, с. 5]. Муҳаққиқ бар он аст, ки бӯҳронҳои муҳити зист дар миқёси сайёра ва дар худи Тоҷикистон «зарурати фавқулоддаи эҷод ва рушди тафаккури муосири экологӣ ва саводнокии экологиро тавассути таълими бефосилаи экологӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон – аз хурд то калон – ба миён меоранд» [46, с. 22].

Аҳамияти мавзӯъро самтҳои асосии сиёсати давлатии кишвар низ собит месозанд. Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дар бораи маориф» [1], «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [2] ва «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» [3], инчунин дар Консепсияи миллии тарбия [6] ва Стратегияи миллии

рушди маориф то соли 2030 [7] ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ ва баланд бардоштани маърифати муҳити зистро ҳамчун вазифаи стратегии рушди устувори кишвар муайян намудаанд. Қонунгузор яке аз вазифаҳои ин самтро «таъмини кафолати ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ташкилӣ, психологӣ ва дигар кафолатҳо барои ташаккул ва инкишофи таълим, тарбия ва фарҳанги экологии аҳолӣ» [2, моддаи 3] медонад. Ба ҳамин монанд, номгузории давраи 2020–2040 ба сифати «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» [8] низ ба тақвияти мавқеи донишҳои табиатшиносӣ ва экологӣ дар низоми таҳсилот мусоидат менамояд.

Масъалаҳои ҳалношуда. Синни хурди мактабӣ давраи ҳассоси ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва экологии шахсият мебошад, аммо иқтидори тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакон, ки корҳои берун аз дарс ва берун аз мактаб, маҳфилҳо, сайру гаштҳо, аксияҳо ва чорабиниҳои якҷоя бо падару модарон ва созмонҳои маҳаллиро фаро мегирад, дар мактабҳо то ҳол хеле маҳдуд ба кор бурда мешавад. Ба ин ҷиҳат З.Н. Тӯраев низ диққат дода, менависад, ки «дар амалияи таълимӣ имкониятҳои шаклҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ пурра истифода намешаванд. Ин ҳолат боис мегардад, ки робитаи байни донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ суст бошад ва таъсири тарбиявии таълим коҳиш ёбад» [124, с. 5]. Таҳлили вазъи мавҷуда дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе, ноҳияи Шаҳринав ва ноҳияи Восеъ ихтилофоти зеринро ошкор намуд:

– байни талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат аз синни хурди мактабӣ ва сатҳи нокифояи таъмини илмӣ-методии ин раванд дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;

– байни имкониятҳои васеи тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, муҳити табиию иҷтимоии маҳал ва мероси фарҳангии халқи тоҷик ва истифодаи пароканда ва ғайринизомноки онҳо дар амалияи мактаб;

– байни зарурати ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар тарбияи экологӣ ва набудани маҷмуи илман асосноки шароитҳои педагогӣ, ки чунин ҳамкориро таъмин намояд.

Зарурати рушди назария ва такмили методологияи мавҷуда. Дар назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ мафҳумҳои «фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ» ва «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат» ба таври мушаххас коркард нашудаанд ва методологияи арзёбии онҳо, ки ба имкониятҳои кӯдакони 7–10-сола мутобиқ бошад, такмилро талаб мекунад.

Холигиҳои назариявӣ, баҳсҳо ва ҳамгироии илмии мавҷуда. Дар бораи сохтори фарҳанги экологӣ мавқеи ягона вуҷуд надорад: муҳаққиқон аз се то ҳафт ҷузъи онро ҷудо мекунанд. Байни равишҳои антропосентрӣ ва экосентрӣ ба тарбияи экологӣ баҳс идома дошта, ҷойгоҳи муносибати ахлоқӣ дар сохтори фарҳанги экологӣ ба таври кофӣ муайян нагардидааст. Ҳамгироии донишҳои педагогика, психологияи синнусолӣ, экология ва назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар ин масъала ҳанӯз ба консепсияи ягона нарасидааст.

Зарурати таҳқиқоти нав ва роҳҳои ҳалли масъала. Зарурати бартараф намудани ихтилофоти зикршуда **масъалаи таҳқиқотро** муайян намуд: кадом шароитҳои педагогӣ ташаккули самараноки фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиатро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии онҳо таъмин менамоянд? Роҳи ҳалли масъаларо мо дар асоснок намудан ва санҷиши таҷрибавии маҷмуи шароитҳои педагогӣ мебинем, ки дар доираи амсилаи ягона ва бо сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ ҳамоҳанг татбиқ мегарданд. Ҳамин тариқ, кори мазкур дар қатори пажӯҳишҳои педагогикаи иҷтимоӣ ҳамчун таҳқиқоте ҷой мегирад, ки тарбияи экологиро дар заминаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол баррасӣ менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Барои муайян намудани сатҳи омӯзиши масъала корҳои бунёдии илмӣ, таҳқиқоти муосир, диссертатсияҳои ҳимояшуда ва мақолаҳои илмӣ таҳлил карда шуданд.

Корҳои бунёдии илмӣ. Таълимоти В.И. Вернадский дар бораи биосфера ва ноосфера [36], ғояи «императиви экологии» Н.Н. Моисеев [91],

консепсияҳои Н.Ф. Реймерс [108] ва А.Д. Урсул [127] оид ба рушди устувор заминаи фалсафии дарки табиатро ҳамчун арзиш ва масъулияти инсонро дар назди он ташкил медиҳанд; файласуфони тоҷик тамоюлҳои ҳамгироии илмҳоро ҳамчун шарти фаҳмиши яклухти олам асоснок кардаанд [22]. Дар осори И.Д. Зверев [54], И.Т. Суравегина [116], А.Н. Захлебный [52], С.Н. Глазачев [40], Б.Т. Лихачев [81], Л.П. Печко [101], В.А. Игнатова [62] ва И.Н. Пономарева [104] мақсад, мазмун, принсипҳо ва сохтори фарҳанги экологӣ коркард шудаанд. С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин муносибати субъективии шахсро ба табиат ҳамчун объекти махсуси таҳқиқ ҷудо намуда, усулҳои ташхиси онро пешниҳод кардаанд [45; 141]. Асосҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ дар корҳои А.В. Мудрик [92], Т.Г. Киселева ва Ю.Д. Красильников [68], А.Д. Жарков [50], назарияи фаъолият ва шахсият дар осори А.Н. Леонтев, А.Г. Асмолов ва А.В. Петровский [79; 23; 100], ғояҳои тарбияи шахсиятгаро ва арзишӣ дар асарҳои Е.В. Бондаревская, Ш.А. Амонашвили ва Д.С. Лихачёв [33; 19; 83], масъалаҳои ҳамгироии мазмуни таҳсилот дар корҳои М.Н. Берулава ва В.А. Игнатова [27; 58] асоснок гардидаанд. Таърихи андешаҳои педагогии халқи тоҷик дар осори Х. Афзалов ва Б. Раҳимов [24] инъикос ёфтааст. Ин корҳо заминаи назариявии масъаларо ташкил медиҳанд, вале ба механизмҳои педагогии ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиат дар синни кӯдакӣ бевосита дахл намекунанд.

Таҳқиқоти муосир. Дар корҳои Л.В. Симонова [114], Л.М. Хафизова [134], Т.В. Кучер [74], О.С. Богданова [30] ва А.И. Холомкина [137] тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шаклҳои корҳои беруназсинфӣ баррасӣ шудаанд. Аз муҳаққиқони ватанӣ И.А. Абдусаломов муносибати ахлоқии хонандагонро ба муҳити зист [14], М. Дарвозиев асосҳои илми экологияро [43], Б. Маҷидова роҳҳои баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарро [87], А. Нуров методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоиро [95] таҳқиқ намудаанд.

Диссертатсияҳои ҳимояшуда. А. Халимов масъалаҳои таълиму тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар шароити Тоҷикистон

таҳқиқ намудааст [132]. Ш.Р. Каримова моҳияти инсондӯстонаи фаъолияти беруназсинфии экологӣ-ҳифзитабиатӣ ва нақши онро дар ташаккули эътиқодҳои ахлоқии хонандагони хурдсол ошкор сохтааст [67]. Р.М. Кузиева асосҳои ташкилӣ-педагогии фаъолияти экологӣ ва ҳифзитабиатии талабагони синфҳои ибтидоиро дар низоми чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ асоснок кардааст [71]. З.Н. Тӯраев асосҳои методии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар раванди таълими табиатшиносӣ ва фаъолиятҳои экологӣ-кишваршиносӣ коркард намудааст [124]. Ташаккули донишҳои экологии кӯдакони синни томактабӣ дар диссертатсияи З.Ш. Курбанова [72], мафҳумҳои экологии хонандагони синфҳои 5–6 дар таҳқиқоти Н.О. Холбеков [135], омодагии касбӣ-экологии омӯзгорони оянда дар кори С. Холназаров [136] ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши экология дар диссертатсияи Ш.И. Ҷумъаева [46] баррасӣ гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ. Дар мақолаҳои хориҷӣ Л. Чаула нишон додааст, ки таҷрибаи мустақими кӯдакӣ дар муҳити табиӣ ва намунаи калонсолон омилҳои асосии ташаккули ғамхорӣ нисбат ба табиат мебошанд [142]; Э. Калс ва ҳаммуаллифон наздикии эҳсосиро ба табиат ҳамчун асоси ангезавии рафтори ҳифзи табиат асоснок намудаанд [144]; Ҷ. Ченг ва М. Монро воситаҳои ченкунии муносибати аффективии кӯдаконро ба табиат таҳия кардаанд [143]. Р. Лув ва Д. Собел хатари аз табиат дур мондани кӯдаконро таъкид намуда, тарбияи ҳамдардӣ ва муҳаббатро ба табиат пеш аз ташвиқ ба мушкилоти глобалӣ тавсия медиҳанд [146; 147].

Таҳлили анҷомдода имкон медиҳад, ки сатҳи омӯзиши масъала муайян карда шавад. *Паҳлуҳои омӯхташуда:* моҳият ва мазмуни фарҳанги экологии шахсият, мақсад ва принсипҳои маорифи экологии бефосила, шаклҳои асосии корҳои беруназсинфии экологӣ ва асосҳои ташкилӣ-методии онҳо дар синфҳои ибтидоӣ. *Масъалаҳои баҳснок:* сохтори фарҳанги экологӣ ва шумораи ҷузъҳои он, нисбати ҷанбаҳои маърифатӣ ва арзишӣ дар тарбияи экологии кӯдакони хурдсол, ҷойгоҳи муносибати ахлоқӣ дар сохтори

фарҳанги экологӣ. *Ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва масъалаҳои ҳалталаб:* маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳз дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии онҳо, бо такя ба мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ва ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои маҳал, то ҳол ба таври яклухт таҳқиқ нашудааст; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули чунин муносибат, ки ба имкониятҳои кӯдакони 7–10-сола мутобиқ бошанд, коркард нагардидаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқот ба стратегияҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва ҳифзи муҳити зист мутобиқ буда, ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [2], Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [5], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [7] ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 [8] равона гардидааст. Диссертатсия дар доираи мавзуи илмии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии он барои солҳои 2020–2025 иҷро гардида, бо рақами қайди давлатии №8214 дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаи ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули ин сифатҳо тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон равона гардидааст.

Мақсади таҳқиқот – асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1) муайян намудани моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳумҳои асосии таҳқиқот;

2) таҳлили таърихӣ-педагогии ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва дар низоми маориф ва ошкор намудани имкониятҳои тарбиявии онҳо барои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон;

3) ошкор намудани хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол ва омилҳои педагогӣ-психологие, ки ба ташаккули муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат таъсир мерасонанд;

4) таҳия ва асоснок намудани амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат бо муайян кардани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули онҳо;

5) муайян ва асоснок кардани маҷмуи шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таҳияи мазмун ва шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии онҳо;

6) ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ барои санҷиши самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

Объекти таҳқиқот – раванди ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот – шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Таҳлили масъала нишон дод, ки имкониятҳои тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон дар ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиат ғайринизомнок истифода мешаванд; омӯзиши назарияҳои мавҷуда (назарияи фарҳанги экологӣ, назарияи муносибати субъективӣ ба табиат, назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ) ва ҷамъбасти таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон доданд, ки тахмини илмии зерин пешниҳод карда шавад: ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ самаранок мегардад, агар дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии (беруназсинфӣ ва беруназмактабии) онҳо маҷмуи шароитҳои педагогии зерин таъмин карда шавад:

1) муҳити экологии таълимию тарбиявӣ дар муассиса ташкил гардида, бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал ҳамгиро карда шавад;

2) мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ҳамгиро гардад;

3) хонандагон ба таври мунтазам ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат ҷалб карда шаванд;

4) ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор рушд дода шавад;

5) ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал ба роҳ монда шавад;

ва ин шароитҳо дар асоси амсилаи педагогие татбиқ гарданд, ки ҷузъҳои ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзёбӣ-натиҷавиро муттаҳид менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоснокии илмии мавзуъ ба назарияҳои зерин такя мекунад: таълимот дар бораи биосфера ва ноосфера (В.И. Вернадский) ва консепсияи императиви экологӣ (Н.Н. Моисеев); назарияи фарҳанги экологии шахсият (И.Д. Зверев, С.Н. Глазачев, Б.Т. Лихачев, Л.П. Печко, В.А. Игнатова); назарияи муносибати субъективӣ ба табиат (С.Д. Дерябо, В.А. Ясвин); назарияи фаъолият ва рушди шахсият дар синни кӯдакӣ (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, Л.И. Божович, Д.Б. Эльконин); ғояҳои педагогикаи инсондӯстона (К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский, Ш.А. Амонашвили); назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ (А.В. Мудрик, Т.Г. Киселева, Ю.Д. Красильников, А.Д. Жарков); ғояҳои ахлоқию экологии мутафаккирони тоҷику форс ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ (Х. Афзалов, Б. Раҳимов); натиҷаҳои таҳқиқоти ватанӣ оид ба тарбияи экологии хонандагони хурдсол (А. Халимов, Ш.Р. Каримова, Р.М. Кузиева, З.Н. Тӯраев, Ш.И. Ҷумъаева). Робитаи мавзуъ бо ин назарияҳо дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот ғояҳои фарҳанги экологӣ ва муносибати субъективӣ ба табиатро ба соҳаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакони хурдсол татбиқ менамояд ва ба равишҳои системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ ва муҳитӣ такя мекунад. Омӯзиши амиқ ва таҳлили интиқодии адабиёт нишон дод, ки назарияҳои зикршуда асосан ба ҷанбаҳои маърифатӣ ва ташкилии тарбияи экологӣ нигаронида шуда, шароитҳои педагогии ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиатро дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол ба таври низомнок

ошкор намекунанд; ҳамин мушкилоти ҳалнашуда мавзуи таҳқиқоти моро асоснок месозад.

Сарчашмаи маълумот. Барои таҳқиқот сарчашмаҳои зерин истифода шуданд: *сарчашмаҳои илмӣ* – адабиёти илмии ватанию хориҷӣ оид ба фалсафа, педагогика, педагогикаи иҷтимоӣ, психология ва экология, диссертатсияҳои ҳимояшуда ва мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нашрияҳои хориҷии забони англисӣ; *сарчашмаҳои расмӣ* – санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маориф, тарбия ва ҳифзи муҳити зист, стандартҳо, барномаҳо ва китобҳои дарсии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; *сарчашмаҳои оморӣ* – маълумоти миқдории пурсиш ва ташхиси хонандагону омӯзгорон ва натиҷаҳои коркарди омории онҳо; *маводи эмпирикӣ* – протоколҳои озмоиши педагогӣ, мушоҳида ва суҳбатҳо. Сарчашмаҳо эътимоднок ва ба мавзуъ мутобиқ мебошанд; ҳангоми истифодаи онҳо ҳамаи иқтибосҳо дар нохунак ва бо истинод ба муаллиф оварда шуда, ҳуқуқи муаллифӣ риоя гардидааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Асоси таҷрибавии диссертатсияро далелҳо ва маълумоти зерин, ки муаллиф бевосита дар раванди таҳқиқот ба даст овардааст, ташкил медиҳанд: натиҷаҳои пурсиши 30 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва 200 нафар хонандаи синфҳои 3–4; натиҷаҳои кори санҷишии ибтидоӣ ва ниҳоии 160 нафар хонандаи синфҳои 3–4 (80 нафар дар гурӯҳи озмоишӣ ва 80 нафар дар гурӯҳи назоратӣ); натиҷаҳои ташхиси маҷмуӣ аз рӯйи меъёрҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ; протоколҳои мушоҳида, корҳои эҷодӣ ва лоиҳавии хонандагон; маводи суҳбат бо омӯзгорон ва волидон. Ин маълумот бо усулҳои назариявӣ (таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, таснифот, амсиласозӣ), эмпирикӣ (мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш, суҳбат, ташхиси донишҳо, вазъиятҳои ташхисии ахлоқӣ-экологӣ, таҳлили маҳсули фаъолият, озмоиши педагогӣ) ва оморӣ (нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ, меъёрҳои χ^2-и Пирсон ва U-и Манн–Уитни) ба даст оварда ва коркард шуда, барои хулосаҳои илмӣ далелҳои боэътимод фароҳам меорад.

Пойгоҳи таҳқиқот. *Пойгоҳи ташкилӣ* – кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ, ки дар онҳо озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Таҳқиқот дар солҳои 2020–2025 ташкил гардид: дар солҳои 2020–2021 адабиёт омӯхта ва дастгоҳи мафҳумии таҳқиқот муайян гардид; дар солҳои 2022–2024 амсила ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ таҳия гардида, озмоиши муайянкунанда (2022), ташаккулдиҳанда (солҳои таҳсили 2022–2023 ва 2023–2024) ва ташхиси назоратӣ (охири соли таҳсили 2023–2024) гузаронида шуданд; дар соли 2025 натиҷаҳо коркард, ҷамъбаст ва нашр гардиданд. *Пойгоҳи моддӣ-техникӣ* – синфхонаҳо, гӯшаҳои табиат, қитъаҳои таълимӣ-озмоишӣ ва ҳавлиҳои мактабҳо, инчунин боғҳо ва ҷӯйборҳои маҳал. *Пойгоҳи иттилоотӣ* – хазинаи китобхонаҳои ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва пойгоҳҳои электронии нашрияҳои илмӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмии зерин, ки қаблан дар адабиёти илмӣ инъикос наёфтаанд, зоҳир мегардад:

1) навгонии назариявӣ – бори аввал фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ ҳамчун сифати интегративии сеҷузъа (маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ, фаъолиятӣ-рафторӣ) асоснок гардида, муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ҳамчун ядрои арзишии он муайян карда шуд; барои мафҳумҳои калидии таҳқиқот («фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ», «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат», «шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ») таърифҳои муаллифӣ пешниҳод гардиданд (зербоби 1.1);

2) навгонии назариявӣ-таърихӣ – андешаҳои ахлоқӣ-экологии дар мероси фарҳангии тоҷикон ифодаёфта («Авесто», осори Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём) ва суннатҳои тарбияи мардумӣ (ҳашар, шинондани ниҳол дар айёми Наврӯз, муқаддас донистани об) бори аввал аз мавқеи педагогикаи иҷтимоӣ баррасӣ шуда, чун сарчашмаи мундариҷаи фаъолияти

фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакони синни хурди мактабӣ асоснок гардиданд (зербоби 1.2);

3) навгонии методологӣ – амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ коркард шуд, ки ҷузъҳои ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзёбӣ-натиҷавии он ба сохтори ягонаи сеҷузъаи фарҳанги экологӣ мутобиқ карда шудаанд; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ ва маводи ташхисии ба кӯдакони 7–10-сола мутобиқ коркард шуданд (зербобҳои 2.1, 2.2);

4) навгонии амалӣ – маҷмуи панҷ шароити педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, инчунин барномаи 34-соатаи маҳфили экологии «Посбонони сабз» ва нақшаи тақвимии корҳои фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ тартиб дода шуда, натиҷанокии онҳо бо озмоиши педагогӣ ва коркарди омории маълумот исбот гардид (зербобҳои 2.3, 3.1, 3.2).

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ сифати ҳамгирои шахсият буда, аз се ҷузъи ба ҳам алоқаманд – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ иборат мебошад. Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ҳамчун асоси арзишии фарҳанги экологӣ муайян гардида, дар эҳсоси ҳамдардӣ, ғамхорӣ, масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ, фаъолнокӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист зоҳир мегардад. Ҳамзамон, нақши хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва имкониятҳои тарбиявии мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати масъулиятнок ба табиат асоснок карда шудааст.

2. Муайян карда шудааст, ки ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси амсилаи педагогии таҳияшуда самаранок ташкил карда мешавад. Амсилаи мазкур

ҷузъҳои ҳадафнок, назариявию методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзёбӣ-натиҷавиро муттаҳид намуда, пайдарпайии ташаккули донишҳои экологӣ, муносибати арзишманд ба табиат ва рафтори масъулиятнокро таъмин менамояд. Дар ин замина меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагон ба ҳифзи табиат муайян карда шудаанд.

3. Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст, ки ташаккули самараноки фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба татбиқи ҳамгирои панҷ шароити педагогӣ вобаста мебошад: ташкили муҳити мусоиди экологии таълимию тарбиявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои табиию иҷтимоии маҳал; ҳамгироии мазмуни таълим бо корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; ҷалби хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат; рушди ҳавасмандии дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон нисбат ба табиат; таҳкими ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Татбиқи маҷмуии шароитҳои мазкур барои рушди фарҳанги экологӣ, масъулиятшиносӣ ва рафтори ахлоқии хонандагон замина фароҳам меорад.

4. Аз ҷиҳати таҷрибавӣ тасдиқ гардидааст, ки татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда тавассути барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз», корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва фаъолияти амалии ҳифзи табиат ба ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бо иштироки 160 нафар хонанда (гурӯҳи озмоишӣ – 80 нафар ва гурӯҳи назоратӣ – 80 нафар) тағйироти мусбатро дар донишҳои экологӣ, муносибати арзишманд ба табиат, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ ва иштироки амалии хонандагон дар фаъолияти ҳифзи муҳити зист нишон додаанд. Самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда дар асоси таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ асоснок гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот:

- таҳлил ва мушаххас намудани моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат;

– асоснок намудани сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ, ки ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафториро дар бар мегирад;

– муайян намудани қонуниятҳои ташаккули муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла гузариш аз донишҳои экологӣ ба муносибати арзишманд ва рафтори масъулиятнок;

– таҳия ва асоснок намудани амсилаи шароитҳои педагогӣ, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат;

– ошкор намудани имкониятҳои тарбиявии мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ва корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва такмили назарияву методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон.

Аҳамияти амалии таҳқиқот:

– истифодаи маҷмуи шароитҳои педагогии таҳияшуда дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат;

– татбиқи барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз» ва нақшаи тақвимии корҳои фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ;

– истифодаи маводи ташхисӣ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо барои муайян намудани сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагон ба ҳифзи табиат;

– истифодаи тавсияҳои илмию методӣ дар фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, роҳбарони синф ва ташкилкунандагони корҳои тарбиявӣ;

– татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар омодасозии омӯзгорони оянда ҳангоми таълими фанҳои «Педагогика», «Педагогикаи иҷтимоӣ», «Назария

ва методикаи тарбия», инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо омилҳои зерин таъмин гардидааст: *асосҳои методологӣ* – истифодаи назарияҳои илмии тасдиқшуда, татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мавзуи он мувофиқанд, риояи принсипҳои илмӣ; *заминаи таҷрибавӣ* – ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ (30 нафар омӯзгор ва 200 нафар хонанда дар пурсиш, 160 нафар хонанда дар озмоиши ташаккулдиҳанда), гузаронидани озмоиши педагогӣ дар шаш муассисаи таълимии се минтақа бо гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, коркарди омории натиҷаҳо бо меъёрҳои χ^2-и Пирсон ва U-и Манн–Уитни; *тасдиқи натиҷаҳо* – нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар конференсияҳои илмӣ; *санҷиши амалӣ* – истифодаи натиҷаҳо дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои пойгоҳи таҳқиқот, ки бо санадҳои татбиқ тасдиқ мегардад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.3.9 – Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад. Соҳаи таҳқиқот – назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ дар тарбияи экологӣ-ахлоқии онҳо. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиноснома мутобиқат мекунад:

– банди 1 – методологияи таҳқиқоти фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: моҳият, сохтор, вазифаҳо ва принсипҳои он, амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ;

– банди 3 – педагогикаи иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: тарбияи шахсият дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамкории оила, мактаб ва ниҳодҳои иҷтимоӣ;

– банди 5 – амалияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: усулҳо ва технологияҳои он, ташкили фаъолияти фароғатӣ, беруназсинфӣ ва беруназмактабии кӯдакон;

– банди 6 – сифати фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои арзёбии самаранокии он.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. *Мустақилияти методологӣ:* довталаб мавзуъ ва самти таҳқиқотро мустақилона интихоб ва асоснок намуда, дастгоҳи илмӣ, методология ва усулҳои таҳқиқотро таҳия кардааст, консепсияи сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ ва фарзияи илмиро коркард намудааст. *Навгониҳои илмӣ:* довталаб таърифи муаллифии мафҳумҳои асосиро пешниҳод намуда, амсила ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ, маводи ташхисӣ ва барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз»-ро таҳия кардааст, озмоиши педагогиро шахсан ташкил ва гузаронида, натиҷаҳоро коркарди оморӣ ва тафсир намудааст. Дар интишороти муштарак [1-М; 2-М; 3-М; 4-М; 7-М] ба довталаб коркарди назариявии масъала, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи таҷрибавӣ ва таҳияи хулосаҳо тааллуқ дорад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. *Тасвиб:* нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияи байналмилалии «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), «Муносибати муосир дар ташкили омӯзиши фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024) ва «Мушкилот дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), инчунин дар ҷаласаҳо ва семинарҳои методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2020–2026) ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои пойгоҳи таҳқиқот маърӯза ва

муҳокима гардида, дар мақолаҳои илмӣ нашр шудаанд. *Амалисозӣ:* натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тарбияи МТМУ №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ ҷорӣ карда шудаанд (санадҳои татбиқ дар замимаи 4 оварда шудаанд).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 интишори илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳо, инъикос ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб (ҳафт зербоб), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ) ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи чопи компютериро ташкил дода, 13 ҷадвал ва 8 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 149 номгӯй иборат аст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ

1.1. Моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Дар шароити муосир, ки бо шиддатёбии буҳрони глобалии экологӣ, фишори рӯзафзуни фаъолияти инсон ба табиат ва халалдор шудани тавозуни низомҳои экологӣ хос аст, тарбияи фарҳанги экологӣ ба яке аз масъалаҳои меҳварии педагогика табдил ёфтааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳатто сатҳи баланди рушди технологияҳо наметавонад масъалаи экологиро бидуни тағйири ҷаҳонбинӣ ва муносибати ахлоқии инсон нисбат ба табиат бартараф намояд.

В.И. Вернадский ҳанӯз дар нимаи аввали асри XX таъкид намуда буд, ки инсоният дар маҷмуъ ба қувваи бузурги геологӣ табдил ёфта, фаъолияти он ба равандҳои биосфера таъсири ҳалкунанда мерасонад ва аз ин рӯ, зарурати танзими илмӣ ва ахлоқии фаъолияти инсон ба миён меояд [36].

Асоси методологии ташаккули фарҳанги экологӣ дар шароити муосир ба тамоюлҳои инсонпарварии муосир такя менамояд. Агар гуманизми классикӣ бештар ба эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона шуда бошад, гуманизми муосир ин арзишҳоро бо масъулияти инсон нисбат ба табиат ва наслҳои оянда пайваст мекунад. Дар ин равиш инсон на ҳамчун «ҳокими табиат», балки ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми табиӣ баррасӣ мегардад.

Академик Н.Н. Моисеев ин андешаро дар шакли «императиви экологӣ» ифода намуда, собит кардааст, ки наҷоти башар аз бӯҳрони умумисайёравӣ ба он вобаста аст, ки одамон фаъолияти хоҷагидории худро ба қонуниятҳои инкишофи биосфера мувофиқ гардонанд ва ин қонуниятҳоро чун талаботи ахлоқӣ барои рафтори хеш бипазиранд [91]. Мисоли равшани ин ақида таҷрибаи кишварҳое мебошад, ки сиёсати рушди устуворро пеш гирифтаанд:

маҳдуд намудани партовҳои саноатӣ, истифодаи энергияҳои барқароршаванда ва ташаккули шуури экологӣ дар аҳолӣ. Ин тадбирҳо далели он мебошанд, ки муттаҳидсозии донишҳои илмӣ бо арзишҳои ахлоқӣ метавонад ба беҳтар гардидани ҳолати муҳити зист таъсири мусбат расонад.

Р.М. Кузиева низ дар ин замина қайд мекунад, ки низоми мутавозини муносибати ҷомеа ва табиатро «дар натиҷаи ташаккул додани фарҳанги экологӣ дар байни ҷомеа, маҳаки он тафаккури муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона ба сарватҳои табиат ва дигар субъектҳои биосфера меистад барқарор кардан мумкин аст» [71, с. 26]. Ин фикр ба хулосае меорад, ки асоси арзишии фарҳанги экологиро маҳз эҳтиром ва эҳтиёткорӣ нисбат ба табиат ташкил медиҳад ва ин асос бояд аз синни хурди мактабӣ гузошта шавад.

Барои ошкор намудани моҳияти мафҳумҳои асосии таҳқиқот зарур аст, ки аввал мафҳумҳои ба онҳо наздик – «маориф», «маърифати экологӣ», «дониш» ва «фарҳанг» мушаххас карда шаванд. Дар таҳқиқоти педагогӣ маориф ҳамчун раванди мақсадноки таълим ва тарбия маънидод мешавад, ки ба рушди шахсият, азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ ва таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунад. В.В. Рубсов маорифро ҳамчун воситаи интиқоли таҷрибаи ҷамъиятӣ ва такрористеҳсоли шаклҳои устувори ҳаёти иҷтимоӣ дар фазои фарҳанг арзёбӣ мекунад [109], дар ҳоле ки А.Д. Урсул онро шакли махсуси иҷтимоишавии шахсият мешуморад, ки интиқоли фарҳангро аз насли калонсол ба насли нав таъмин менамояд [127]. И.В. Богданов маорифро ҳамчун маҷмуи таъсироти технологияҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, таҷрибаҳо ва вазъиятҳо, ки шахс дар тули ҳаёт аз сар мегузаронад, таъриф намудааст [31].

Маърифати экологӣ ҳамчун ҷузъи муҳими маориф ба омӯзиши табиат ва ташаккули муносибати эҳтиромона ва масъулона нисбат ба муҳити атроф равона шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» маърифати экологиро ба сифати «раванди таълим, ки мақсади он аз маърифати экологӣ баҳравар кардан, дар рӯҳи маърифати

экологӣ таълиму тарбия додан, пойдор гардонидани фарҳанги экологӣ, дуруст ва оқилона муайян кардани тамоили донишандӯзӣ, нишон додани қобилият ва ташаккули рафтори дурусти шахсони алоҳида ва аҳолӣ оид ба ҳифз ва истифодаи табиат иборат мебошад» [2, моддаи 1] муайян мекунад. Дар ҳуҷҷати мазкур мафҳуми фарҳанги экологӣ ба тариқи зайл шарҳ ёфтааст: «фарҳанги экологӣ – қисми таркибии фарҳанги умумибашарӣ ва миллиест, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқӣ, меъёр ва усулҳои таъсири мутақобилаи ҷамъиятро бо муҳити зист дар бар мегирад ва меросан барои ташаккулёбии дониш ва маърифати экологӣ дар шуур ва ахлоқи ҷамъиятии одамон дар тӯли ҳаёт ва фаъолияти наслҳо, ки ба ҳаёти солим, болоравии маънавиёти ҷамъият, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, бехатарии экологии кишвар ва ҳар фарди алоҳида, мусоидат менамояд» [2, моддаи 1]. Барои таҳқиқоти мо муҳим аст, ки дар ин таъриф арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги экологӣ номбар шудаанд: мавқеи қонунгузор баррасии муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиатро ҳамчун ядрои арзишии фарҳанги экологӣ асоснок месозад. Дониши экологӣ бошад, дар ҳамин қонун ба унвони «бахши маърифати ҷамъиятиест, ки ба истифодаи бошууронаи табиат ва таъмини муҳити зисти бехатар барои инсон равона шудааст» [2, моддаи 1] шарҳ дода шудааст, ки ба ҷузъи маърифатии фарҳанги экологӣ мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти мутахассисони соҳа (Н.М. Мамедов, И.Т. Суравегина, А.С. Тихонов) нишон медиҳанд, ки ядрои мазмуни маърифати экологӣ аз чор ҷузъ иборат аст: ҷузъи илмӣ, ки ба ташаккули муносибати маърифатӣ нисбат ба муҳити зист равона шудааст; ҷузъи арзишӣ, ки ба ташаккули муносибати ахлоқӣ ва эстетикӣ ба табиат хизмат мекунад; ҷузъи меъёрӣ, ки ба азхудкунии қоидаҳо ва маҳдудиятҳои рафтори экологӣ нигаронида шудааст; ва ҷузъи фаъолиятӣ, ки малакаҳои маърифатӣ, амалӣ ва эҷодии фаъолияти экологиро фаро мегирад [84; 116; 121].

Мафҳуми «дониш» ҳамчун натиҷаи фаъолияти маърифатӣ маънидод мешавад, ки дар амал санҷида шуда, инъикоси дурусти воқеиятро дар шуури

инсон таъмин менамояд. Дониш ҳамчун ҷузъи таркибии ҷаҳонбинии инсон то андозае муносибати ӯро ба воқеият, арзишҳои ахлоқӣ ва эътиқод муайян мекунад, вале худ аз худ ба рафтори ахлоқӣ табдил намеёбад. Ш.И. Ҷумъаева дар ин бора менависад: «Таълими экологӣ бояд ба таври мунтазам ва комплексӣ ҳам ҳангоми омӯзиши асосҳои экология ва ҳам дар доираи фанҳои байнифаннӣ гузаронида шавад, аз ин рӯ он бояд дар ҳамаи марҳилаҳои синнусолӣ бефосила бошад» [46, с. 23]. Ин андеша барои мо аҳамияти махсус дорад, зеро зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ҳалқаи аввал ва асосии чунин низоми бефосила мебошад.

Мафҳуми фарҳанг ҳамчун истилоҳи васеъ маънои рушди ҳамаҷонибаи инсон ва муносибати ӯро бо муҳити табиӣ ва ҷомеа дар бар мегирад. Калимаи «культура» аз калимаи лотинии *cultura* – коркард, парвариш, тарбия бармеояд. Ба фикри Д.Н. Кавтарадзе, фарҳанг шакли интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ тавассути омӯхтани намунаҳои рафтор аз ҷониби ҳар насли нав мебошад, ки нигоҳдорӣ ва интиқоли таҷрибаи инсониро дар замон таъмин мекунад [64, с. 43–46]. В.М. Межуев таъкид мекунад, ки фарҳанг аҳамияти табиатро барои инсон нест намекунад, балки худ шакли хоси робитаи инсон бо табиат мебошад [88].

Барои дарки моҳияти арзишии фарҳанг мафҳуми «арзиш» аҳамияти калидӣ дорад. М.С. Каган арзишро ҳамчун маънои объект барои субъект, ки дар муносибати мутақобилаи онҳо ба вуҷуд меояд, тавсиф намуда, таъкид мекунад, ки арзиш на хосияти худи ашё, балки хосияти муносибати инсон ба он мебошад [65]. Аз ин нуқтаи назар, табиат барои кӯдак танҳо он гоҳ ба арзиш табдил меёбад, ки ӯ бо он муносибати шахсан аҳамиятнок барқарор намояд: дарахт дар ҳавлии мактаб барои кӯдак на «объекти омӯзиш», балки «дарахти мо» мегардад, ки ӯ онро об медиҳад ва ба он ғамхорӣ мекунад. Маҳз ҳамин гузариш аз маълумот дар бораи табиат ба муносибати шахсӣ бо он ҷавҳари ҷузъи арзишӣ-ангезавии фарҳанги экологиро ташкил медиҳад.

С.Н. Глазачев фарҳанги экологиро дар ҷаҳони тағйирёбанда ҳамчун асоси нави маънавии маориф баррасӣ намуда, онро бо масъулияти инсон

барои ояндаи сайёра пайваст мекунад [39]. Н.Д. Андреева дар таҳлили равишҳои методологии маорифи экологӣ таъкид менамояд, ки ҳадафи он на танҳо интиқоли донишҳои экологӣ, балки ташаккули низоми арзишҳо ва тарзи рафтори мувофиқ ба онҳо мебошад [21]. Ин мавқеъҳо бо таҳлили мо мувофиқат мекунанд ва зарурати баррасии фарҳанги экологиро ҳамчун сифати интегративии шахсият, на ҳамчун маҷмуи донишҳо, тасдиқ менамоянд.

Р.М. Кузиева мафҳуми саводи экологиро, ки бо фарҳанги экологӣ робитаи зич дорад, чунин шарҳ медиҳад: «саводи экологӣ ба ин маънӣ аст, ки фард дониш ва ақидаҳои хос, омодагӣ барои фаъолият ва ҳамчунин иқдомоти амалии худро, ки мутобиқ бо зарурати муроқибат аз табиат аст, дошта бошад. Ташаккулёбии чунин шахсе бояд ба бахше зарурӣ аз фаъолияти кулли системаи омӯзишӣ бадал шавад» [71, с. 77]. Ба андешаи мо, дар ин таъриф ҳамон се ҷанба – дониш, омодагӣ (ҳамчун ифодаи муносибат ва ангеза) ва амал – равшан ҷудо карда шудаанд, ки асоси сохтори фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоиро дар таҳқиқоти мо ташкил медиҳанд. Саводи экологӣ ва фарҳанги экологӣ аз ҳамдигар бо он фарқ мекунанд, ки аввалӣ ҳадди ақалли зарурии омодагии шахсро нишон медиҳад, дуввумӣ бошад, ҳолати устуворе мебошад, ки дар он дониш, муносибат ва амал ба боварӣ ва одати шахс мубаддал гаштаанд.

Мафҳуми «фарҳанги экологӣ» дар адабиёти илмӣ аз охири солҳои 70-ум ва оғози солҳои 80-уми асри XX васеъ истифода мешавад. Дар таҳқиқоти И.Д. Зверев, А.Н. Захлебный, Н.Ф. Реймерс, И.Т. Суравегина, Л.П. Печко, С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин ҷанбаҳои гуногуни он баррасӣ гардидаанд. Р.М. Кузиева ҳолати кунунии ин мафҳумро дар илм чунин тавсиф мекунад: «Фарҳанги экологӣ категорияи шоханок буда аз ҷузъиёти зиёд иборат мебошад. Айни замон дар байни муҳаққиқони соҳа фикру ақидаи ягонае дар бораи тавсифоти он дида нашавад, ҳам мазмунан фикрҳо ба якдигар наздиканд ва ё пурракунанда ва тақвиятбахшандаи ҳамдигар ба шумор мераванд» [71, с. 42]. Ҳамин гуногунии ақидаҳо моро водор месозад, ки

мавқеи худро нисбат ба сохтори фарҳанги экологӣ барои синни хурди мактабӣ равшан муайян намоем.

Ба андешаи И.Д. Зверев, фарҳанги экологӣ пешбинӣ мекунад, ки кӯдак дониш ва эътиқодҳои экологӣ дошта, барои фаъолият омода бошад ва амалҳоеро анҷом диҳад, ки ба эҳтиёт ва масъулият нисбат ба муҳити табиӣ ҷавобгӯ бошанд [53]. Мувофиқи назари Н.Ф. Реймерс, фарҳанги экологӣ ҳамчун зинаи муайян ва қисми ҷудонопазири инкишофи фарҳанги умумиинсонӣ баромад намуда, бо фаҳмиши аҳамияти ҳақиқии мушкилоти экологӣ барои зиндагӣ ва фардои инсоният муайян мегардад [108]. Академик Б.Т. Лихачев таъкид мекунад, ки фарҳанги экологӣ бояд бар донишҳои экологӣ асос ёфта, ҳамзамон аз сарватмандии эҳсосоти ахлоқӣ ва эстетикӣ ва таҷрибаи эҳсосии инсон, ки аз муошират бо табиат ба вуҷуд меояд, бархурдор бошад [81]. Л.П. Печко дар сохтори фарҳанги экологии хонандагон фарҳанги фаъолияти маърифатӣ, фарҳанги меҳнат ва фарҳанги муошърати маънавӣ бо табиатро ҷудо менамояд [101].

Р.М. Кузиева ба табиати нисбатан ҷавони ин мафҳум ишора намуда, қайд мекунад, ки фарҳанги экологӣ ҳамчун таълимот ва низоми донишҳо «дар солҳои 70-уми асри 20 зуҳур намудааст. Ин зуҳурот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ-озмоишӣ озмуда шуда бошад ҳам, то ба ҳол шарҳи пурра ва таърифи ягонаи худро наёфтааст» [71, с. 37]. Муаллиф дар ҳамин ҷо таърифи В.А. Игнатоваро меорад, ки фарҳанги экологиро «ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсоният, ки ифодакунанда ва ба меъёр дароварандаи муносибатҳои инсон дар тамоми намудҳои фаъолиятҳояш мебошад» [71, с. 37] маънидод кардааст. Таърифи мазкур барои мо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки вазифаи меъёрӣ ва танзимкунандаи фарҳанги экологиро ба пеш мегузорад: фарҳанг на танҳо он чиро, ки инсон медонад, балки он чиро, ки ӯ дар муносибат бо табиат раво ва нораво мешуморад, муайян месозад.

Олими тоҷик З.Н. Тӯраев дар бораи фарҳанги экологӣ чунин менигорад: «Он на танҳо маҷмӯи донишҳо, балки низоми арзишҳо ва муносибатҳоест, ки рафтори инсонро дар муҳити табиӣ танзим мекунад.

Моҳияти он дар ташаккули қобилияти дарк ва арзёбии таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист ва қабули қарорҳои масъулона зоҳир мешавад» [124, с. 5]. Дар саҳифаҳои минбаъда ӯ ба он ишора мекунад, ки «ташаккули фарҳанги экологӣ хусусияти мураккаб дошта, на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба тағйири низоми арзишҳо ва фаъол гардидани таҷрибаи амалии шахсият такя мекунад» [124, с. 58]. Мо бо ин мавқеъ розӣ ҳастем ва ҳамин се ҷанбаро – дониш, арзиш ва амал – асоси сохтори фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ қарор медиҳем.

Р.М. Кузиева ба паҳлуи рафтории фарҳанги экологӣ диққати алоҳида дода, онро чунин шарҳ медиҳад: «Рафтори экологӣ, ҳамбастагии амалҳои мушаххас ва фаъолиятҳои одамон мебошад, ки бевосита ва ё бо воситаи чизе ба муҳити табиат таъсир расонида мешавад ва ба истифодаи сарватҳои табиат нигаронида шудааст» [71, с. 46]. Аз ин таъриф бармеояд, ки бидуни рафтор ва амали мушаххас дар бораи ташаккули воқеии фарҳанги экологӣ сухан рондан мумкин нест.

Барои дарки амиқи моҳияти фарҳанги экологӣ робитаи он бо шуури экологӣ бояд махсус қайд карда шавад. З.Н. Тӯраев дар ин бора менависад: «Категорияҳои шуур ва фарҳанг дар низоми рушди шахсият бо ҳам робитаи зич дошта, якдигарро мутақобилан пурра менамоянд. Шуур ҳамчун механизми дарк ва танзими фаъолияти инсон баромад намуда, дар асоси он арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ ташаккул меёбанд» [124, с. 47]. Ба гуфтаи ҳамин олим, дар доираи робитаи мазкур «шуур мазмуни дохилиро ташаккул медиҳад, дар ҳоле ки муҳити фарҳангӣ самти рушди онро муайян месозад. Ин ҳамтаъсир ба ташаккули мавқеи устувори шахсият нисбат ба муҳити зист мусоидат менамояд» [124, с. 62]. Барои хонандаи синфи ибтидоӣ, ки шуури экологиаш ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, муҳити фарҳангии мактаб, оила ва маҳалла аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад: кӯдак меъёрҳои муносибат ба табиатро пеш аз он ки онҳоро ба таври мантиқӣ дарк намояд, аз фазои фарҳангии атрофаш – аз гуфтор ва рафтори калонсолон, аз расму оинҳои оила ва маҳалла – азхуд мекунад.

Дар робита ба ҷузъи маърифатии фарҳанги экологӣ бояд таъкид кард, ки на ҳаҷми донишҳо, балки низомнокии онҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Ба ин нукта З.Н. Тӯраев чунин ишора мекунад: «Дар ҳолате ки ин донишҳо пайдарпай, бо ҳамдигар пайваст ва бо арзишҳои ахлоқӣ ҳамгиро пешниҳод мешаванд, онҳо метавонанд ба ташаккули мавқеи устувори шахсӣ ва рафтори огоҳона оварда расонанд. Дар акси ҳол, донишҳо хусусияти пароканда гирифта, ба тағйири воқеии рафтор таъсири назаррас намерасонанд» [124, с. 5]. Вобаста ба ин муаллиф таъкид менамояд, ки «донишҳои пароканда наметавонанд дар зеҳни хонанда тасаввуроти мукаммал ба вуҷуд оваранд» [124, с. 6]. Пас, дар синфҳои ибтидоӣ донишҳои экологӣ бояд на ҳамчун маълумоти ҷудогона дар бораи ин ё он растанӣ ва ҳайвон, балки ҳамчун тасаввуроти ибтидоии ба ҳам алоқаманд дар бораи робитаҳои табиат ва ҷойгоҳи инсон дар он ташаккул ёбанд.

Ҳамгироии дониш, арзиш ва амалро муҳаққиқ ҳамчун нишонаи асосии фарҳанги экологии ташаккулёфта медонад: «Хонандагоне, ки дар онҳо фарҳанги экологӣ ташаккул ёфтааст, на танҳо донишҳои заруриро аз худ менамоянд, балки муносибати худро ба табиат ҳамчун арзиши муҳими ҳаёт дарк намуда, дар ҳифзи муҳити зист фаъолона иштирок мекунанд» [124, с. 36]. Дар ҷои дигар З.Н. Тӯраев таъкид менамояд, ки «бо такя ба таҳлилҳои илмӣ, дар сохтори фарҳанги экологӣ се ҷузъи асосӣ ҷудо карда мешаванд: эҳсосотӣ, маърифатӣ ва рафторӣ» [124, с. 63]. Чунин нуқтаи назар бо сохтори сеҷузъае, ки мо барои фарҳанги экологӣ пешниҳод мекунем, комилан ҳамоҳанг аст; тафовут фақат дар он зоҳир мегардад, ки ҷузъи эҳсосиро мо дар доираи васеътар – ба сифати ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ – маънидод менамоем, зеро дар синни хурди мактабӣ эҳсосот бевосита ба ангезаҳои рафтор табдил меёбанд.

Ҷамъбасти ақидаҳои зикршуда ба мо имкон медиҳад, ки фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоиро ҳамчун низоми мураккаби се ҷузъи ба ҳам алоқаманд баррасӣ намоем. Ин ҷузъҳо дар тамоми таҳқиқоти мо – дар

амсилаи педагогӣ, дар меъёрҳои арзёбӣ ва дар озмоиши педагогӣ – ҳамчун асоси ягона истифода мешаванд.

Ҷузъи маърифатӣ донишҳо ва тасаввуроти ибтидоии экологиро дар бар мегирад: фаҳмиши кӯдак дар бораи олами зинда ва падидаҳои табиати бейҷон, алоқаҳои соддатарини миёни онҳо, такяи зиндагии одамон ба неъматҳои табиат ва натиҷаҳои амалҳои инсон дар муҳити атроф. Масалан, дарки он, ки ифлос кардани ҷӯйбор ба ҳаёти моҳиён ва растаниҳо зарар мерасонад, заминаи маърифатии фарҳанги экологиро ташкил медиҳад.

Ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак олами табиатро чӣ гуна ҳис ва қадр мекунад: ба ҷондорон дилсӯзӣ менамояд, аз зебоии табиат лаззат мебарад, онро азиз медорад ва нигоҳубин мекунад, ба ҳифзи он рағбат ва майл дорад. Агар кӯдак табиатро ҳамчун арзиши ҳаётӣ дарк намояд, ӯ ба вайрон намудани муҳити зист бетафовут наменомад. Масалан, ташаккули эҳсоси масъулият нисбат ба истифодаи об дар минтақаҳои камоб боиси кам шудани исрофкорӣ ва ҳифзи манбаъҳои об мегардад.

Ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ дар амалҳои мушаххаси кӯдак зоҳир мегардад: риояи қоидаҳои рафтор дар табиат, нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот, сарфакорона истифода бурдани об ва барқ, ҷамъоварии партовҳо, иштирок дар ниҳолшинонӣ, маҳфилҳо ва аксияҳои экологӣ. Танҳо дар сурате ки дониш ва арзиш ба амал пайваст мегардад, метавон дар бораи ташаккули воқеии фарҳанги экологӣ сухан ронд.

Дар доираи инсондӯстии муосир муносибати ахлоқӣ-ғамхорона нисбат ба табиат ҳамчун хислати нек баҳо дода мешавад. Яке аз асосгузорони этикаи экологӣ О. Леопольд меъёри ахлоқии рафторро нисбат ба табиат чунин муайян намудааст: «Амал он гоҳ дуруст аст, ки ба ҳифзи якпорчагӣ, устуворӣ ва зебоии ҷомеаи биотикӣ мусоидат кунад; ва нодуруст аст, агар ба тарафи дигар майл дошта бошад» [145, p. 224–225]. Дар педагогикаи ватанӣ ва рус ин ғоя дар таҳқиқоти И.Ю. Алексашина оид ба гуманизатсияи таълими табиатшиносӣ инкишоф ёфтааст [16]. Татбиқи амалии ин ақида сиёсати

ҳифзи ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда мебошад, ки на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки арзиши ахлоқии ҳифзи табиатро низ дар назар дорад.

Таҳқиқоти сершумори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва педагогию психологӣ нишон медиҳанд, ки ҷомеаи технократӣ ба афзоиши миқдории истеҳсолот ва истеъмол алоқаманд буда, захираҳои табиатро тамом карда истодааст ва дар ин ҳол таъмини рушди устувори ҷомеаи инсонӣ ғайриимкон мегардад. Дарки амиқи моҳияти ин мушкилот имкон медиҳад хулоса барорем, ки ҳалли он ба ташаккули фарҳангу афкори нави ҷомеа вобаста буда, танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки маърифати экологӣ ба ҷузъи асосии фарҳанги экологӣ табдил ёбад. Тибқи асосҳои назарияи рушди устувор чунин фарҳанг танҳо ба он фаъолияти истеҳсолию истеъмолие иҷозат медиҳад, ки мувозинати ҷомеаи табииро вайрон намекунад.

Фарҳанги экологӣ аз ҷомеа талаб мекунад, ки ғояҳои табиатмеҳвариро қабул кунад, истеҳсолу истеъмолро бо хирад ба танзим дарорад ва сарфакориву сариштакориро риоя намояд; дар натиҷа фаъолияти ҳаётии ҷомеаи инсонӣ ба бошуурона маҳдуд кардани истеъмоли барзиёд алоқаманд мегардад. Масъалаи мазкур бознигарии тамоми ҷанбаҳои фарҳанги инсонӣ, аз ҷумла ташаккули муносибати нави эҳтиётткоронаи инсон бо табиатро дар асоси ғояҳои ҳифзи табиат ва меъёрҳои ахлоқӣ ба миён мегузорад.

Ташаккули муносибати инсонворона ва ғамхоронаи шахсияти муосир бо табиат дар фарҳанги инсонӣ ҳодисаи нави маънавӣ ба шумор меравад. Дар ин муносибатҳо шахсият ҳамчун субъекти фаъоли иҷтимоӣ бояд шаклҳои гуногуни муносибати ҷомеаи инсонӣ ва табиати иҳотакардаро ба танзим дароварда, дастовардҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва технологиро ба хизмати ҳифзи табиат равона созад. Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи демократӣ, ки ҳадафи асосиаш тарғибу татбиқи ғояҳои инсондӯстӣ ва тарбияи инсони комил мебошад, шароити мусоиди наверо барои ҳалли масъалаи муносибати мутақобилаи ҷомеа ва муҳити зист дар партави истифодаи оқилонаи сарватҳои табиат фароҳам меорад.

Тарбияи экологӣ ва ташаккули рафтори устувори экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ вазифаи муҳим ва мубрам мебошад. Тарбияи экологӣ ба хонандагон шароит муҳайё месозад, ки ба муҳити зист ва табиат эҳтиром гузоранд ва барои нигоҳ доштани муҳити зисти солим масъулият ҳис кунанд. Ҳамин тариқ, рафтори экологии устувор, ки дар синни хурди мактабӣ пайдо шуда, бо дониш ва малакаҳои амалии нигоҳдории табиат таҳким меёбад, дар оянда ба хонандагон имкон медиҳад, ки шаҳрвандони муфиди ҷомеа гарданд.

Тарбияи экологии хонандагон на танҳо дар доираи дарсҳо, балки дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ низ амалӣ гардонида мешавад. Дар машғулиятҳои беруназсинфӣ донишҳои дар дарс бадастомада мустаҳкам гардида, шакл ва муҳити гузаронидани онҳо барои кӯдакон ҷолибу фароғатӣ буда, диққати онҳоро ба табиат ҷалб менамояд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин чунин машғулиятҳо бояд бо усулҳо ва шаклҳои гуногун гузаронида шаванд, то хонандагон на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъоли раванди тарбия бошанд.

Маърифати экологӣ ба хонандагон тавассути шиносоии мустақим бо табиат ва мушоҳидаҳо дар муҳити атроф таҳким меёбад. Ж.-Ж. Руссо ҳанӯз дар асри XVIII пешниҳод мекард, ки кӯдак бояд дар муҳити табиӣ тарбия ёбад, то кунҷковии табиӣ ва қобилияти омӯхтани олами атрофро инкишоф диҳад [111]. В.А. Игнатова саёҳатро ҳамчун шакли ташкилии таълим тавсиф мекунад, ки ба хонандагон имкон медиҳад донишҳоро дар муҳити табиӣ ва сунъӣ тавассути мушоҳида ва таҷрибаи бевосита ба даст оранд [62]. С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин саёҳати экологиро шакли таълими экологӣ медонанд, ки боздиди гурӯҳиро аз манзараҳои табиӣ ё муассисаҳои фарҳангӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ва тарбиявӣ дар бар мегирад [45].

Табиат барои инсон на танҳо объекти шинохт, балки манбаи ҳаловати эстетикӣ низ мебошад. Ин ҳодиса ба одами аз ҷиҳати зебоишиносӣ рушдёфта лаззати рӯҳӣ мебахшад ва ӯро ба ҳифзи зебоии табиат водор месозад. Истифодаи сарватҳои табиат аз инсоният рушди тафаккури экологиро тақозо

менамояд, зеро муносибати бошуурона ба ҳифзи табиат ва муборизаи фаъол бо вайронкунандагони қонуниятҳои табиӣ танҳо дар заминаи ҷаҳонбинии илмӣ ва фарҳанги экологӣ имконпазир аст.

Шиддат гирифтани ихтилофот дар муносибати мутақобилаи ҷомеа ва муҳити табиӣ ба рушди соҳаҳои нави илм, аз қабили экологияи тиббӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ сабаб гардид, ки мақсади онҳо танзими муносибатҳои иҷтимоию экологӣ бо мақсади беҳдошти шароити муҳити зист барои ҳамаи сокинони он мебошад. Муҳаққиқи соҳа В.А. Игнатова қайд менамояд, ки тамаддуни муосир дар шароити гардиши босуръати иттилоот беш аз пеш аз сифатҳои инсонӣ дур гашта истодааст [59].

В.Л. Алексенко вазъи экологиро нишондиҳандаи буҳрони ошкори ҷаҳонбинӣ дар ҷаҳони муосир мешуморад ва тарбияи одамонро дар рӯҳияи инсонпарварии воқеӣ зарур медонад [17]. Э. Фромм дар асари худ «Иметь или быть?» нишон додааст, ки бартарии тарзи ҳаёти ба «доштан» нигаронидашуда нисбат ба тарзи ҳаёти ба «будан» нигаронидашуда аз таназзули маънавӣ ва муносибати истеъмолгароёна ба олам, аз ҷумла ба табиат, дарак медиҳад [131].

Рафъи ҳолати буҳронии муосири умумисайёравӣ бе тағйири куллии шуури инсоният, бидуни таҳаввулоти фарҳангию маънавӣ ғайриимкон аст, зеро инсон ягона мавҷуди соҳибшуури биосфера мебошад. Сарфи назар аз инқилоби бузурги илмию техникӣ, ҷомеаи инсонӣ ҳоло ҳам асрори кашфношударо дар худ ва табиати иҳотакардааш дорад ва роҳҳои тағйир додани тафаккур ва арзишҳои инсониро меҷӯяд.

Буҳрони экологӣ, ки хусусияти умумиҷаҳонӣ касб намуда, масоҳатҳои бузурги сайёраро фаро гирифтааст, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният таъсири манфӣ мерасонад. Ҷомеаи инсониро зарур аст дарк намояд, ки баланд гардидани сатҳи истеъмол ва муносибати истеъмолгароёна ба табиат боиси харобии муҳити зист гардидааст. Р.М. Кузиева дар ин замина таъкид мекунад: «Ҷомеаи инсониро зарур аст, ки дар тамоми сатҳҳои ҷамъиятӣ дарк

намояд, ки муносибатро ба муҳити зист ба куллӣ бояд дигар намояд, то ин ки саломатию ҳаёти худро ва дар маҷмӯъ сайёраро ҳифз намояд» [71, с. 36].

Аксари муҳаққиқон сарчашмаи асосии бӯҳрони экологии имрӯзаро дар таназзули маънавӣ ва тафаккури башар мебинанд, ки дар робитаҳои инсон, ҷомеа ва табиат ошкор мегардад. Ба сабабҳои асосии он метавон муносибати истеъмолгароёнаи таърихан ташаккулёфта ба табиат, сатҳи пасти маърифати экологии қишрҳои муайяни аҳолӣ, аз табиат дур гардидани кӯдакон дар шароити шаҳрнишинӣ [146] ва нокифоя будани тарбияи ахлоқӣ-экологӣ дар оила ва мактабро дохил намуд. Ин омилҳо боиси коҳиши гуногунии биологӣ дар натиҷаи истифодаи нооқилонаи захираҳои табиӣ гардида, раванди ифлосшавии муҳити зистро метезонанд.

Дар миёнаҳои асри XX консепсияи рушди устувор ташаккул ёфт, ки дар меҳвари он ғояи мувофиқати фаъолияти хоҷагидории инсон бо имкониятҳои табиӣ ва ҳифзи манфиатҳои наслҳои оянда қарор дорад. Ин консепсия дар маърӯзаи Комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд «Ояндаи умумии мо» (1987) асоснок гардид [12]. Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд, ки соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейро баргузор гардид, барномаи «Рӯзномаи асри XXI»-ро қабул намуд [13]. Дар ин ҳуҷҷатҳо таъкид мегардад, ки гузариш ба рушди устувор риояи асосҳои зеринро тақозо менамояд:

– тағйир додани қолабҳои таърихан ташаккулёфтаи истеъмол ва муносибати инсон бо табиат;

– оқилона кам кардани ҳаҷми истеъмоли захираҳо аз ҷониби ҳар як шахс ва ҷомеа;

– ба инобат гирифтани талаботи ҳифзи муҳити зист дар қабули ҳама гуна қарорҳои иҷтимоию иқтисодӣ;

– тарғиби сарфаю сариштакорӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ тавассути низоми таҳсилот ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ;

– ҷалби фаъолонаи ҷомеа, аз ҷумла кӯдакону ҷавонон, ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист.

Боби 36-уми «Рӯзномаи асри XXI» махсус ба масъалаҳои маориф, огоҳонии ҷомеа ва омодасозии кадрҳо бахшида шуда, маърифати экологиро омили ҳалкунандаи рушди устувор эълон менамояд [13]. Ин ҳолат нақши мактаб, аз ҷумла зинаи ибтидоии онро, дар ташаккули фарҳанги экологӣ боз ҳам меафзояд.

В.И. Данилов-Данилян рушди устуворро на ҳамчун ҳолати ниҳоӣ, балки ҳамчун роҳи интихобшудае тавсиф мекунад, ки аз ҷомеа тағйири куллии арзишҳо ва тарзи ҳаётро талаб менамояд; ба андешаи ӯ, бе ташаккули фарҳанги экологии аҳолӣ ҳеҷ гуна тадбирҳои иқтисодӣ ва техникӣ гузариш ба рушди устуворро таъмин карда наметавонанд [42]. Аз ин нуқтаи назар, тарбияи экологии кӯдакон сармоягузорӣ ба ояндаи ҷомеа мебошад: насле, ки имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ таҳсил мекунад, дар даҳсолаҳои оянда қарорҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиии кишварро қабул хоҳад кард.

Талаботи ҳифзи муҳити зист ба низоми арзишҳое пайваст мегардад, ки инсонро ҳамчун арзиши олии умумибашарӣ эътироф карда, ҳуқуқҳои ӯро ба хушбахтӣ, озодӣ ва ҳаёти шоиста ҳимоя мекунад. Айни замон дар сохтори муносибатҳо бо табиат инсон бояд ҳамчун субъекти масъул дар назди дигар намояндагони биосфера баромад намояд. Пуркувват гардонидани неруи танзимкунандаи фарҳанги экологӣ, мувофиқ сохтани рафтору муносибати инсон бо меъёрҳои экологӣ ва бартараф намудани муносибати зӯроварона ба табиат барои таъмини шароити мусоиди ҳаёти наслҳои оянда танҳо дар доираи ғояҳои башардӯстӣ имконпазир аст.

Мо дар қатори дигар муҳаққиқон инсонпарвариро ҷузъи муҳими шуури инсонӣ ва фарҳанги умумибашарӣ мешуморем. Методҳое, ки арзишҳои экологиро таҳлил ва ислоҳ мекунанд, самарабахштаринанд, зеро хонандагонро водор мекунанд, ки на танҳо манфиатҳо ва ниёзҳои худро дарк кунанд, балки арзишҳои муҳими экологиро низ ба назар гиранд. Омӯзгорон бо такя ба мушоҳидаи мустақим ва далелҳои аёнӣ кӯшиш мекунанд, ки дар хонандагон аксуламалҳои эҳсосиро нисбат ба табиат бедор намуда, онҳоро ба масъалаҳои экологӣ ҳидоят намоянд.

Дар марҳилаи ташаккули тасаввурот дар бораи масъалаҳои экологӣ усулҳои фаъолияте, ки барои рушди мустақилияти хонандагон пешбинӣ шудаанд, хеле муҳиманд. Ба хонандагон супоришҳои содда дода мешаванд, ки ба ошкор намудани таъсири фаъолияти инсон ба табиати маҳал равона гардида, онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилот ҳидоят мекунанд. Баҳсу мулоҳизаҳое, ки ҳангоми иҷрои ин супоришҳо сар мезананд, ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки нуқтаи назари худро оид ба мушкилоти экологӣ ифода кунанд ва вазъи ҳақиқии табиати диёри худро беҳтар шиносанд.

Ғояҳои муосири экологӣ қадами навбатии рушди ахлоқи башардӯстӣ мебошанд. Айни ҳол сухан на танҳо дар бораи муносибати эҳтиромонаи ҳамзамонон бо ҳамдигар, балки дар бораи ғамхорӣ ба беҳбудии шароити зист ва муҳити табиии наслҳои оянда, дар бораи нигоҳ доштани биосфера – хонаи умумие, ки дар он ҳамаи мо бо дигар мавҷудоти зинда истиқомат мекунем, меравад. Асоси рушди устуворро ғояи сарфакорӣ ташкил медиҳад, ки маъноаш пайваста ва бо нақша коҳиш додани масрафи аз ҳад зиёди сарватҳои табиӣ мебошад. Агар инсон хоҳишҳои истеъмолии худро огоҳона маҳдуд ва танзим созад, ин аз ҳар гуна андоз ва ҷарима натиҷаи бештар медиҳад, зеро дар ин ҳолат худи шахс зарурати онро дарк мекунад. Аз ин рӯ, нақши маориф ва низоми таҳсилот бениҳоят меафзояд, ки ба шахсият барои мустақилона муайян кардани рафтори ҳифзи табиат дар заминаи виҷдон ёрӣ мерасонад.

Мафҳумҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» дар назари аввал ҳаммаъно ба назар мерасанд, вале чунин нест. Ба андешаи Г.С. Голошумова, гуманизм ҳамчун мафҳуми фалсафӣ ва иҷтимоӣ чунин ҷаҳонбиниеро ифода мекунад, ки муносибати ҷомеаро нисбат ба инсон ҳамчун арзиши олитарини умумибашарӣ муайян месозад [41]. Ба ибораи дигар, гуманизм мафҳуми фалсафӣ ва ғоявӣ мебошад, инсондӯстӣ бошад, хислати шахсиест, ки мазмуни он бо риояи анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи муносибати хайрхоҳона муайян карда мешавад.

Ба ақидаи О.В. Вакуленко, инсондӯстиро метавон ҳамчун хусусияти олии шахсият қабул кард, ки маҷмуи хислатҳоро дар бар гирифта, муносибати эҳтиётткоронаи шахсро ба инсон, ҷомеа ва табиат ифода мекунад [35]. Ин хосиятҳо дар муносибатҳои байнишахсӣ ташаккул ёфта, талаботи маънавии шахс, хоҳиши дар дигарон дидани дӯст ва ба нафъи дигарон зиндагӣ карданро инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, инсондӯстӣ ҳамчун сифати инсон маҷмуи хосиятҳои ахлоқию равониро дар бар гирифта, муносибати бошуурона ва дилсӯзонаро нисбат ба мавҷудоти зинда, инсон ва олами атроф ҳамчун арзиши олӣ ифода мекунад [118].

Ба ақидаи мо, муносибати намунавии байни одамон ба муносибати идеалии байни инсон ва табиат бояд мувофиқ бошад. Дар ин замина талаботи зерин хеле муҳиманд:

– бо таври доимӣ ба ниёзҳои моддию маънавии дигарон, аз ҷумла мавҷудоти зинда, диққат додан;

– ҳама гуна зӯроварӣ ба шаклҳои ҳаётро ҳамчун амали бадахлоқона арзёбӣ намудан;

– ҳар гуна ихтилофу вазъиятҳои баҳсбарангезро аз нуқтаи назари ақлу хирад ва адолат ҳал намудан.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифз ва беҳдошти муҳити зист як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул намудааст, ки ҳадафи онҳо ҳалли самараноки масъалаҳои экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифату масъулияти экологии аҳолӣ мебошад. Аз ҷумлаи онҳо қонунҳои «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» [3] ва «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [2], санадҳои қонунгузорӣ оид ба муҳофизати ҳавои атмосфера, ҳифз ва истифодаи наботот ва ҳайвонот, ҳамчунин барномаҳои давлатии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолиро номбар кардан мумкин аст. Ин ҳуҷҷатҳо ба он нигаронида шудаанд, ки асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифати экологӣ таҳким ёбанд, ҷаҳонбинии экологии шаҳрвандон шакл гирад, ҳолати муҳити зист беҳтар гардад, аз сарватҳои

табиӣ бо хирад истифода шавад ва барои зиндагии солими мардуми кишвар шароити арзанда муҳайё карда шавад.

Гарчанде ки дар бораи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва муносибати ахлоқӣ-башардӯстонаи шахсият сарчашмаҳои зиёд мавҷуданд, ин масъала нисбат ба синни хурди мактабӣ ба андозаи кофӣ таҳқиқ нашудааст. Ба ақидаи муҳаққиқони соҳа (Ж. Аллак, А.Д. Урсул, Б.Т. Лихачев, В.А. Дмитриенко), низоми анъанавии таълим, ки асосан ба интиқоли дониш нигаронида шудааст, наметавонад ташаккули ҷаҳонбинии нави экологиро пурра таъмин намояд [18; 126; 82; 47].

Ҷаҳонбинӣ як навъи шуури иҷтимоӣ аст, ки шахсият дар натиҷаи фаъолияти рӯзмарра, муошират ва муносибат бо табиат ба даст меорад. Ҷаҳонбиниро бо маҷмуи донишҳои мо баробар кардан мумкин нест, балки он хулосаи умумӣ ва низомноки онҳост. Ҷаҳонбинӣ ҳамчун меҳвари донишҳо онҳоро ба низоми муайян дароварда, ба сохтори таркибии маънавиёти шахс табдил медиҳад, ки тавассути он олами атроф аз тарафи шахс дарк мешавад. П.В. Копнин қайд намудааст, ки робитаи инсон ва табиат ҳамчун ҷаҳонбинии махсус ба таъмини муносибати хайрхоҳонаи ҳардуи онҳо дар заминаи қонунҳои умумии мавҷудияти биосфера нигаронида шудааст [70]. В.И. Шинкарук ҷаҳонбиниро шакли махсуси худогоҳии иҷтимоии шахс медонад, ки бо воситаи низоми томи тасаввурот ва мафҳумҳо шакл гирифта, тарзҳои гуногуни зиндагонии одамонро инъикос менамояд [139].

Мафҳуми ҷаҳонбинӣ паҳлуҳои зеҳнӣ ва эҳсосӣ-арзишии ақидаҳо, эътиқодот, муносибат ва фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Дар бораи ҷаҳонбинӣ сухан ронда, бояд ба назар гирифт, ки муносибати инсон ба олам, махсусан ба табиат, ҷанбаи зарурии онро ташкил медиҳад, зеро ҷаҳонбинӣ ҳам тасвири оламро дар шуури инсон ва ҳам баҳои арзишии ӯро нисбат ба ин олам фаро мегирад. А.Н. Захлебный, И.Д. Зверев, И.Н. Пономарева ва И.Т. Суравегина маҳз ҳамин паҳлуи вазифаҳои ҷаҳонбинии экологиро дар назарияи таълим ва тарбияи экологӣ баррасӣ намудаанд [52; 56; 105; 116].

Калимаи «экология» аз калимаҳои юнонии *oikos* – манзил, хона ва *logos* – илм таркиб ёфта, маънои «илм дар бораи манзил»-ро дорад. Ин истилоҳро соли 1866 табиатшиноси олмонӣ Эрнст Геккел ба истифодаи илмӣ ворид кард. Ӯ муносибати байни мавҷудоти зинда ва муҳити зистро мавзуи экология медонист. Дар илми муосир мафҳуми «экология» танҳо бо маънои биологии он маҳдуд намешавад. Ҳангоми татбиқ ба ҷомеа ва инсон ҷанбаи биологии ин мафҳум бо омилҳои иҷтимоӣ, техникӣ ва гигиении ҳаёти инсон пайваст мегардад. Аз ин рӯ, экологияи иҷтимоӣ, техникӣ ва тиббӣ фарқ карда мешаванд, ки дар якҷоягӣ бо экологияи табиӣ экологияи умумиро ташкил медиҳанд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «экологӣ» ба объектҳо ва равандҳои зерин ишора мекунад: объектҳо, усулҳо ва назарияҳое, ки бар илми экология асос ёфтаанд; хусусиятҳои муҳити табиӣ ва дараҷаи тозагӣ ё ифлосии он; тарзи зиндагӣ ва шаклҳои рафтор, ки ба ҳамзистии мутаносиби инсон бо табиат мусоидат мекунанд; меъёрҳо ва талаботи марбут ба ҳифзи муҳити зист; ақидаҳо ва консепсияҳои фалсафӣ, ки ба муносибати инсон ба табиат алоқаманданд. Дар синфҳои ибтидоӣ омӯзиши ин маъноҳо дар шакли дастрас ва бо такя ба таҷрибаи ҳаётии кӯдак сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки рушди огоҳии экологӣ ва фарҳанги ахлоқӣ ногузир бо тарбияи экологӣ робита дорад. Ҳангоми ташкили таҳқиқот мо аз он асос гирифтем, ки дарк, арзёбӣ ва таҷрибаи эстетикии объектҳои табиати зинда ва ғайризинда на танҳо усули муҳими таъсири мутақобилаи инсони муосир бо табиат, балки омили фаъоли тарбияи ахлоқӣ буда, мавқеи фаъол, ғамхорона ва фарҳанги рафтори шахсро ташаккул медиҳад. Тарбияи ахлоқӣ ва экологӣ хонандагонро ба ҳифзи муҳити зист ҳавасманд гардонида, фарҳанги экологии онҳоро ташаккул медиҳад.

Табиат дар раванди корҳои беруназсинфӣ на танҳо ҳамчун муҳити моддии вуҷуди инсон, балки ҳамчун муҳити маънавӣ, ки ба объектҳои дониши илмӣ ва бадеӣ дохил карда шудааст, инчунин ҳамчун объект ва воситаи фаъолияти инсонӣ баррасӣ мешавад. Дар ин маврид мо ба асарҳои

омӯзгорон ва олимони маъруф И.Ф. Харламов [133], О.С. Богданова [30], Л.Ф. Островская [97], В.А. Сластенин [115], В.М. Сенкевич [113] ва Л.Н. Толстой [122] такя намудем.

Пеш аз таҳлили мафҳуми муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат худи мафҳуми «ҳифзи табиат»-ро бояд дақиқ намуд. Дар адабиёти илмӣ ин мафҳум таҳаввули назаррасро аз сар гузаронидааст. Дар нимаи аввали асри ХХ ҳифзи табиат асосан ҳамчун муҳофизати объектҳои алоҳида – намудҳои нодири растаниҳо ва ҳайвонот, манзараҳои беназир – тавассути таъсиси мамнӯъгоҳҳо фаҳмида мешуд. Баъдан, бо рушди экология ҳамчун илм, ҳифзи табиат ҳамчун низоми чорабиниҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои нигоҳдорӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист аз ифлосшавӣ маънидод гардид [63]. В.В. Дежкин таъкид мекард, ки ҳифзи табиат на манъ кардани истифодаи он, балки илм ва санъати истифодаи оқилонаи он бо назардошти манфиатҳои наслҳои оянда мебошад [44]. Н.Ф. Реймерс бошад, дар «экологияи консептуалӣ»-и худ ҳифзи табиатро бо зарурати тағйири тарзи тафаккур ва арзишҳои инсоният пайваст намуда, ба ҷанбаи ахлоқии он таваҷҷуҳи махсус додааст [107].

Дар мафҳуми «ҳифзи табиат» ҳамин тариқ се ҷанба ҷудо карда мешавад: ҳимоявӣ (пешгирии зарар ва нобудшавӣ), оқилона истифодабарӣ (сарфакорӣ ва мувофиқати истифода бо имкониятҳои табиат) ва барқарорсозӣ (ниҳолшинонӣ, тоза кардани обанборҳо, ғамхорӣ ба мавҷудоти зинда). Барои хонандаи синфи ибтидоӣ ҳар се ҷанба дар шакли амалҳои мушаххас ва фаҳмо зоҳир мегардад: гул накандан ва ҳайвонотро наранҷонидан (ҳимоя), обу баркро сарфа кардан (истифодаи оқилона), ниҳол шинондан ва ба паррандагон ғизо додан (барқарорсозӣ ва ғамхорӣ). Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат маҳз дар он ифода меёбад, ки кӯдак ин амалҳоро на аз тарси ҷазо ё барои таъриф, балки аз рӯйи эътиқоди дохилӣ ва ҳисси масъулият анҷом медиҳад.

Д.С. Лихачёв дар асари «Мактубҳо дар бораи некӣ ва зебоӣ», ки ба хонандагони наврас бахшида шудааст, нигоҳдории табиат ва нигоҳдории

мероси фарҳангиро ду паҳлуи як «экологияи ягона» медонад ва бар он аст, ки меҳр ба диёри зодгоҳ, ба табиат ва фарҳанги он асоси ахлоқии шахсият мебошад [83]. Ин андеша барои таҳқиқоти мо аҳамияти махсус дорад, зеро он муносибати ахлоқӣ ба табиатро бо муҳаббат ба Ватан ва мероси фарҳангии халқ пайваст месозад, ки дар шароити Тоҷикистон, бо анъанаҳои бои ахлоқии муносибат ба табиат, имкониятҳои васеи тарбиявӣ дорад.

Ташаккули фарҳанги экологӣ раванди бефосила буда, аз синни томактабӣ оғоз ёфта, дар тамоми зинаҳои таҳсилот идома меёбад. Ба ақидаи Р.М. Кузиева, бӯҳрони экологиро фақат бо роҳи болоравии саводу фарҳанги экологӣ ва табиатдӯстии мардум метавон пешгирӣ кард, «ва ин амалро аз синни хурди кӯдакӣ, аз замони то ба мактаб омадани кӯдак сар кардан зарур аст. Дар мактаб бояд тамоми раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ҷанбаи экологие дар худ дошта бошад» [71, с. 35]. Ш.И. Ҷумъаева мазмуни таълими бефосилаи экологиро бо як қатор ҳадафҳои тарбиявӣ муайян менамояд. Аз нигоҳи ӯ, таълими пайвастаи экологӣ шахсро водор месозад, ки: «робитаи инсонро бо муҳити зисти атрофаш дарк намояд; фаҳмад, ки табиат хонаи умумии мост, ки бе он зиндагӣ карда наметавонем; дарк намояд, ки инсон қисми худи табиат аст; ҳар он чиро, ки дар атрофи инсон аст, эҳтиёт кунад ва дӯст дорад; оқибатҳои фаъолияти инсонро барои муҳити зист дарк намояд; дар хонаи умумӣ дуруст зиндагӣ кунад, то онро бе осеб ба насли оянда супорад» [46, с. 25–26]. Ин ҳадафҳо, ки муаллиф нисбат ба тамоми зинаҳои таҳсилот баён кардааст, дар синфҳои ибтидоӣ дар шакли тасаввурот ва эҳсосоти кӯдакона ташаккул меёбанд: ибораи «табиат – хонаи умумии мо» барои хонандаи хурдсол на мафҳуми илмӣ, балки тасвири эҳсосии наздик ва фаҳмо мебошад, ки ба он масъулияти шахсии кӯдак барои «хона»-и худ пайваст мегардад.

Ш.И. Ҷумъаева вазифаҳои асосии таълими экологиро низ мушаххас намуда, онҳоро чунин номбар мекунад: вазифаҳои «таълимӣ-маърифатӣ, тарбиявӣ-ҷаҳонбинӣ, ҳамгирокунанда-низомсоз, арзишӣ-ҳифзитабиатӣ, иҷтимоӣ, фарҳангшиносӣ, ватандӯстӣ» [46, с. 19]. Бо такя ба ин тасниф ва бо

назардошти хусусиятҳои синни хурди мактабӣ мо вазифаҳои зерини фарҳанги экологиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷудо менамоем:

– вазифаи маърифатӣ – ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи табиати зодгоҳ, робитаҳои он ва ҷойгоҳи инсон дар табиат;

– вазифаи арзишӣ-ахлоқӣ – қадр кардани табиат ҳамчун арзиш ва парваридани ҳисси дилсӯзӣ, меҳрубонӣ ва ҷавобгарӣ;

– вазифаи танзимкунанда – муайян кардани қоидаву меъёрҳои рафтор дар муҳити табиӣ ва мувофиқи онҳо назорат кардани кирдори худ аз ҷониби кӯдак;

– вазифаи иҷтимоӣ-ҳамгироӣ – ҷалби кӯдак ба корҳои якҷояи табиатҳифзкунӣ дар мактаб, дар хонавода ва дар маҳалла;

– вазифаи фарҳангӣ-ватандӯстӣ – ба ҳам омехтани эҳтиром ба табиат бо меҳри Ватан, забони модарӣ ва суннатҳои миллӣ.

Ин вазифаҳо дар якҷоягӣ амал намуда, бо се ҷузъи фарҳанги экологӣ мутобиқат мекунанд: вазифаи маърифатӣ асосан ба ҷузъи маърифатӣ, вазифаҳои арзишӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ-ватандӯстӣ ба ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ, вазифаҳои танзимкунанда ва иҷтимоӣ-ҳамгироӣ ба ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ нигаронида шудаанд. Вазифаи иҷтимоӣ-ҳамгироӣ барои таҳқиқоти мо аҳамияти махсус дорад, зеро маҳз он фарҳанги экологиро бо фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон пайваст месозад: кӯдак на дар танҳоӣ, балки дар ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва калонсолон, дар иштирок дар корҳои муфиди ҷамъиятӣ меъёрҳои муносибат ба табиатро азхуд мекунад.

Дар назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ин ҳолат асоси методологии худро дорад. А.В. Мудрик иҷтимоишавии кӯдакро ҳамчун раванди азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ – оила, мактаб, гурӯҳи ҳамсолон, ташкилотҳои маҳал – баррасӣ мекунад [92]. А.Д. Жарков фаъолияти фарҳангӣ-фароғатиро соҳаи махсуси рушди шахсият медонад, ки дар он фаъолнокии ихтиёрӣ ва эҷодии инсон дар вақти озод амалӣ мегардад [50]. Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологии хонандагон на илова ба дарс,

балки муҳити мустақили тарбия мебошад, ки кӯдак дар он бо иродаи худ, бо рағбат ва якҷоя бо ҳамсолону калонсолон кор мекунад; аз ҳамин сабаб арзишҳои экологӣ дар чунин фазо ба боварии шахсии ӯ мубаддал мегарданд.

Акнун ба таҳлили моҳияти **муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат** ҳамчун ядрои арзишии фарҳанги экологӣ мегузарем. Ақидаҳои олимонро дар бораи мафҳумҳои «ҳифзи табиат», «муносибат», «арзиши инсонӣ» ва «башардӯстии муосир» таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат сифати омехтаи шахсият мебошад, ки ҷузъҳои ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ ва амалии сохтори шахсиятро ҳамоҳанг гардонида, дар муносибатҳои ӯ бо табиат ва муҳити иҷтимоӣ-табиӣ инъикос меёбад. Шахсият дар ақидаҳояш табиатро ҳамчун арзиши мустақил эътироф карда, ниёзҳои истеъмолии худро бо имкониятҳои табиат мувофиқ мегардонад ва ҳатто барои беҳдошту барқарорсозии табиат аз баъзе манфиатҳои худ мегузарад.

С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин қайд намудаанд, ки муносибати субъективӣ ба табиат заминаи асосии олами ботинии шахсиятро ташкил медиҳад; он хусусиятҳои майлу хоҳишҳои шахсро нисбат ба ашё ва ҳодисаҳои табиат муайян карда, дар рафтори ӯ инъикос меёбад [45]. И.Ф. Петров асоси муносибати шахсро ба табиат бо ниёзҳои ботинии ӯ алоқаманд намуда, онро ҳамчун низоми хислатҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ устувор тавсиф мекунад [99]. Таҳқиқоти хориҷӣ низ ин хулосаро тасдиқ менамоянд: Э. Калс ва ҳаммуаллифон нишон додаанд, ки наздикии эҳсосӣ ба табиат, ки дар таҷрибаи кӯдакӣ ташаккул меёбад, ангезаи пурқуввати рафтори ҳифзи табиат мебошад [144].

Барои тавсифи психологии муносибати ахлоқӣ ба табиат таҳқиқоти В.А. Ясвин аҳамияти махсус дорад. Муаллиф муносибати субъективӣ ба табиатро аз рӯйи як қатор параметрҳо тавсиф менамояд, ки муҳимтарини онҳо модалият ва шиддатнокӣ мебошанд [141]. Модалият нишон медиҳад, ки табиат барои шахс пеш аз ҳама чӣ гуна арзиш дорад: ҳамчун манбаи зебоӣ (модалияти эстетикӣ), ҳамчун объекти шинохт (модалияти маърифатӣ),

ҳамчун объекти ҳифз ва ғамхорӣ (модалияти ахлоқӣ) ё ҳамчун манбаи истифода ва фоида (модалияти прагматикӣ). Шиддатнокии муносибат дар чор ҷузъ зоҳир мегардад: персептивӣ-аффективӣ (дарки эҳсосии табиат), маърифатӣ (майл ба гирифтани маълумот дар бораи он), амалӣ (майл ба муошарати амалӣ бо табиат) ва кирдорӣ (омодагӣ ба амалҳои ҳифзи табиат) [141; 45].

Ин тасниф барои таҳқиқоти мо ду хулосаи муҳим медиҳад. Аввалан, муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ба модалияти ахлоқӣ мувофиқ буда, дар кӯдакони хурдсол аксар вақт бо модалияти эстетикӣ ва маърифатӣ ҳамроҳ мегардад: кӯдак аввал зебоии табиатро эҳсос мекунад ва ба он кунҷковӣ зоҳир менамояд ва танҳо баъдан ба зарурати ҳифзи он мерасад. Аз ин рӯ, тарбияи МАҲТ дар синфҳои ибтидоӣ бояд аз таҷрибаи эстетикӣ ва маърифатӣ оғоз ёбад. Сониян, ҷузъҳои шиддатнокии муносибат бо се ҷузъи фарҳанги экологии мо мутобиқат мекунанд: ҷузъи персептивӣ-аффективӣ – ба ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ, ҷузъи маърифатӣ – ба ҷузъи маърифатӣ, ҷузъҳои амалӣ ва кирдорӣ – ба ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ. Ин мутобиқат асоснокии психологии сохтори сеҷузъии пешниҳодкардаи моро тасдиқ менамояд.

С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин инчунин ду навъи асосии шуури экологиро ҷудо мекунанд: антропосентрӣ, ки инсонро арзиши олитарин ва табиатро танҳо сарчашмаи таъмини эҳтиёҷоти ӯ мешуморад, ва экосентрӣ, ки инсон ва табиатро ҷузъҳои ҳамарзиши як низоми томм медонад ва робита бо табиатро бар асоси ҳамзистӣ бино мекунад [45]. Ба андешаи муаллифон, яке аз вазифаҳои маорифи экологӣ ташаккули тадриҷии шуури экосентрӣ мебошад. Дар синни хурди мактабӣ ин раванд тавассути «субъектикунонии» табиат сурат мегирад: кӯдак ба растаниҳо ва ҳайвонот ҳамчун мавҷудоти зинда, ки эҳсос мекунанд ва ба ғамхорӣ ниёз доранд, муносибат мекунад. Ин хусусияти табиии тафаккури кӯдак, ки дар бозиҳо ва афсонаҳо зоҳир мешавад, метавонад ҳамчун захираи муҳими тарбияи ахлоқӣ-экологӣ истифода гардад.

Дар сохтори МАҲТ-и хонандаи синфи ибтидоӣ мо нишондиҳандаҳои зеринро ҷудо менамоем, ки онҳо ба ҷузъҳои фарҳанги экологӣ мутобиқанд:

– ҳамдардӣ ва шафқат – қобилияти дарк намудани ҳолу аҳволи ҷондорон ва майли ба онҳо мадад расонидан;

– ғамхорӣ ва меҳрубонӣ – рағбат ба парвариши гиёҳон ва нигоҳубини ҳайвонот, бо эҳтиёт муносибат кардан ба муҳити гирду атроф;

– масъулиятшиносӣ – фаҳмиши он, ки рафтори ман ба табиат таъсир мерасонад ва ман барои оқибатҳои он ҷавобгар ҳастам;

– принсипнокӣ – омодагии ҳимоя кардани эътиқоди худ ва нишон додани муносибати рад ба рафтори харобиовари ҳамсолон;

– фаъолнокӣ ва накукорӣ – иштироки ихтиёрӣ ва ташаббускорона дар корҳои ҳифзи табиат;

– таҳаммулпазирӣ ва худдорӣ – қобилияти маҳдуд кардани хоҳишҳои худ ба манфиати табиат ва дигарон.

Тавсифе, ки З.Н. Тӯраев ба нишонаҳои рафтории хонандаи синфи ибтидоӣ медиҳад, ба нишондиҳандаҳои МАҲТ хеле наздик аст: «Хонанда омода аст, ки ба одамон, ҳайвонот ва рустаниҳо, ки ниёзманди кӯмак мебошанд, кӯмак расонад. Хонанда кӯшиш мекунад, ки рафтор ва амалҳои худро назорат кунад, то ки ба муҳити атроф зарар нарасонад» [124, с. 100]. Дар ин тавсиф ду нишондиҳандаи муҳим – омодагӣ ба ёрӣ расонидан (ҳамдардӣ ва фаъолнокӣ) ва худназоратӣ (масъулиятшиносӣ ва худдорӣ) – ба таври равшан ифода ёфтаанд, ки дар рӯйхати нишондиҳандаҳои мо низ ҷой доранд.

Ҳамдардӣ ва шафқат бешубҳа аз сифатҳои олитарини ахлоқии ҳифзи табиат буда, омодагӣ ба кумак ва хайрхоҳиро ифода мекунанд. Бисёр масъалаҳои баҳсталаби ахлоқи башардӯстии муосир бо ҳамин меъёр алоқаманд аст ва метавон гуфт, ки ахлоқи башардӯстона бе нишонаҳои шафқат маънои худро гум мекунад [29]. Меҳрубонӣ ҳамчун нишондиҳандаи баланди масъулиятшиносӣ ва муносибати маънавӣ нисбат ба одамон ва табиати атроф бо хоҳиши некӣ кардан зоҳир мегардад. Аммо меҳрубонии воқеӣ бояд оқилона бошад: ғамхории беандоза, ки бо дарки ниёзҳои воқеии мавҷуди зинда ҳамроҳ нест, метавонад ба он зарар расонад. Масалан, кӯдаке,

ки паррандаи хурдро аз лона гирифта ба хона меорад, бо нияти нек ба он зарар мерасонад; вазифаи омӯзгор он аст, ки ин нияти некро бо дониш пурра созад.

Принсипнокӣ риояи эътиқоди ахлоқӣ ва омодагии шахсро барои ҳимояи он дар бар мегирад [29]. Дар рафтори хонандаи хурдсол он дар шакли рад кардани рафтори нодурусти ҳамсолон, масалан, шикастани навдаҳо ё озор додани ҳайвоноти бепарасто, зоҳир мегардад. Фаъолнокӣ бо рафтор алоқаманд буда, иштироки бевоситаи кӯдакро дар корҳои муфид ва таъсир расонидан ба рушди ҳодисаҳо дар бар мегирад. Мавқеи фаъол барои ҳар як шахсе, ки дар рӯҳи башардӯстии ҳақиқӣ тарбия ёфтааст, муҳим аст, зеро бепарвоии аҳолӣ ба табиат дар ниҳоят ба буҳрони экологӣ оварда мерасонад.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун худдорӣ ва майл ба созиш дар ҳолатҳои баҳсбарангез тавсиф карда мешавад. Эҳсосот бошад, нишондиҳандаи дараҷаи назорати оқилонаи муносибати шахс ба табиат буда, ҷузъи таркибии башардӯстии воқеӣ мебошад: сатҳи пасти эҳсосот ба ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоии шахс имкон намедиҳад, вале эҳсосоти беандоза низ бе дониш рафтори оқилонаро таъмин карда наметавонад [29].

Ба ақидаи мо, агар дар сохтори фарҳанги маънавии шахс муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат мавқеи асосиро ишғол намояд, тамоми рафтору кирдор ва ахлоқи ӯро нисбат ба олами атроф башардӯстона номидан мумкин аст. Раванди ташаккули ин муносибат муттасил ва бонизом буда, дар ҳар як марҳилаи синнусолӣ хусусиятҳои худро дорад. Асосҳои он маҳз дар синни хурди мактабӣ гузошта мешаванд, зеро дар ин давра кӯдак ба таъсири эҳсосӣ ҳассос, ба калонсолон эътимоднок ва ба тақлид моил аст; дар синни наврасӣ ва ҷавонӣ ин асосҳо ба эътиқоди устувор табдил меёбанд. Аз ин рӯ, интихоби синни хурди мактабӣ ҳамчун давраи ҳассоси ташаккули МАҲТ асоснок мебошад.

Таҳлили анҷомдода ба мо имкон медиҳад, ки таърифи муаллифии мафҳумҳои асосии таҳқиқотро пешниҳод намоем.

Фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ – сифати интегративии шахсият, ки дар он тасаввурот ва донишҳои аввалияи экологӣ (ҷузъи маърифатӣ), баҳои эҳсосию арзишии табиат ва майлу ангезаҳои нигоҳдории он (ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ), инчунин малакаҳо ва одатҳои рафтори ҷавобгарона дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ (ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ) ба ҳам пайваст гардида, дар ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдак ифода меёбанд.

Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат – муносибати шахсан аҳамиятноки хонанда ба табиат ҳамчун арзиши умумибашарӣ ва миллӣ, ки дар эҳсоси ҳамдардӣ, ғамхорӣ ва масъулият, эътиқод ба зарурати ҳифзи табиат ва омодагии иштироки ихтиёрӣ дар корҳои ҳифзи табиат ифода ёфта, тавассути интихоби ахлоқии рафтор дар вазъиятҳои воқеӣ зоҳир мешавад.

Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ – маҷмуи омилҳо ва имкониятҳои мақсаднок интихобшуда ва ташкилшудаи муҳит, мундариҷа, шаклу методҳо ва ҳамкории иштирокчиёни раванди тарбия (омӯзгор, хонанда, хонавода, созмонҳои маҳаллӣ), ки дар якҷоягӣ ба кор бурдани онҳо ба хонанда имкон медиҳад аз дониш ба муносибати арзишӣ ва минбаъд ба рафтори устувор бомуваффақият гузарад.

Ҳамин тариқ, моҳияти ташаккули фарҳанги экологӣ дар заминаи гуманизми муосир дар гузариш аз муносибати истеъмолгароёна ба муносибати ҳамоҳанг, масъулона ва ғамхорона нисбат ба муҳити табиӣ зоҳир мегардад. Фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ ҳамчун сифати сеҷузъӣ ва МАҲТ ҳамчун ядрои арзишии он заминаи рушди устувори шахсият ва ҳифзи манфиатҳои наслҳои ояндаро фароҳам меоранд.

1.2. Таҳаввули ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва низоми маориф: таҳлили таърихӣ-педагогӣ ва равишҳои методологӣ

Таҳлили таърихию педагогии рушди ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат нишон медиҳад, ки онҳо дар низоми маориф ҳамчун натиҷаи

рушди ҷаҳонбинӣ, сатҳи маърифат ва талаботи иҷтимоии ҷомеа ташаккул ёфтаанд. Р.М. Кузиева дуруст қайд мекунад, ки «ҳалли мушкилоти таълиму тарбияи экологии талабагон ва хусусан талабагони синфҳои ибтидоӣ бидуни омӯзиши таърихи пайдоиш ва вазъияти таълиму тарбияи экологӣ ғайримумкин аст. Таълиму тарбияи экологӣ ба монанди дигар ҷанбаҳои дидгоҳҳои омӯзишӣ таърихи нисбатан қадимтар дорад ва бахши ҷудоинопазири таърихи рушди инсонӣ ба ҳисоб меравад» [71, с. 35]. Аз ҳамин нуқтаи назар, мо ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиатро дар се сатҳ – мероси фарҳангии халқи тоҷик, андешаи педагогии ҷаҳонӣ ва низоми муосири маориф – баррасӣ менамоем.

Дар марҳилаҳои ибтидоии таърих муносибати инсон ба табиат бештар хусусияти суннатӣ дошта, унсурҳои ахлоқӣ дар доираи урфу одат, анъанаҳои мардумӣ ва ҷаҳонбинии динӣ ифода меёфтанд. Дар фарҳангҳои суннатӣ ҳифзи об, замин ва ҷангал ҳамчун амали ахлоқӣ арзёбӣ гардида, вайрон кардани онҳо гуноҳ ё амали ношоиста ҳисобида мешуд. Ин таҷрибаҳо, гарчанде шакли илмӣ надоштанд, дар заминаи ахлоқӣ муносибати эҳтиромонаро нисбат ба табиат ташаккул медоданд.

Дар мероси фарҳангӣ ва маънавии тоҷикон андешаҳои гаронбаҳои зиёде дар бораи инсон, мақсади зиндагии ӯ, маънои ҳастӣ ва робитаи одамӣ бо ҷаҳони иҳота маҳфуз мондаанд. Дар ривоятҳои қадимаи ориёӣ оид ба Каюмарс ва Ҷамшед дар баробари тасвири азамати подшоҳони афсонавӣ оид ба маънои зиндагӣ, ободонии замин ва ҷовидона будани хиради инсонӣ сухан рафта, нақшу мақоми инсон ҳамчун ободкунандаи олам нишон дода шудааст. Баъдтар ин ғояҳо дар таълимоти Зардушт моҳияти умумӣ пайдо карда, ба тафаккури махсуси ахлоқию экологии аҷдодони мо табдил ёфтанд.

Дар «Гоҳон»-и «Авесто» андешаҳо дар бораи покизагӣ, ободкорӣ, деҳқонӣ ва чорводорӣ баён шудаанд, ки дар онҳо муносибати ахлоқӣ ва зебоипарастонаи инсон ба табиат зуҳур меёбад; барои давраи худ ин падидаи нодир буд. Сегонаи маъруфи «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» на танҳо ба муносибати хайрхоҳонаи байни инсонҳо, балки ба муносибати

инсон бо табиат низ дахл дошта, ҳифзи тозагии об, замин, оташ ва ҳаворо амали нек ва савоб мешуморад. Аз нигоҳи педагогикаи муосир ин сегона ба се ҷузъи фарҳанги экологии мо – маърифатӣ (пиндор), арзишӣ-ангезавӣ (гуфтор ҳамчун ифодаи муносибат) ва фаъолиятӣ-рафторӣ (кирдор) – наздик аст ва метавонад ҳамчун воситаи фаҳмои тарбия дар синфҳои ибтидоӣ истифода шавад.

Дар таълимоти ахлоқии ислом низ муқаррароте вуҷуд доранд, ки ҳифзи муҳити зист, эҳтиром ба замин, об, наботот ва ҳайвонот ва манъи исрофкориро таъкид менамоянд [73]. Дар шароити давлати дунявӣ ин мерос на ҳамчун мазмуни таълими динӣ, балки ҳамчун қисми фарҳанги ахлоқии халқ ва манбаи арзишҳои умумиинсонӣ – эҳтиёт кардани неъмат, раҳм ба ҳайвонот, ободонии замин – ба инобат гирифта мешавад.

Муносибати инсонворона бо табиат ва муҳофизати он ҳамвора яке аз сарчашмаҳои илҳоми эҷодии мардуми тоҷик будааст. Ташаккулёбии тоҷикон ҳамчун миллат ва таҳаввули ғояҳои ахлоқию экологии онро ба хубӣ дар замони салтанати Сомониён мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷавҳари ақидаҳои андешамандони бузурги ин даврараро ташкил дода, минбаъд ҳамчун заминаи босазо дар эҳёи фарҳанги тоҷикон саҳм гузоштааст. Намояндагони бузурги адабиёт ва илми ин давра Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва дигарон дар осорашон зебоиҳои табиат ва ҳамбастагии инсону табиатро бо обу ранги бадеии махсус тасвир кардаанд.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ҳокимон ва мардумро вазифадор менамояд, ки нисбат ба ободонии сарзамин ва тартиби он бепарво набошанд ва ҷаҳонро ба бадӣ насупоранд. Ғояи асосии ахлоқии ҳамосаи ӯро ин байти машҳур хуб ифода мекунад:

«Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем» [130].

Ин байт барои хонандагони хурдсол ҳамчун шиори ахлоқии фаъолияти экологӣ – «ҷаҳонро ба бадӣ насупорем» – хизмат карда метавонад. Дар

машғулиятҳои беруназсинфӣ онро метавон ҳамчун калиди муҳокима истифода бурд: кӯдакон дар бораи он фикр мекунанд, ки «дасти некӣ» ба табиат дар рафтори ҳаррӯзаи онҳо чӣ гуна зоҳир мешавад.

Муносибати некбинона бо табиат ва алоқамандии инсон бо муҳити зист дар меҳвари осори Ибни Сино ҷой дорад. Ин донишманди бузург бар он буд, ки одамӣ аз лаҳзаи ба дунё омадан бо табиат ва неъматҳои он пайванди ногусастанӣ дорад ва саломатии ӯ ба тозагии ҳаво, об ва ғизо вобаста мебошад. Шахс ҳамчун ҷузъи табиат дар раванди зиндагӣ батадриҷ ба ҳифзи назофати муҳити ҳаётан муҳими худ эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Дар осори Абӯрайҳони Берунӣ, аз ҷумла дар «Осор-ул-боқия», ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон ва расму оинҳои марбут ба онҳо муфассал тавсиф шудаанд, ки пайванди ногусастании тақвими ҷашнҳои мардумӣ бо давраҳои табиат – бедоршавии баҳорӣ, ҷамъоварии ҳосил, обёрӣ ва кишт – равшан нишон медиҳанд. Абӯалӣ ибни Сино дар «Китоб-ул-қонун фи-т-тиб» ба таъсири ҳаво, об, маҳалли зист ва фаслҳои сол ба саломатии инсон бобҳои махсус бахшида, тозагии ҳаво ва обро шарти зарурии ҳаёти солим медонист. Ин осор дар баробари арзиши илмӣ, барои тарбияи экологии имрӯза аҳамияти махсус доранд: онҳо ба кӯдак нишон медиҳанд, ки ғамхорӣ ба табиат ва ҳифзи тозагии об ва ҳаво дар фарҳанги ниёгони ӯ ҳамчун хирад ва донишмандӣ қадр карда мешуд. Дар машғулиятҳои модули «Табиат дар мероси ниёгон» ҳикоя дар бораи ин олимон ва ақидаҳои онҳо дар шакли содда ва фаҳмо метавонад ифтихори миллиро бо масъулияти экологӣ пайваст созад.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ (асри XI) доир ба муносибати шахсият бо ҷамъият ва табиат сухан ронда, диққати асосиро ба ақл ва дониши инсон медиҳад. Ба андешаи ӯ, инсон ба шарофати донишу маърифаташ ҳодисаҳои табиатро дарк намуда, аз онҳо ба манфиати худ ва дигарон оқилона истифода мебарад. Шоир инсонро ба дарахте монанд мекунад, ки самари он дониш аст:

«Дарахти ту гар бори дониш бигирад,
Ба зер оварӣ чархи нилуфариро» [94].

Тасвири «дарахти дониш» дар шароити синфи ибтидоӣ имкон медиҳад, ки робитаи дониш ва амал барои кӯдак дар шакли образнок фаҳмонида шавад: дарахт бе нигоҳубин самар намедиҳад, дониш бе амал натиҷа намеорад.

Олими табиатшинос ва шоири машҳури асрҳои XI–XII Умари Хайём бо дастовардҳои илмии худ шуҳрати ҷаҳонӣ ёфта, масъалаи маърифат ва муносибати инсону табиатро дар мадди аввал гузоштааст. Дар рубоиҳои ӯ зебоӣ ва назофати табиат ба тасвир кашида шуда, ба ҳар сабза ва гул бо эҳтиром муносибат кардан таъкид мегардад:

«Ҳар сабза, ки бар канори ҷӯе рустаст,
Гӯӣ зи лаби фариштахӯе рустаст.
По бар сари сабза то ба хорӣ нанҳӣ,
К-он сабза зи хоки лоларӯе рустаст» [125].

Ин рубоӣ яке аз намунаҳои олии ифодаи этикаи экологӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс мебошад: шоир ба сабза пой гузоштанро манъ намуда, онро ба ҳаёти инсон пайванд медиҳад. Дар машғулиятҳои «Хониши адабӣ» ва маҳфили экологӣ ин рубоӣ метавонад барои ташаккули ҳисси эҳтиром ба растаниҳо пеш аз саёҳатҳо ба табиат истифода шавад.

Саъдии Шерозӣ (асри XIII) дар «Бӯстон» ва «Гулистон» одамонро ба шукргузорӣ аз неъматҳои табиат, раҳм ба ҷонварон ва хизмат ба мардум даъват мекунад. Мутафаккирони баъдина – Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Восифӣ ва Аҳмади Дониш – ин анъанаро идома дода, ободонии замин ва эҳтиёт кардани неъматҳои табиатро ҷузъи ахлоқи ҳамида донистаанд. Тақрибан ҳамаи классикони адабиёти тоҷику форс аз масъалаи муносибати ахлоқии инсон ба табиат дар канор намонда, робитаи инсон ва табиат ва ҳифзи сарватҳои онро барои наслҳои оянда масъалаи муҳими таълимию тарбиявӣ мешуморанд.

Дар педагогикаи халқии тоҷик низ анъанаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бевосита ба тарбияи муносибати ахлоқӣ ба табиат нигаронида шудаанд: манъи ифлос кардани об ва чашмаҳо, шинонидани дарахт ҳангоми таваллуди

фарзанд, ҳашарҳои баҳорӣ барои тоза кардани ҷӯйборҳо ва кӯчаҳо, ниҳолшинонӣ дар ҷашни Наврӯз, эҳтироми нон ва ғалла ҳамчун неъмати замин. Ин анъанаҳо хусусияти амалӣ ва иҷтимоӣ дошта, кӯдакро аз хурдӣ ба фаъолияти муштараки ҷамъиятӣ барои ҳифзи муҳити зист ҷалб менамоянд ва аз ин рӯ, барои мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии мактаб сарчашмаи бевосита мебошанд.

Таҷрибаи халқӣ дар шакли мақолу зарбулмасалҳо, панду андарзҳо ва расму оинҳои маросимӣ низ ба мо расидааст. Мақолҳои маъруфи «Ба чашмае, ки аз он об хӯрдӣ, санг напарто», «Об – ҳаёт аст» ва монанди инҳо дар шакли кӯтоҳ ва барои кӯдак фаҳмо меъёрҳои асосии муносибати эҳтиромона ба табиатро ифода мекунанд. Онҳо дар тарбияи оилавӣ ҳамчун воситаи бевоситаи интиқоли таҷрибаи ахлоқӣ истифода мешуданд ва аз ин рӯ, дар машғулиятҳои беруназсинфӣ метавонанд ҳамчун нуқтаи оғози сӯҳбатҳои ахлоқӣ-экологӣ хизмат кунанд: кӯдакон маънои мақолро шарҳ дода, мисолҳоро аз ҳаёти худ меоранд ва бо ин роҳ меъёри ахлоқӣ ба таҷрибаи шахсии онҳо пайваст мегардад.

Ҷашнҳои миллии Наврӯз ва Меҳргон, ки решаҳои қадимаи кишоварзӣ доранд, ҳамчун ҷашнҳои табиат – бедоршавии баҳорӣ ва ҳосили тирамоҳӣ – маъно дошта, бо амалҳои мушаххаси ободонӣ ҳамроҳ мегардиданд: тоза кардани ҷӯйборҳо ва чашмаҳо, шинондани ниҳолҳо, кишти сабза ва гандумак, обод кардани ҳавлӣ ва кӯча. Ин расму оинҳо аз ду ҷиҳат барои педагогикаи иҷтимоӣ арзишманданд. Аввалан, онҳо хусусияти дастаҷамъона доранд ва кӯдак дар онҳо дар баробари калонсолон иштирок намуда, худро узви ҷамоаи маҳалла эҳсос мекунад. Сониян, онҳо амали ободониро бо ҳолати эҳсосии шодӣ ва ҷашн пайваст месозанд, ки барои ташаккули ҷузъи арзишӣ-ангезавии фарҳанги экологӣ дар синни хурди мактабӣ аҳамияти махсус дорад.

Р.М. Кузиева дар асоси таҳлили ақидаҳои олимон ду навъи фарҳанги экологиро фарқ карда, дар бораи навъи аввал менависад: «Фарҳанги экологие, ки дар заминаи анъанаҳои қавмию миллӣ ва маҳалӣ ташаккул ёфта

аз насл ба насл гузашта ҷанбаи маҳалӣ дорад» [71, с. 40]. Сипас олим ба чунин натиҷа меояд: «Таҳқиқотҳои мо нишон дод, ки дар Тоҷикистон мардум асосан ба фарҳанги экологии типи якум такя намуда аксари мардум аз ҳолати ногувори экологии минтақаҳои ҳамшафват ва ё сайёравӣ бехабаранд, ва ё барояшон он проблемаҳо бетафоввут аст» [71, с. 41]. Аз ин мушоҳида ду хулосаи педагогӣ бармеояд: аввалан, анъанаҳои маҳаллии экологӣ заминаи боэътимоди тарбия мебошанд; сониян, онҳо бояд бо донишҳои илмӣ дар бораи масъалаҳои экологии минтақа ва сайёра пурра карда шаванд.

Ш.И. Ҷумъаева низ ба нақши интиқоли таҷриба аз насл ба насл таваҷҷуҳ намуда, менависад: «Кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ ба рафтори калонсолон – падар, модар, бародар, хоҳар ва ҳамсояҳо нигоҳ карда, ҳама чизро аз онҳо меомӯзанд, ба онҳо тақлид мекунанд ва аз онҳо намуна мегиранд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки ташаккули фарҳанги экологӣ аз интиқоли донишҳои экологӣ аз насл ба насл оғоз меёбад» [46, с. 27]. Ин андеша нақши оила ва ҷомеаи маҳалро ҳамчун субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ равшан нишон медиҳад.

Таҳқиқоти Х. Афзалов ва Б. Раҳимов оид ба таърихи педагогикаи халқи тоҷик нишон медиҳанд, ки дар тарбияи оилавӣ ва ҷамоавии тоҷикон меҳнат дар замин, боғпарварӣ ва нигоҳубини чорво танҳо машғулияти хоҷагӣ набуда, ҳамчун роҳи асосии тарбияи ахлоқии фарзандон хизмат мекард: бача аз овони хурдсолӣ ҳамроҳи бузургсолон дар боғ ва кишт меҳнат карда, қадри замин, об ва ҳосилро аз таҷрибаи бевосита азхуд мекард [24]. Ҳамин хусусияти педагогикаи халқӣ – пайванди тарбияи ахлоқӣ бо меҳнати муштарак ва ҳаёти ҷамоа – бо мавзуи таҳқиқоти мо, ки ташаккули МАҲТ-ро дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ баррасӣ мекунад, бевосита мувофиқ аст. Дар шароити муосир, ки бисёр кӯдакон, хусусан дар шаҳрҳо, аз чунин таҷриба маҳруманд, мактаб вазифадор мегардад, ки онро дар шаклҳои нав – қитъаи таълимӣ-озмоишӣ, гӯшаи табиат, ҳашарҳои оилавӣ – барқарор намояд.

Паҳлуи таърихии робитаи ҷомеа ва табиат низ аз назари Р.М. Кузиева дур намондааст: «Инсон ҳамчун бахше аз табиат, дар инкишоф ва тағйирёбии вай омили пурқуввате ҳисобида мешавад. Таърихи ҷомеаи инсонӣ ҷузъе аз таърихи табиат буда эволютсияи он ба эволютсияи биосфера таъсири мудҳиш расонида истодааст. Алоқамандии таърихии табиат ва ҷомеа мизони арзёбии робитаи инсон бо табиатро муайян мекунад» [71, с. 82]. Муаллиф дар ҳамин ҷо меҳнати инсонро ҳамчун омили асосии дигаргунсозандаи табиат баррасӣ намуда, хулоса мебарорад, ки «қудрати таҳаввулбахш ва офаринандаи меҳнати инсонӣ он вақт ошкор мешавад, ки барои ҳаёт ва зиндагии мавҷудоти зинда хатар эҷод накунад ва ба табиат осеб нарасонад» [71, с. 82]. Ин андеша бо анъанаҳои педагогикаи халқии тоҷик, ки дар он меҳнат дар замин ҳамчун амали ободонӣ ва савоб қадр мешуд, ҳамоҳанг аст.

Аз ҳамин андеша Ш.И. Ҷумъаева натиҷаи муҳими методологӣ ба даст меорад: «мувофиқи мақсад мебуд, агар таълими экологӣ зинаҳои гуногуни таҳсилотро фаро гирад – аз томактабӣ (кӯдакистон) сар карда то таҳсилоти олӣ (калонсолон), ки дар он сарчашмаҳои асосии донишҳои экологӣ дар аввал оила, муассисаҳои томактабӣ ва мактаб, баъдан муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва васоити ахбори омма мебошанд» [46, с. 27]. Муҳаққиқ инчунин қайд мекунад, ки фарҳанги экологӣ «ба дарки таъсири шароити мушаххаси табиӣ ба инсон ва муҳити атроф мусоидат намуда, инчунин ба дарки фарқияти вазъи экологии минтақаҳои кишвар мусоидат мекунад» [46, с. 26]. Ҳамин тариқ, оила ва мактаби ибтидоӣ ҳамчун ҳалқаҳои аввалини низоми бефосилаи тарбияи экологӣ баромад мекунанд ва ҳамкории онҳо шарти зарурии ташаккули МАҲТ мебошад.

Бо пайдоиши низомҳои аввалини маорифи ҷаҳонӣ ғояҳои ахлоқӣ-башардӯстонаи муносибат ба табиат тадриҷан ба мазмуни таълим ворид шуданд. Дар педагогикаи классикӣ Я.А. Коменский табиатро ҳамчун манбаи асосии тарбия баррасӣ намуда, таъкид мекард, ки омӯзиш бояд мутобиқ ба табиат сурат гирад [69]. Бо вуҷуди ин, Р.М. Кузиева маҳдудияти ин низомро низ қайд менамояд: «Модели системаи омӯзишии тавассути Я.А. Коменский

таҳияшуда, ки солҳои зиёд дар низоми таҳсилот ҷорӣ буд, иҷоза медод талабагонро бо донишҳои энсиклопедӣ омода кунанд, аммо амалкарди системаи омӯзиширо то шаклгирии дониш ба маҳоратҳо маҳдуд кардааст» [71, с. 52]. Маҳз ҳамин маҳдудият – бартарии дониш бар амал ва муносибат – дар тарбияи экологии муосир бояд бартараф карда шавад.

Ж.-Ж. Руссо дар «Эмил» тарбияи кӯдакро дар оғӯши табиат ва бо роҳи таҷрибаи шахсӣ пешниҳод намуд [111], И.Г. Песталоссӣ бошад, меҳнат дар табиат ва мушоҳидаро асоси рушди ақлию ахлоқии кӯдак медонист [98]. Дар муассисаҳои анъанавии аврупоии асрҳои XVII–XVIII омӯзиши табиат бо мушоҳидаи мустақим, парвариши растаниҳо ва шиносоӣ бо муҳити атроф амалӣ мегардид, ки дар хонандагон на танҳо дониш, балки муносибати эҳтиромона нисбат ба табиатро ташаккул медод.

Дар асри XIX бо рушди илмҳои табиатшиносӣ ва саноат масъалаи таъсири инсон ба муҳити зист ба миён омад. Ташаккули донишҳои ибтидоии экологӣ, бахусус баъд аз ҷудо шудани экология ҳамчун илми мустақил, ба фаъолияти олимони пешқадами табиатшинос – А.Н. Бекетов [25], В.В. Докучаев [48], К.Ф. Рулье [110], Н.А. Северсов [112] ва Д.Н. Кайгородов [66] – ва омӯзгорону методистони маъруф – К.Д. Ушинский [128], Н.Ф. Бунаков [34], Д.И. Тихомиров [120], Л.Н. Толстой [122], А.Я. Герд [38] ва В.В. Половсов [103] – вобаста буд. Дар барномаҳои таълимии охири асри XIX мавзуъҳои марбут ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва муҳофизати ҷангалҳо ворид карда шуданд, ки нишон медиҳад: маориф тадриҷан аз интиқоли дониш ба ташаккули мавқеи ахлоқии хонандагон мегузарад.

Аз миёни педагогҳои классики гузашта нақши тағйирдиҳандаи тарбияи ахлоқиро дар рушди шахсият равшантар аз ҳама К.Д. Ушинский тавсиф кардааст. Ӯ менависад: «Албатта, омӯзиши ақл ва бой кардани он бо донишҳо бисёр манфиат меорад, вале, афсӯс, ман ҳеҷ гоҳ бовар надорам, ки донишҳои ботаникӣ ё зоологӣ... метавонанд шахсро росткор ва дуруст гардонанд... Не, танҳо ақл ва донишҳо барои решадор кардани ҳисси ахлоқӣ, ҳамон таҳкурсии мустаҳками ҷамъиятӣ, ки одамонро ба ҷомеаи росткор ва

ҳамдигарфаҳм мепайвандад, кофӣ нест» [128]. Ин андеша барои таҳқиқоти мо аҳамияти принсипиалӣ дорад: донишҳои экологӣ худ аз худ ба муносибати ахлоқӣ табдил намеёбанд ва барои ин шароитҳои махсуси педагогӣ зарур аст. В.Г. Белинский низ таъкид мекард, ки дониш ва малакаҳое, ки шахс ба даст меорад, вобаста ба он ки ӯ кадом арзишҳои ахлоқиро азхуд кардааст, фоида ё зарар меоранд [26].

Ақидаҳои пешқадами педагогӣ нақши табиатро дар ташаккули шахсият баланд арзёбӣ намуда, ба асосҳои фалсафӣ такя мекарданд. К. Маркс робитаи мутақобилаи табиат ва инсонро таҳлил намуда, қайд кардааст, ки инсон «ба воситаи ин ҳаракат ба табиати беруна таъсир расонида ва онро тағйир дода, дар айни замон табиати худро низ тағйир медиҳад» [85, с. 188]. Дар «Дастнависҳои иқтисодӣ-фалсафии соли 1844» ӯ таъкид менамояд, ки «ҳаёти ҷисмонӣ ва маънавии инсон бо табиат пайванди ногусастанӣ дорад» [86, с. 92]. Ин ғояҳо дар педагогикаи асри XX асоси методологии дарки табиатро ҳамчун омили тарбия ташкил доданд.

Омӯзгори барҷаста В.А. Сухомлинский дар соҳаи тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути табиат мероси бузурге боқӣ гузошт. Р.М. Кузиева андешаи ӯро чунин ҷамъбаст менамояд: «Ба назари вай, табиат зербинои тафаккур, эҳсосот ва халлоқияти кӯдакон аст. Вай борҳо хотирнишон кардааст, ки табиат худаш таълим ва тарбият намедиҳад, балки он ба таври фаъол фақат дар раванди муносибати байниҳамдигарӣ бо кӯдак таъсир мегузорад» [71, с. 6]. В.А. Сухомлинский дар китоби «Сердце отдаю детям» («Дили худро ба кӯдакон медиҳам») ба омӯзгорон маслиҳат медиҳад, ки кӯдаконро ба саҳро, боғ ва ҷангал баранд, зеро «аз манбаи андеша» нӯшидан онҳоро ба муҳаққиқони кунҷков табдил медиҳад; ҳамзамон ӯ огоҳ мекунад, ки дар табиат ба кӯдак бояд имкон дода шавад, ки худ гӯш кунад, нигоҳ кунад ва эҳсос кунад, на он ки танҳо суханони омӯзгорро шунавад [119]. Ӯ инчунин пешниҳод мекард, ки дар мактаб гӯшаи табиат таъсис дода шуда, хонандагон дар нигоҳубини ҳайвонот, ташкили «клиникаҳои

паррандагон» ва шинондани дарахтон иштирок кунанд, зеро ба андешаи ӯ эҳсосоти нек бояд решаҳои худро аз кӯдакӣ дошта бошанд [117].

Дар асри XX, махсусан пас аз шиддатёбии масъалаҳои экологӣ, «тарбияи экологӣ» ҳамчун самти мустақили педагогӣ ташаккул ёфт. Дар солҳои 60–70-ум дар педагогика ғояи маорифи экологии бефосила пайдо шуд, ки ҳадафи он таъмини пайдарпайӣ ва муттасилии рушди шуури экологӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад [40]. Конференсияи байниҳукуматии Тбилиси оид ба таълими экологӣ (1977) мақсад, вазифаҳо ва принсипҳои таълими экологиро дар миқёси ҷаҳонӣ муайян намуд [149]. Академик И.Д. Зверев дар ин давра менависад, ки ҷиддияти масъалаҳои муосири ҳамкории ҷомеа ва табиат дар назди мактаб ва педагогика вазифаҳои наверо гузоштааст ва ҳалли онҳоро танҳо бо «омӯзонидани» кӯдакон дар бораи ҳифзи муҳити зист маҳдуд кардан мумкин нест; тамоми маҷмуи масъалаҳои экологӣ фаҳмиши нави фалсафӣ, таҳқиқоти нави илмӣ ва инъикоси пурраи хусусияти бисёрҷанбаи экологияро дар таълими мактабӣ талаб мекунад [56].

Эъломияи Конференсияи Тбилиси (1977) панҷ гурӯҳи ҳадафҳои таълими экологиро муайян намуд, ки то имрӯз асоси консепсияҳои ҷаҳонии маорифи экологиро ташкил медиҳанд: огоҳӣ – ёрӣ расонидан ба шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ба даст овардани ҳассосият нисбат ба муҳити зист ва масъалаҳои он; дониш – андӯхтани таҷрибаи гуногунранг ва фаҳмиши бунёдии муҳити зист; муносибат – қабул кардани арзишҳо, ғамхорӣ ба муҳити зист ва рағбат ба саҳмгузорӣ дар беҳбуди он; малакаҳо – соҳиб шудан ба маҳоратҳои зарурӣ барои муайян ва ҳал кардани мушкилоти экологӣ; иштирок – фароҳам овардани имконият барои иштироки фаъол дар ҳалли масъалаҳои экологӣ дар ҳамаи сатҳҳо [149]. Ба осонӣ дидан мумкин аст, ки ин панҷ ҳадаф ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ мувофиқанд: огоҳӣ ва дониш – ба ҷузъи маърифатӣ, муносибат – ба ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ, малакаҳо ва иштирок – ба ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ.

Дар ибтидои асри XXI маорифи экологӣ ба консепсияи васеътари маориф барои рушди устувор ворид гардид. Созмони Милали Муттаҳид

солҳои 2005–2014-ро Даҳсолаи маориф барои рушди устувор эълон намуд ва ЮНЕСКО баъдан барномаи «Маориф барои рушди устувор то соли 2030»-ро қабул кард, ки дар он ташаккули арзишҳо, муносибатҳо ва рафтори масъулона нисбат ба муҳити зист аз синни барвақт ҳамчун вазифаи ҳамаи низомҳои маориф муайян гардидааст [148]. Дар ин ҳуҷҷатҳо махсус таъкид мегардад, ки маориф барои рушди устувор бояд на танҳо дар дарсҳо, балки тавассути тамоми ҳаёти муассисаи таълимӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеаи маҳаллӣ ва фаъолияти амалии таълимгирандагон амалӣ гардад. Ин равиш бо мавзуи таҳқиқоти мо – ташаккули фарҳанги экологӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ бо ҷалби оила ва ниҳодҳои маҳал – бевосита мувофиқат мекунад.

Дар Тоҷикистон дар давраи шуравӣ ва баъд аз Истиқлолият масъалаҳои тарбияи экологӣ дар корҳои олимони ватанӣ инъикос ёфтанд. С. Акрамов асосҳои муҳофизати табиатро барои низоми маориф коркард намуд [15], Х. Афзалов ва Б. Раҳимов анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷикро таҳқиқ карданд [24], У.З. Зубайдов асосҳои назариявию амалии таълими табақабандишударо дар мактабҳои ҷумҳурӣ асоснок намуд [57]. Дар даҳсолаҳои охир таҳқиқоти диссертатсионии А. Халимов [132], З.Ш. Курбанова [72], Н.О. Холбеков [135], С. Холназаров [136], Ш.Р. Каримова [67], Р.М. Кузиева [71], З.Н. Тӯраев [124] ва Ш.И. Ҷумъаева [46] ба масъалаҳои гуногуни таълиму тарбияи экологӣ бахшида шудаанд. Китобҳои дарсии «Табиатшиносӣ» барои синфҳои ибтидоӣ [75; 76; 77] мазмуни экологиро дар зинаи ибтидоӣ таъмин менамоянд.

Дар давраи шуравӣ дар мактабҳои Тоҷикистон фаъолияти беруназсинфии табиатшиносӣ асосан дар шакли маҳфилҳои «ҷавонони табиатшинос», қитъаҳои таълимӣ-озмоишии наздимактабӣ, гӯшаҳои табиат ва ҳаракатҳои оммавии ниҳолшинонӣ ташкил карда мешуд. Дар солҳои 70–80-ум бо таҳияи консепсияи маорифи экологии мактабӣ, ки дар корҳои И.Д. Зверев ва ҳамкасбонаш асоснок гардид [55; 96], масъалаҳои ҳифзи табиат ба барномаҳои фанҳои мактабӣ ворид карда шуданд. Л.В. Моисеева дар таҳлили

таърихии маорифи экологӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра тадриҷан гузариш аз «таълими ҳифзи табиат» ба «маорифи экологӣ» ба амал омад, ки на танҳо донишҳо, балки муносибат ва рафтори шахсро ҳадафи худ қарор медод [90]. Таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя низ, аз ҷумла таҳқиқоти Э.А. Турдикулов оид ба маорифи экологии хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳо [123], бо шароити минтақаи Осиёи Марказӣ наздик буда, барои мактаби тоҷик аҳамияти амалӣ дорад.

Р.М. Кузиева ба манбаъҳои таърихии барномаҳои табиатшиносии мактаби ибтидоӣ ишора намуда, қайд мекунад, ки «дар ибтидои асри XX дар Россия барномаи илмҳои табиӣ барои синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёна тасдиқ шуда буд, ки тавассути олими рус Кайгородов Д.Н. таълиф шудааст» [71, с. 32]. Барномаи Д.Н. Кайгородов бо тамоюли амиқи мушоҳидаи табиати зинда ва тақвимҳои фенологӣ фарқ мекард ва ғояҳои он минбаъд дар методикаи табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла дар мактабҳои Тоҷикистон, инъикос ёфтанд.

Баъд аз Истиқлолият, бо вуҷуди душвориҳои иқтисодии солҳои аввал, анъанаҳои фаъолияти беруназсинфии экологӣ дар бисёр мактабҳо нигоҳ дошта шуданд ва дар даҳсолаҳои охир бо шаклҳои нав – лоиҳаҳои экологӣ, аксияҳои ҷамъиятӣ, озмунҳои ҷумҳуриявӣ – ғанӣ гардиданд. Р.М. Кузиева ҳолати кунуниро чунин арзёбӣ мекунад: «Имрӯз вобаста ба масъалаҳои экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ як низоми муайяни педагогӣ ҷамъ шудааст. Таҷрибаи мусбате ҳам дар заминаи омӯзиши муҳити зист аз ҷониби талабагон, фаъолиятҳои муштараки муаллимон ва волидайн ҷамъ шудааст, яъне як системаи омӯзиши иловагӣ эҷод шудааст. Ин талабот вуҷуд дорад, ки таҷрибаҳои мусбат ва маҷмӯавиро ба як системаи муназзам ворид кунем, ки раванди таълиму тарбияро давомнок ва дар натиҷа таъсирбахштар кунад» [71, с. 130]. Маҳз ҳамин талабот – ба низом даровардани таҷрибаи мавҷуда дар асоси маҷмуи асосноки шароитҳои педагогӣ – яке аз ангезаҳои асосии таҳқиқоти мо мебошад.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии маорифи экологӣ ба таври назаррас такмил ёфт. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002) тарбияи шахсияти масъулиятшинос ва эҳтироми муҳити табииро ба қатори ҳадафҳои таҳсилот ворид намуд [5]. Консепсияи миллии тарбия (2006) тарбияи экологиро ҳамчун самти мустақили тарбияи наврасон муайян карда, ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба табиати Ватанро вазифаи муштараки оила, мактаб ва ҷомеа эълон намуд [6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» (2010) бори аввал принсипи бефосила будани маърифати экологиро аз синни томактабӣ то таҳсилоти касбӣ ба таври қонунӣ муқаррар кард: мувофиқи қонун, низоми маърифати экологии аҳолӣ аз тарбия ва маърифати экологӣ дар синни томактабӣ, яъне дар хонавода ва кӯдакистон, ибтидо гирифта, зинаи таҳсилоти умумиро низ фаро мегирад [2, моддаи 8]. Қонун ба сифати принсипҳои сиёсати давлатӣ дар ин соҳа кафолат додани давлатро ба он, ки ҳар шаҳрванд ҳадди ақали донишҳои экологиро аз худ мекунад, ҳатмӣ будани фанҳои маърифати экологӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот ва «иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар бахши маърифати экологӣ» [2, моддаи 2] муқаррар кардааст. Принсипи охирин барои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ аҳамияти махсус дорад, зеро ҷалби оила ва ниҳодҳои маҳалро ба тарбияи экологии кӯдакон асоснок менамояд. Дар навбати худ, қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) масъулияти оиларо барои тарбияи ахлоқии кӯдак мустаҳкам намуд [4].

Дар баробари санадҳои қонунгузорӣ барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд. З.Н. Тӯраев қайд мекунад, ки дар таҳқиқоти ӯ «барномаҳои қаблан амалкунанда низ ба ҳайси заминаи методологӣ истифода гардиданд, аз ҷумла: Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №123) ва Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №178)» [124, с. 9]. Муаллиф ҳамзамон таъкид менамояд, ки «ҳуҷҷатҳои меъёрӣ зарурати баланд бардоштани саводнокии экологӣ ва ворид намудани унсурҳои муҳити зистро ба мазмуни таҳсилот таъкид мекунанд, ки ин самтро ҳамчун яке аз афзалиятҳои асосӣ муайян менамояд» [124, с. 5].

Ш.И. Ҷумъаева ҳадафи низоми маорифи ҷумҳуриро дар ин самт чунин муайян мекунад: «Аз ин рӯ, ҳадафи муҳимтарини низоми таҳсилот ва маърифати ҷумҳурӣ равиши комплексӣ ба масъалаҳои омӯзиш ва ташаккули донишҳои экологӣ ва тарбияи экологии аҳолии кишвар, махсусан насли наврас мебошад. Бо ин мақсад стандартҳои дахлдори таҳсилотӣ дар соҳаи таълими экология ва ҳифзи муҳити зист таҳия карда мешаванд» [46, с. 7]. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи хориҷӣ пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои экологӣ дар барномаи таълимии тамоми фанҳо, хоҳ фанҳои гуманитарӣ (адабиёт, таърих, забони хориҷӣ), хоҳ фанҳои табиатшиносӣ, ҷой дода шаванд, «зеро ҳангоми ҳалли масъалаи ташаккули таълими бефосилаи экологии таълимгирандагон ноил шудан ба натиҷаи матлуб танҳо дар доираи фанни алоҳида ғайриимкон аст» [46, с. 35]. Ин мавқеъ асоси ғояи ҳамгироии мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти беруназсинфиро, ки дар таҳқиқоти мо ҳамчун яке аз шароитҳои педагогӣ пешниҳод мегардад, тақвият медиҳад.

Дар Паёмҳои ҳарсолае, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ирсол менамоянд, масъалаҳои ҳифзи захираҳои об, мубориза бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим, кабудизоркунӣ ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтироми табиат пайваста таъкид мегарданд [9; 10]. Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва иқлим низ ба баланд бардоштани аҳамияти тарбияи экологӣ дар дохили кишвар мусоидат намуда, ба мактаб вазифа мегузоранд, ки ҳар як хонандаро аз хурдӣ ба ҳифзи неъматҳои табиат, пеш аз ҳама об, одат кунонад. Ҳамин тариқ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва муҳити зист фармоиши иҷтимоии ташаккули

фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-ро дар хонандагон ба таври равшан муайян намудааст ва ин фармоиш дар ҷузъи ҳадафноки амсилаи таҳқиқоти мо инъикос меёбад.

Таҳлили таърихию педагогӣ имкон медиҳад, ки самтҳои асосии рушди ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар низоми маорифи муосир муайян карда шаванд.

Самти якум ба ҳамгироии донишҳои экологӣ бо арзишҳои ахлоқӣ равона шудааст. Масалан, дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ масъалаҳои тағйирёбии иқлим ё камшавии захираҳои об на танҳо аз нигоҳи илмӣ, балки аз нигоҳи масъулияти ахлоқии инсон баррасӣ мегарданд. Ин равиш ба ташаккули ҷаҳонбинии эко-гуманистӣ мусоидат мекунад.

Самти дуюм ба тақвияти фаъолияти амалӣ дар раванди тарбия вобаста мебошад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки иштирок дар лоиҳаҳои экологӣ, аз қабили ниҳолшинонӣ, тозакунии муҳити атроф ё омӯзиши ҳолати экологии маҳал, ба ташаккули муносибати ахлоқӣ нисбат ба табиат таъсири амиқтар дорад.

Самти сеюм ба равишҳои методологии гуманизми муосир такя менамояд. Дар доираи ин равиш инсон ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, ҳамзамон масъулияти ӯ барои тақдири табиат ва наслҳои оянда таъкид карда мешавад.

Самти чорум ба пайваст намудани таълим бо ҳаёти воқеӣ ва муҳити иҷтимоии маҳал равона шудааст. Омӯзиши масъалаҳои экологии маҳал, истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ ва ҷалби ҷомеа ба фаъолияти мактаб ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва ахлоқии хонандагон мусоидат менамояд. Маҳз ҳамин самт бо мавзуи ихтисоси мо – ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ – бевосита алоқаманд аст.

Аз нуқтаи назари назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, маҳфилҳо, ҷашнҳо, аксияҳо ва ҳашарҳо муҳити махсуси тарбиявиро ташкил медиҳанд, ки дар он кӯдак арзишҳои фарҳангиро на ба таври маҷбурӣ, балки дар фаъолияти ихтиёрӣ ва ҷолиб

азхуд мекунад [68; 50]. А.В. Мудрик иҷтимоишавии кӯдакро ҳамчун раванди азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳо дар ҳамкорӣ бо оила, гурӯҳи ҳамсолон, мактаб ва ҷамоатҳои маҳаллӣ тавсиф мекунад [92]. Аз ин бармеояд, ки ташаккули МАҲТ дар синни хурди мактабӣ бояд на танҳо дар дарс, балки дар низоми васеи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ташкил карда шавад.

Хусусияти бисёрҷонибаи таъсири мутақобилаи ҷомеа ва табиат хусусияти фарогири тарбияи экологиро муайян мекунад. Барои он ки донишҳои экологӣ ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат кунанд, мо ба асосҳои зерини методологӣ ва назариявӣ такя намудем:

– равиши байнифаннӣ ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагон;

– омӯзиши мунтазами маводи марбут ба муҳити зисти маҳал;

– ягонагии асосҳои зеҳнӣ ва эҳсосӣ-иродавӣ дар фаъолияти хонандагон барои омӯхтан ва беҳтар кардани муҳити табиӣ;

– робитаи байни омӯзиши масъалаҳои экологии ҷаҳонӣ, миллӣ ва маҳаллӣ дар раванди тарбия.

Ин асосҳо дар амалияи мактаб ҳангоми ҳалли вазифаҳои зерин татбиқ карда мешаванд: азхудкунии ғояҳои пешбар, мафҳумҳои асосӣ ва далелҳои илмӣ дар бораи табиат; дарки арзиши бисёрҷонибаи табиат ҳамчун манбаи қувваи моддӣ ва маънавӣ барои ҷомеа ва ҳар як шахс; гирифтани малакаҳои амалии омӯзиш ва арзёбии ҳолати муҳити зист ва пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии амалҳои худ; рушди ниёз ба муошират бо табиат; риояи бошууронаи қоидаҳои рафтор дар табиат; иштирок дар фаъолиятҳои беҳтар кардани муҳити табиӣ ва таблиғи ғояҳои ҳифзи табиат.

Таҳлилу баррасии ақидаҳо моро ба хулосае овард, ки ташаккули ҷомеаи дорои сифатҳои ахлоқии ҳифзи табиат танҳо тавассути башарӣ гардонидани мазмун ва муҳити таҳсилот имконпазир аст. К.Д. Ушинский бо ҳақ тарбияро яке аз роҳҳои муҳимтарини дигаргун сохтани муҳити иҷтимоӣ ва ба зиндагии шоистаи одамон мувофиқ намудани он медонист [129]. Низоми таҳсилот бояд дар навбати аввал ба ташкили чунин шакл, восита ва

усулҳои тарбиявие равона карда шавад, ки қобилиятҳои фардии ҳар як кӯдакро ошкор намуда, ба самти зарурӣ равона сохта тавонад.

Дар ин замина ду навъи тарбия – антропосентрӣ ва экосентрӣ – аз ҳам фарқ карда мешаванд. Тарбияи экосентрӣ низоми махсуси тарбиявиест, ки ҳадафаш ташаккули шахсияти дорои сифатҳои шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва ҳифзи табиат мебошад, шахсияте, ки дар муҳити табиӣ бо дигар аъзои ҷомеаи табиӣ дар ҳамоҳангӣ зиндагӣ карданро ҳадафи асосии худ медонад. Яке аз хусусиятҳои хосе, ки тарбияи антропосентриро аз тарбияи экосентрӣ фарқ мекунонад, дар он аст, ки дар ҷаҳонбинии аввал томияти биосфера ҳамчун як кулл дарк намешавад, зеро инсон «шоҳи табиат» ва қувваи ягонаи идоракунандаи он эътироф мегардад.

Одамон аз табиат ҳамчун манбаи истеҳсолию истеъмолӣ истифода бурда, худро аз ҷузъиёти табиии биосфера ҷудо месозанд. Маҳз ҷаҳонбинии антропосентрӣ, ки дар низоми анъанавии тарбия ташаккул ёфтааст, ба рушди муносибати ахлоқӣ ба табиат монеа эҷод менамояд. В.А. Игнатова қайд менамояд, ки вазифаи муҳими маорифи муосир ташаккули шахсияти сифатан нав – шахсияти дорои фарҳанги баланд, донишҳои экологӣ, тафаккури интиқодӣ ва шуури экосентрӣ мебошад, ки метавонад ба шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳон мутобиқ шавад ва барои рушди устувори тамаддун шароит фароҳам оварад [60].

Ба ақидаи В.И. Ерошенко, дарки қонуниятҳои рушди табиат аз нигоҳи экосентрӣ ба шахсият имкон медиҳад, ки худро ҷузъи муҳими ҷомеаи табиӣ, ки бо хислатҳои ба худ хос – ақл, фарҳанг ва шуур – фарқ мекунад, эҳсос намуда, табиатро ҳамчун муҳити зист, на ҳамчун манбаи истеъмол қабул кунад [49]. В.А. Игнатова зикр менамояд, ки ҳар як донише, ки таълим дода мешавад, бояд барои хонанда даркшаванда буда, ба ташаккули муносибати ахлоқӣ-башардӯстонаи шахс ба ҷомеаи инсонӣ ва табиӣ мусоидат кунад [61].

Тамоми олимони педагог инсонпарвариро аз асосҳои тарбия шуморида, онро дар чунин мавқеъҳо муаррифӣ намудаанд: эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои фардӣ; эҳтиром нисбат ба мавқеи шахсият дар ҳама гуна ҳолат; роҳ надодан

ба ҷазоҳое, ки шаъну шарафи шахсиятро паст мезананд. Ин мавқеъҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки баробарии одамон дар шаъну ҳуқуқ ва зарурати муносибати бародаронаро байни онҳо эълон кардааст, инъикос ёфтаанд [11]. Эъломия самараи фаъолияти чандинасраи мутафаккирон ва файласуфоне мебошад, ки ақидаҳои башардӯстиро инкишоф дода, мақоми инсонро ҳамаҷониба баланд бардоштаанд.

Муносибати башардӯстона ба раванди таълиму тарбия ва ташаккули муносибати арзишӣ ба табиат сухани нав нест. Дар ҳама давру замон мутафаккирони башардӯст кӯшиш намудаанд, ки зебоиҳои табиатро ба шогирдонашон нишон дода, дар онҳо ҳисси аз ин зебоиҳо лаззат бурдан ва дӯст доштани онҳоро ташаккул диҳанд. Тарбияи МАҲТ тавассути муошарати бевосита бо объектҳои табиат, башардӯстона гардонидани муносибати устодону шогирдон ва муносибати байниҳамдигарии тарбиятгирандагон сурат мегирифт. Ин ғояҳо аҳамияти худро ҳоло низ гум накардаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои таърихию педагогӣ нишон медиҳанд, ки ғояҳои ахлоқӣ-башардӯстонаи муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва низоми маориф роҳи тулонии рушдро тай намуда, дар марҳилаи муосир хусусияти умумии методологӣ касб кардаанд. Мероси «Авесто», осори Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Хайём, анъанаҳои педагогикаи халқӣ ва ғояҳои педагогҳои классикӣ мазмуни ахлоқии фаъолияти экологии хонандагонро ғанӣ мегардонанд. Низоми маориф бо такя ба ин мерос ва равишҳои системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ ва муҳитӣ метавонад омили муҳими ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати масъулонаи инсон нисбат ба муҳити зист гардад.

Хулосаи боби 1

1. Таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ ва санадҳои меъёрӣ нишон дод, ки фарҳанги экологӣ дар илм ҳамчун категорияи бисёрҷанба баррасӣ мешавад ва дар бораи сохтори он мавқеи ягона вуҷуд надорад. Барои

синни хурди мактабӣ мо сохтори сеҷузъии онро – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ – асоснок намудем, ки дар тамоми таҳқиқот ҳамчун асоси ягона истифода мешавад.

2. Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ядрои арзишии фарҳанги экологӣ буда, дар нишондиҳандаҳои ҳамдардӣ ва шафқат, ғамхорӣ ва меҳрубонӣ, масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ, фаъолнокӣ ва таҳаммулпазирӣ зоҳир мегардад. Асосҳои он маҳз дар синни хурди мактабӣ гузошта мешаванд, ки интихоби ин синнусолро ҳамчун давраи ҳассоси ташаккули МАҲТ асоснок мекунад.

3. Таърифи муаллифии мафҳумҳои «фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ», «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат» ва «шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ» пешниҳод гардид, ки дастгоҳи мафҳумии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

4. Таҳлили таърихӣ-педагогӣ собит намуд, ки ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик («Авесто», осори Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҷомӣ) ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ (ҳашар, ниҳолшинонӣ дар Наврӯз, эҳтироми об ва нон) ифодаи амиқ ёфтаанд ва барои мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол сарчашмаи бевоситаи тарбиявӣ мебошанд.

5. Андешаи педагогии ҷаҳонӣ (Я.А. Коменский, Ж.-Ж. Руссо, И.Г. Песталоссӣ, К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский) ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ (Тбилиси, 1977; «Ояндаи умумии мо», 1987; «Рӯзномаи асри XXI», 1992) гузариши тарбияро аз интиқоли дониш ба ташаккули муносибат ва рафтор нишон медиҳанд; донишҳои экологӣ худ аз худ ба муносибати ахлоқӣ табдил намеёбанд ва барои ин шароитҳои махсуси педагогӣ зарур аст.

6. Асосҳои методологии таҳқиқотро равишҳои системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ ва муҳитӣ ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ташаккули МАҲТ бояд на танҳо дар дарс, балки дар низоми фаъолияти беруназсинфӣ ва

беруназмактабӣ бо ҷалби оила ва ниҳодҳои маҳал ташкил карда шавад, ки ин масъала дар боби дуюм баррасӣ мегардад.

7. Таҳлили андешаҳои психологӣ-экологии В.А. Ясвин ва С.Д. Дерябо собит намуд, ки ҷузъҳои шиддатнокии муносибати субъективӣ ба табиат (персептивӣ-аффективӣ, маърифатӣ, амалӣ ва кирдорӣ) ба сохтори сеҷузъии фарҳанги экологии пешниҳодшуда мувофиқанд ва ҳадафҳои таълими экологии муқаррарнамудаи Конференсияи Тбилиси (огоҳӣ, дониш, муносибат, малакаҳо, иштирок) низ ба ин сохтор мутобиқ мебошанд, ки асоснокии онро тасдиқ мекунад.

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРҲАНГӢ-ИҶТИМОӢ

2.1. Хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат

Ташаккули муносибати ахлоқӣ ва экологии хонандагон дар синни 6/7–10-солагӣ дар таҳкими шахсияти онҳо нақши ҳалкунанда дорад. Р.М. Кузиева дар ин бора менависад: «Зарурияти расидан ба ҳадафҳои омӯзиши масъалаҳои экологӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ бо хусусиятҳои рушди зеҳнии кӯдакони хурдсол вобаста аст. Дар талабагони хурдсол хусусиятҳои шахсӣ ба таври фаъол шакл гирифта, донишҳои муайян дар мавриди табиат ва муҳити атроф ба таври босуръат сурат мегирад ва робитаҳои чандҷониба бо муҳити табиию иҷтимоӣ рушд меёбад» [71, с. 5]. Аз ин рӯ, интихоби шароитҳои педагогии ташаккули МАҲТ бояд пеш аз ҳама ба дониши амиқи хусусиятҳои синнусолии кӯдак асос ёбад.

Дар психологияи синнусолӣ синни хурди мактабӣ ҳамчун давраи махсуси рушди шахсият тавсиф мешавад, ки бо тағйир ёфтани фаъолияти пешбар оғоз меёбад. Ба андешаи Д.Б. Эльконин, дар ин давра фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти пешбар табдил ёфта, бозӣ мавқеи худро тадриҷан ба он месупорад, вале аҳамияти худро ҳамчун воситаи рушди эҳсосот ва муносибатҳо гум намекунад [140]. Л.С. Выготский нишон додааст, ки таълим ва тарбия дар ин синну сол бояд ба «минтақаи рушди наздиктарин»-и кӯдак нигаронида шавад, яъне ба он чизе, ки кӯдак ҳоло танҳо бо ёрии калонсолон иҷро карда метавонад [37]. Ба ақидаи Л.И. Божович, навсозии асосии ин марҳила ба вуҷуд омадани «мавқеи дохилии мактаббача» мебошад, ки дар талоши кӯдак ба машғулияти дорои арзиши иҷтимоӣ ва ба гирифтани баҳои калонсолон зоҳир мегардад [32].

Бо оғози таҳсил дар мактаб ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак тамоман дигар мешавад. Ҷамъоварии мунтазами дониш ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ мекунад ва ҳамаи равандҳои маърифатӣ – дарк, хотира, диққат, тасаввур ва тафаккурро инкишоф медиҳад. В.С. Мухина қайд мекунад, ки дар синни хурди мактабӣ системаи асаб ба камол мерасад, вазифаҳои таҳлилӣ ва синтетикии қишри мағзи сар мустаҳкам мешаванд ва дақиқии ҳиссиёт – биноӣ, шунавоӣ ва ранги эҳсосот – ба таври назаррас меафзояд [93]. Ин хусусиятҳо имкон медиҳанд, ки мушоҳидаи бевоситаи табиат ҳамчун воситаи асосии тарбия дар ин синну сол истифода шавад.

Дарки хонандагони хурдсол бо ноустуворӣ ва яклухтии эҳсосӣ тавсиф мешавад, вале ҳамзамон онро кунҷковии зиёд ва равшании эҳсосот ғанӣ мегардонад. Набудани дақиқии фарқкунӣ ва заъфи таҳлил то андозае бо эҳсосоти возеҳ ҷуброн карда мешавад. Дар асоси ин, омӯзгорони ботаҷриба тадриҷан кӯдаконро ба гӯш кардан ва тамошои мақсаднок одат мекунонанд ва малакаҳои мушоҳидаро инкишоф медиҳанд. Дар охири синфҳои ибтидоӣ дарк ба фаъолияти махсуси мақсаднок табдил ёфта, хусусияти таҳлилӣ ва муташаккилӣ пайдо мекунад.

Диққати хонандагони синфҳои ибтидоӣ асосан ғайриихтиёрӣ, ноустувор ва маҳдуд аст: кӯдак он чизеро бештар ба хотир мегирад, ки равшан, ғайриоддӣ ва барояш ҷолиб бошад. Диққати ихтиёрӣ дар ин синну сол танҳо ташаккул меёбад ва рушди он бо пайдоиши ангезаҳои таълимӣ ва эҳсоси масъулият барои натиҷаи кор алоқаманд аст. Аз ин хусусият хулосаи педагогии муҳим бармеояд: машғулиятҳои экологӣ бояд кӯтоҳ, аёнӣ, эҳсосан ҷолиб ва бо иваз шудани намудҳои фаъолият ташкил карда шаванд.

Тафаккури хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ аз аёнӣ-амалӣ ва аёнӣ-образнок ба мафҳумӣ-мантиқӣ инкишоф меёбад. Кӯдак дар образҳо, рангҳо ва шаклҳо фикр мекунад; робитаҳои сабабу натиҷаро дар табиат ӯ беҳтар дар ҳолате дарк менамояд, ки онҳоро бевосита мушоҳида карда ё бо амали худ ба вуҷуд оварда бошад. Тафаккури хонандагон дар якҷоягӣ бо нутқи онҳо инкишоф ёфта, захираи луғавии кӯдак дар давоми таҳсил дар синфҳои

ибтидоӣ ба таври назаррас, то чанд ҳазор калима, меафзояд. Аз ин рӯ, муҳокимаи мушоҳидаҳо, тартиб додани ҳикояҳо дар бораи табиат ва баёни муносибати худ ба ҳодисаҳои табиат ҳамзамон воситаи рушди нутқ ва тарбияи экологӣ мебошанд.

Хотира дар рушди маърифатии хонандаи хурдсол нақши муҳим мебозад. Қобилиятҳои табиии хотираи кӯдак баланд аст, вале ӯ ҳанӯз идора кардани хотираи худро намедонад ва хотираи ғайриихтиёрӣ ва образнок бартарӣ дорад. Он чи бо эҳсосоти қавӣ ҳамроҳ аст – масалан, лаҳзаи аз лона баромадани паррандача ё нахустин гули ниҳоли худашон шинондашуда – дар хотираи кӯдак дер боқӣ мемонад. Омӯзгорон бояд кӯшиш кунанд, ки малакаҳои азёдкунии мақсаднок, худсанҷӣ ва ташкили оқилонаи фаъолиятро дар хонандагон инкишоф диҳанд.

Рушди шахсияти бачаи хурдсол дар мактаб зери таъсири муносибатҳои нав бо омӯзгорон ва ҳамсолон, фаъолияти нави таълимӣ ва дохил шудан ба гурӯҳи синфӣ сурат мегирад. Эҳсосоти иҷтимоӣ инкишоф меёбанд ва малакаҳои рафтори иҷтимоӣ – масъулият барои амалҳо, рафоқат, кумаки мутақобила ва ҳамкорӣ – ташаккул меёбанд. Нозукӣ ва таъсирпазирии кӯдакони ин синну сол, табиати боэътимоди онҳо, майл ба тақлид ва эътибори баланди омӯзгор барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Р.М. Кузиева низ ин хусусиятро таъкид менамояд: «Дар давраи ибтидоӣ кӯдакон бештар эътимоднок ва таъсирпазир буда, ба табиат наздиктар қарор доранд ва аз ин лиҳоз тавассути кунҷковии онҳо метавон ба маърифати экологияшон тақвият бахшида, сифати табиатдӯстдорӣ ва ҳифзи онро ба онҳо ёд дод» [71, с. 6].

Дар соҳаи ахлоқӣ хонандаи хурдсол аз риояи меъёрҳо дар асоси талаботи калонсолон тадриҷан ба фаҳмидани маънои онҳо мегузарад. Агар дар синфи якум кӯдак қоидаи «гулро накан»-ро бештар барои он риоя кунад, ки омӯзгор чунин гуфтааст, пас дар синфи чорум ӯ метавонад шарҳ диҳад, ки чаро гул бояд дар ҷояш бимонад ва ин ба кӣ ва ба чӣ манфиат дорад. Ин

гузариш худ аз худ ба амал намеояд, балки натиҷаи таъсири мақсадноки педагогӣ, муҳокимаи вазъиятҳои ахлоқӣ ва таҷрибаи шахсии кӯдак мебошад.

Ж. Пиаже дар таҳқиқоти классикии худ оид ба рушди ҳукмҳои ахлоқии кӯдак нишон дод, ки дар синни 7–10-солагӣ гузариш аз ахлоқи «гетерономӣ» – риояи қоидаҳо ҳамчун талаботи тағйирнопазири калонсолон – ба ахлоқи «автономӣ», ки ба фаҳмиши маънои қоида, ҳамкорӣ ва эҳтироми мутақобила асос меёбад, сурат мегирад [102]. Мувофиқи хулосаи Пиаже, ин тағйирот бештар на аз панду насиҳати бузургон, балки аз ҳамкорӣ бо ҳамсолон, бозиҳои гурӯҳӣ ва якҷоя муқаррар кардани қоидаҳо сарчашма мегирад. Аз ин хулоса барои тарбияи МАҲТ ду тавсияи амалӣ бармеояд. Якум, қоидаҳои рафтор дар табиат бояд на танҳо эълон, балки бо худи кӯдакон муҳокима ва ҳатто якҷоя таҳия карда шаванд («Қоидаҳои маҳфили мо», «Қоидаҳои меҳмони табиат»). Дуюм, корҳои гурӯҳие, ки дар онҳо кӯдакон барои натиҷа якҷоя ҷавобгаранд, дар ташаккули муносибати ахлоқии «автономӣ» ба табиат аз таъсири фардии омӯзгор натиҷаи бештар медиҳанд.

Бозӣ, ки дар синни томактабӣ фаъолияти пешбар буд, дар синфҳои ибтидоӣ аҳамияти тарбиявии худро нигоҳ медорад. Д.Б. Эльконин нишон додааст, ки дар бозии нақшӣ кӯдак муносибатҳои байни одамон ва меъёрҳои рафтори онҳоро «аз дарун» азхуд мекунад, зеро нақши гирифтааш ӯро водор месозад, ки мувофиқи қоидаҳои муайян амал кунад [140]. В.С. Мухина таъкид менамояд, ки дар синни хурди мактабӣ бозиҳо бо қоидаҳо ва бозиҳои дидактикӣ ба рушди худназоратӣ ва ихтиёрии рафтор мусоидат мекунанд [93]. Аз ин хулоса мебарояд, ки бозиҳои нақшии экологӣ – масалан, «Мурофиа дар ҳимояи дарахт», «Посбонони ҷангал», «Мо – меҳмонони табиат» – барои хонандаи хурдсол воситаи табиии азхудкунии меъёрҳои рафтор дар табиат мебошанд: кӯдак дар нақши «посбон» ё «ҳимоятгари дарахт» на танҳо қоидаро такрор мекунад, балки онро ҳамчун талаби нақши худ эҳсос менамояд.

Рушди ангезаҳо дар синни хурди мактабӣ барои ташаккули ҷузъи арзишӣ-ангезавии фарҳанги экологӣ аҳамияти махсус дорад. Дар

хонандагони синфҳои ибтидоӣ ангезаҳои маърифатӣ (шавқ ба донистани нав), иҷтимоӣ (хоҳиши ба даст овардани эътирофи омӯзгор, волидон ва ҳамсолон) ва ангезаҳои баҳогузорӣ ҳамзамон амал мекунанд. Л.И. Божович қайд намудааст, ки дар ин синну сол ангезаҳои иҷтимоии фаъолият бартарӣ дошта, тадриҷан бо ангезаҳои дохилӣ, ки ба худи мазмуни фаъолият алоқаманданд, пурра мегарданд [32]. Барои тарбияи экологӣ ин маънои онро дорад, ки дар марҳилаи аввал омӯзгор метавонад ба хоҳиши кӯдак барои гирифтани эътироф (ситоиш, нишони «Дӯсти табиат», ҷой дар «Дафтари хайрхоҳиҳо») такя кунад, вале ҳадафи ниҳоӣ бояд он бошад, ки кӯдак ба табиат на барои баҳо, балки аз рӯйи эҳтиёҷи дохилӣ ғамхорӣ намояд. Гузариш аз ангезаи берунӣ ба ангезаи дохилӣ яке аз нишонаҳои асосии ташаккули МАҲТ мебошад ва дар меъёри арзишӣ-ангезавии таҳқиқоти мо махсус арзёбӣ карда мешавад.

Ба ташаккули ихтиёрии рафтор ва худтанзимкунӣ низ таваҷҷуҳ бояд кард. Д.А. Леонтев иқтидори шахсиро ҳамчун иқтидори худтанзимкунӣ, яъне қобилияти шахс барои мустақилона идора кардани рафтори худ дар мувофиқа бо арзишҳои қабулкардааш, тавсиф менамояд [80]. Дар хонандаи синфи ибтидоӣ ин қобилият ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул аст: хонанда қоидаро медонад ва ҳатто ба дурустии он бовар дорад, аммо дар ҳолати воқеӣ, чунончи вақте ки рафиқонаш гулҳоро мекананд, ҳамеша худро нигоҳ дошта наметавонад. Бинобар ин, барои ташаккули МАҲТ ба ғайр аз дониш ва эҳсосот машқи мунтазами рафтори ихтиёрӣ дар ҳолатҳои ҳаётӣ низ лозим аст; аз ҳамин сабаб дар кори мо вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва фаъолияти амалии мунтазам ҳамчун шароити алоҳидаи педагогӣ ҷудо карда шудаанд.

Муносибатҳои кӯдак бо ҳамсолон дар синни хурди мактабӣ тадриҷан аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Г.А. Цукерман нишон додааст, ки ҳамкории таълимии кӯдакон бо ҳамдигар, на танҳо бо омӯзгор, шарти муҳими рушди мустақилият ва мавқеи фаъоли хонанда мебошад; таълиме, ки дар он кӯдакон танҳо бо омӯзгор муошират мекунанду бо ҳамдигар не, аз ҷиҳати иҷтимоӣ «бекас» мегардад [138]. Ин хулоса барои ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ муҳим аст: иҷрои лоиҳаҳо дар гурӯҳ, тақсими уҳдадориҳо дар маҳфил ва якҷоя нигоҳубин кардани гӯшаи табиат ба хонандагон шароит фароҳам меоранд, ки қоидаҳои рафтори экологиро дар муошират бо ҳамсолон озмоянд ва ба одат табдил диҳанд. Баҳои ҳамсолон дар синфҳои 3–4 барои кӯдак гоҳо аз баҳои калонсолон муҳимтар мегардад ва ин омилро дар тарбия бояд истифода бурд.

Хусусиятҳои асосии синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва имкониятҳои ташаккули МАҲТ дар ҷадвали 2.1 ҷамъбаст гардидаанд.

Ҷадвали 2.1. – Хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва имкониятҳои ташаккули МАҲТ

Синнусол (синф)	Хусусиятҳои асосӣ	Имкониятҳо барои ташаккули МАҲТ	Шаклҳои мувофиқи фаъолият
6–7 сол (синфи 1)	гузариш аз бозӣ ба таълим; дарки эҳсосӣ ва яклухт; диққати асосан ғайриихтиёрӣ; тақлид ба калонсолон	бедор кардани ҳайрат ва муҳаббат ба табиат; азхуд кардани қоидаҳои оддии рафтор дар табиат	сайругашт дар табиат, бозиҳои нақшӣ, нигоҳубини растаниҳои синф, ҳикоя ва афсона
8–9 сол (синфҳои 2–3)	рушди мушоҳидакорӣ ва диққати ихтиёрӣ; тафаккури аёнӣ-образнок; эҳтиёҷ ба баҳои омӯзгор ва ҳамсолон	дарки робитаҳои оддии табиат; ташаккули ҳамдардӣ ва масъулият	саёҳат, мушоҳидаҳои фенологӣ, маҳфили экологӣ, аксияҳо, лоиҳаҳои хурд
9–10 сол (синфи 4)	ибтидои тафаккури мафҳумӣ-мантиқӣ; рушди худбаҳодиҳӣ; аҳамияти гурӯҳи ҳамсолон	дарки сабабу оқибати рафтори инсон; интихоби мустақили ахлоқӣ; ташаббускорӣ	лоиҳаҳои гурӯҳӣ, гурӯҳи «Посбонони сабз», ҳашар бо оила, конференсияи хурд, намоишгоҳ

Аз ҷадвали 2.1 бармеояд, ки дар ҳар як марҳилаи синнусолӣ вазифаҳои ташаккули МАҲТ ва шаклҳои мувофиқи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ фарқ мекунанд: агар дар синфи якум таваҷҷуҳи асосӣ ба таҷрибаи эҳсосии бевосита дода шавад, пас дар синфҳои 3–4 хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи лоиҳавӣ ва ҷамъиятӣ омода мешаванд.

Пайдарпайии ташаккули муносибат ба табиат аз синф ба синф дар таҳқиқоти З.Н. Тӯраев дар мисоли дарсҳои табиатшиносӣ нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки «дар синфи 1-ум вазифаи асосӣ бедор намудани шавқу ҳавас ва муносибати мусбат ба табиат мебошад» [124, с. 88],

дар ҳоле ки «дар синфи 2-юм доираи дарк васеъ гардида, хонанда на танҳо объектҳои алоҳидаро мешиносад, балки кӯшиш мекунад онҳоро гурӯҳбандӣ, муқоиса ва аз нигоҳи аҳамияти экологӣ арзёбӣ намояд» [124, с. 89]. Дар синфҳои болоӣ, ба андешаи муаллиф, мавзуъҳо ба он равона мешаванд, ки хонанда алоқаҳои сабаб ва натиҷаро дар табиат дарк намояд, ва «дар ин марҳила ҷанбаи маърифатӣ ва амалии таълим бештар амиқ мегардад» [124, с. 90]. Ин пайдарпайӣ бо хусусиятҳои синнусолии дар ҷадвали 2.1 ҷамъбастшуда мувофиқ буда, барои тақсими вазифаҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ аз рӯйи синфҳо асос медиҳад.

Дар психологияи шахсият ба нақши хусусиятҳои фардӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. А.Ф. Лазурский таъкид мекард, ки тарбия бояд ба хусусиятҳои фитрии шахсияти кӯдак – эндопсихика – такя намуда, дар айни замон муносибатҳои ӯро ба олами беруна – экзопсихика – ташаккул диҳад [78]. Б.Г. Ананев инсонро ҳамчун ягонагии хосиятҳои организм, шахсият, субъекти фаъолият ва фардият баррасӣ намуда, нишон дод, ки рушди ҳар яке аз ин сатҳҳо ба шароитҳои мушаххаси фаъолият ва муошират вобаста аст [20]. Аз ин мавқеъҳо барои таҳқиқоти мо хулоса бармеояд, ки муносибати ахлоқӣ ба табиат, гарчанде ки дар заминаи хусусиятҳои фитрии кӯдак (ҳассосият, ҳаяҷоннокӣ, кунҷковӣ) ба вуҷуд меояд, хусусан дар фаъолият ва муошират ташаккул меёбад ва бинобар ин, ба таъсири мақсадноки педагогӣ ҷавоб медиҳад.

Дар ташаккули рафтори ахлоқии хонандагон омилҳои педагогӣ ва психологӣ нақши асосӣ доранд. Ба онҳо намунаи шахсии омӯзгор ва волидон, муҳити педагогӣ, таҷрибаи эҳсосии бевоситаи кӯдак дар табиат ва фаъолияти дастаҷамъонаи ҳамсолон дохил мешаванд. Ш.И. Ҷумъаева нақши калонсолонро чунин тавсиф мекунад: «Калонсолон бояд дорои тафаккур ва шуури экологӣ бошанд, то ба кӯдакон нишон диҳанд, ки дар табиат чӣ гуна дуруст рафтор кардан лозим аст, амалу кирдорҳои мусбате анҷом диҳанд, ки муҳаббат, ғамхорӣ ва муносибати эҳтиёткоронаи онҳоро ба табиат ва ба ҳама мавҷудоти зинда нишон медиҳанд. Ин дар корҳои одӣ, аз қабили об додани

дарахтону гулҳо, сохтани ғизохонаҳо барои паррандагон, тоза кардани ҷӯйборҳо ва ҷамъоварии партовҳо аз ҳавлӣ мушоҳида мешавад» [46, с. 27].

Таҳқиқоти хориҷӣ низ ин хулосаро тасдиқ мекунанд. Л. Чаула дар асоси таҳлили таҷрибаи ҳаётии одамоне, ки дар калонсолӣ фаъолона ба ҳифзи табиат машғуланд, муайян намудааст, ки ду омил дар кӯдакии онҳо ҳалкунанда будааст: вақти зиёде, ки дар табиат гузаронидаанд, ва намунаи калонсоле, ки ба табиат бо эҳтиром муносибат мекард [142]. Д. Собел тавсия медиҳад, ки бо кӯдакони синни хурд аввал муҳаббат ва ҳамдардӣ ба табиати наздик тарбия карда шавад ва танҳо баъдан ба мушкилоти глобалии экологӣ гузашта шавад, зеро барвақт ташвиқ кардан ба фалокатҳои экологӣ метавонад дар кӯдак тарс ва бетафовутиро ба вуҷуд оварад [147].

Ш.И. Ҷумъаева аҳамияти донистани оқибатҳои фаъолияти инсонро аз синни барвақт таъкид намуда, менависад: «Ҳамин тариқ, ҳар як шаҳрванди кишвар аз синни барвақт пеш аз ҳама бояд дар бораи ҳамаи таъсироти зарарноки инсон ба табиати зинда ва ғайризинда, инчунин дар бораи оқибатҳои онҳо огоҳ бошад» [46, с. 27]. Дар синфҳои ибтидоӣ ин талаб мувофиқи имкониятҳои синнусолӣ иҷро мешавад: ба хонандаи хурдсол лозим аст, ки на аз офатҳои умумисайёравӣ, балки аз натиҷаҳои аёну мушаххаси кирдори худ – шохаи шикастаи дарахт, ҷӯйбори ифлосшуда, паррандаи бе лона монда – огоҳ бошад. Чунин донишҳо ба таҷрибаи шахсии кӯдак наздиканд ва ба ҷои тарс ҳисси масъулиятро ба вуҷуд меоранд, ки бо тавсияҳои Д. Собел, ки дар боло зикр гардид, мувофиқат мекунад.

З.Н. Тӯраев яке аз қонуниятҳои асосии ин равандро чунин муайян мекунад: «Тарбияи шахсият танҳо дар заминаи фаъолият ва сатҳи шавқмандии он дар муносибат бо муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад. Ба ин қонуният омилҳои психологию педагогии фаъолияти ҷамъиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ хос аст» [124, с. 17]. Аз ин қонуният бармеояд, ки фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ – маҳфилҳо, аксияҳо, ҳашарҳо ва лоиҳаҳои ҷамъиятӣ – барои ташаккули МАҲТ на воситаи иловагӣ, балки шарти зарурӣ мебошад.

Омилҳои асосии педагогӣ-психологии ташаккули МАҲТ ва таъсири онҳо ба рафтори хонандагон дар ҷадвали 2.2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.2. – Омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули МАҲТ ва таъсири онҳо ба рафтори хонандагон

Омил	Таъсир ба рафтори хонанда
Намунаи шахсии омӯзгор ва калонсолон	Хонандагон рафтори дурусти экологиро тавассути тақлид ва эътимод ба калонсолон азхуд мекунанд
Таҷрибаи эҳсосии бевосита дар табиат	Ҳайрат, шодӣ ва ҳамдардӣ ба муносибати арзишманд ба табиат табдил меёбанд
Шаклҳои фаъол ва интерактивии фаъолият	Иштироки амалӣ дониш ва муносибатро ба рафтори устувор мепайвандад
Муҳити оила ва маҳалла	Қоидаҳои рафтори экологӣ дар ҳаёти ҳаррӯза мустаҳкам мегарданд
Гурӯҳи ҳамсолон ва фаъолияти дастаҷамъона	Масъулияти муштарак, ҳамкорӣ ва эътирофи иҷтимоии рафтори нек ташаккул меёбад

Таҳлили ҷадвали 2.2 нишон медиҳад, ки омилҳои педагогӣ-психологӣ ба ҳар се ҷузъи фарҳанги экологӣ таъсир мерасонанд, вале таъсири онҳо танҳо дар ҳолати амали якҷоя ва ҳамоҳанг пурра зоҳир мегардад. Масалан, намунаи омӯзгор бе таҷрибаи шахсии кӯдак ба рафтори устувор табдил намеёбад, таҷрибаи эҳсосӣ бошад, бе дастгирии оила тадриҷан фаромӯш мешавад.

Аҳамияти махсусро таъсири эҳсосӣ ва эстетикии табиат дорад. Ин паҳлуро З.Н. Тӯраев чунин шарҳ медиҳад: «Нақши муҳими дигарро таъсири эҳсосӣ ва эстетикӣ мебозад, зеро дарки зебоии табиат ба ташаккули муносибати арзишманд нисбат ба муҳити зист мусоидат мекунад. Дар чунин шароит эҳсосоти гуногун, аз ҷумла тааҷҷуб, шодӣ ва норозигӣ аз муносибати бемасъулиятона, ба шаклгирии мавқеи шахсӣ таъсири назаррас мерасонанд» [124, с. 70]. Чунин эҳсосот – масалан, тааҷҷуби кӯдакон ҳангоми мушоҳидаи шукуфтани дарахт ё норозигии онҳо аз дидани партовҳо дар соҳили ҷӯйбор – метавонанд ба нуқтаи оғози муҳокимаҳои ахлоқӣ табдил ёбанд.

Ҷанбаи эҳсосӣ ва эстетикии муошират кӯдак бо табиат дар осори В.А. Сухомлинский бо равшании махсус ифода ёфтааст. Дар «Мактаби шодӣ», ки ӯ барои хурдсолон дар Павлиш ташкил карда буд, қисми зиёди машғулиятҳо дар ҳавои кушод – дар боғ, саҳро ва соҳили дарё – гузаронида мешуданд ва

омӯзгор кӯдаконро ба мушоҳидаи ранги осмон, садои вазиши шамол ва аз хоби зимистона бедор шудани гиёҳҳо ҷалб менамуд; Сухомлинский чунин «дарсҳои тафаккур дар табиат»-ро сарчашмаи инкишофи ақл ва парвариши ҳиссиёти нек медонист [119]. Таҷрибаи Сухомлинский нишон медиҳад, ки эҳсоси зебоии табиат дар кӯдак бо ҳисси ғамхорӣ ва масъулият нисбат ба он пайванди зич дорад: он чиро, ки кӯдак зебо ёфтааст ва дӯст доштааст, ӯ ҳимоя кардан мехоҳад. Аз ин рӯ, дар синфҳои ибтидоӣ таҷрибаи эстетикӣ на илова ба тарбияи экологӣ, балки яке аз заминаҳои асосии он мебошад.

Маълумоти гуногуни педагогӣ ва психологӣ нишон медиҳанд, ки эҳсосот ва рафтори хонандагон дар навбати аввал ба муҳити оила ва муассисаи таълимӣ вобаста аст. Омӯзиши экология ва ахлоқ дар гурӯҳҳои хурд ва бо намунаи дурусти калонсолон ба хонандагон имкон медиҳад, ки рафтори дурустро на ҳамчун талаби берунӣ, балки ҳамчун одати худ қабул кунанд. Чунончи, кӯдаконе, ки дар лоиҳаҳои экологӣ оид ба парвариши гиёҳҳо ширкат варзидаанд, дар гуфтугӯҳо зиёдтар аз масъулияти худ ва орзуи нигоҳ доштани табиати атроф сухан мегӯянд.

Р.М. Кузиева оқибатҳои набудани чунин тарбияро низ нишон медиҳад: «Натиҷаи инро мо дар муносибати беҳиссона, бетафоввутона, бемасъулиятона ва бадахлоқона, бераҳмона ва нооқилона ба табиат мушоҳида менамоем. Аз ҳамин сабаб зарурате ба миён омад, ки низоми муайян ва ҳадафноки таҳсилоти экологӣ ба миён ояд, то ин ки дар таҳти таъсири чорабиниҳои махсусташкилгардидаи таълимию тарбиявӣ дар инсон аз синни хурди таҳсилот фарҳанги экологӣ ташаккул дода шавад» [71, с. 41]. Мафҳуми «чорабиниҳои махсусташкилгардида» дар ин иқтибос бевосита ба мафҳуми шароитҳои педагогӣ, ки мавзуи таҳқиқоти мо мебошанд, наздик аст.

С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин се тарзи дарки муҳити атроф ва табиатро муайян мекунанд: тарзи персептивӣ – ҳангоми ташаккули тасвири ҳиссии табиат; тарзи когнитивӣ – дар асоси коркарди иттилооти қабулшуда; тарзи амалӣ – ҳангоми ҳамкории мустақими амалӣ бо муҳити табиӣ [45, с. 50]. Аз

ин миён, тарзҳои персептивӣ ва амалӣ дар таъсиррасонӣ ба кӯдаки синни хурди мактабӣ бартарӣ доранд. Ба гуфтаи ҳамин муаллифон, экологикунонии муҳити педагогӣ, яъне дохил кардани объектҳои табиӣ ба муҳити таълим, ба тамоми соҳаҳои равонии кӯдак таъсири доимӣ мерасонад ва шарти ташаккули ҷузъи экологии фарҳанги шахсият мебошад [45].

Аз ин нуқтаи назар, хусусияти муҳити деҳот ба ташаккули фарҳанги экологӣ мусоидат мекунад: дар муассисаҳои деҳот кӯдак бевосита бо майдонҳо, боғҳо, ҷӯйборҳо ва ҳайвоноти хонагӣ сарукор дорад ва анъанаҳо, маросимҳо ва ҷашнҳои мардумӣ, ки ба табиат алоқаманданд, ҳанӯз зинда мебошанд. Дар шароити шаҳр бошад, ки робитаи кӯдак бо табиат маҳдуд аст, ташкили махсуси муҳити экологии мактаб ва саёҳатҳо ба табиат аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ин тафовут дар интихоби пойгоҳи озмоиши мо – муассисаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ – ба инобат гирифта шуд.

Дар шароити муосир ба омилҳои синнусолӣ омили нав – муҳити рақамӣ – илова гардидааст. Кӯдакони имрӯза вақти зиёдро бо телефон, телевизор ва бозиҳои компютерӣ мегузаронанд ва таҷрибаи бевоситаи онҳо дар табиат, хусусан дар шаҳрҳо, коҳиш меёбад. Р. Лув ин ҳодисаро «норасоии табиат» номида, онро бо паст шудани диққат, фаъолнокии ҷисмонӣ ва ҳассосияти эҳсосии кӯдакон алоқаманд медонад [146]. Барои тарбияи экологӣ ин маънои онро дорад, ки мактаб бояд барои таҷрибаи бевоситаи кӯдак дар табиат вақт ва имконияти махсус ҷудо намояд. Ҳамзамон, воситаҳои рақамӣ метавонанд ба ҷои рақиб ёрирасони тарбия гарданд: суратгирии мушоҳидаҳо, тамошои филмҳои кӯтоҳи табиатшиносӣ ва таҳияи «китобҳои рақамӣ»-и синф дар бораи табиати маҳал, ба шарте ки онҳо ҷойи муошират бевоситаро бо табиат нагиранд, балки онро пурра созанд.

З.Н. Тӯраев зарурати ба инобат гирифтани ин омилҳоро дар ташкили фаъолияти экологӣ таъкид намуда, менависад, ки дар ин раванд «хусусиятҳои физиологӣ - синнусолии хонандагон ва ҳолати экологии

маҳалли зисташон дар рафти ташаккули фарҳанги экологӣ ба назар гирифта шаванд» [124, с. 12]. Ба гуфтаи муаллиф, бо роҳи таъсири равонӣ ба ҳиссиёт, ирода ва ақли кӯдакон метавон мушкилоти экологии маҳалро ба онҳо ошкор сохт ва байни машғулиятҳои назариявӣ ва амалии хонандагони хурдсол пайванди мантиқӣ ба вуҷуд овард [124, с. 18]. Ин андешаҳо ба мо асос доданд, ки маводи маҳаллӣ – ҷӯйборҳо, боғҳо, дарахтони кӯҳансоли маҳалла – ба мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ворид карда шаванд.

З.Н. Тӯраев ба аҳамияти табиати маҳал барои ин раванд ишора намуда, менависад: «Флора ва фаунаи минтақа имконият медиҳанд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо муҳити зист, табиати зинда ва ғайризинда шинос шуда, корҳои экологӣ ва омӯзиши муҳити зистро амалӣ кунанд. Яке аз шартҳои муҳим барои ташаккули ФЭ дар асоси кишваршиносӣ мушоҳидаи мустақими хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз падидаҳои табиати зодгоҳ аст» [124, с. 123]. Ш.И. Ҷумъаева низ ба зарурати пайдарпайӣ дар таълими экологӣ ва истифодаи воситаҳои аёнӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд мекунад, ки дар таълим ва тарбияи бефосилаи экологии насли наврас «риояи пайдарпайӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ дар якҷоягӣ бо шароитҳои дидактикӣ бо назардошти истифодаи воситаҳои гуногуни аёнии таълимӣ дар шакли ҷадвалҳо, схемаҳо, плакатҳо, маҷмуи кортҳо, портретҳо ва дигар маводи дидактикӣ зарур аст» [46, с. 32]. Барои хонандаи синфи ибтидоӣ, ки тафаккураш аёнӣ-образнок аст, воситаҳои аёнӣ ва мушоҳидаи бевосита на воситаи ёрирасон, балки асоси азхудкунии донишҳо ва ташаккули муносибат мебошанд.

З.Н. Тӯраев раванди ташаккули фарҳанги экологиро ба қоидаҳои мушаххаси педагогию психологӣ вобаста медонад ва дар қатори онҳо «принсипи томияти таълим ва тарбия, ки тибқи он ташаккули шахсият дар ҳамгироии таҷрибаи муайяни фаъолияти экологӣ, ки дар заминаи дониш, маҳорат ва малакаҳои иҷтимоию экологӣ сурат мегирад» [124, с. 17] ҷой медиҳад. Ба ақидаи муаллиф, дар ин раванд инчунин «вобастагии тарбия аз сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият» [124, с. 16] ба инобат

гирифта мешавад. Ин қоидаҳо собит месозанд, ки омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули МАҲТ ҳамеша дар заминаи вазъи мушаххаси иҷтимоӣ, яъне фазои хонавода, маҳалла ва имконоти мактаб, таъсир мерасонанд; аз ин рӯ, ҳангоми ба роҳ мондани онҳо шароити ҳақиқии ҳар як мактаб бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

Бояд инчунин фарқиятҳои фардии хонандагонро ба назар гирифт. Дар як синф кӯдаконе ҳастанд, ки аз хурдӣ дар оила бо табиат – боғ, ҳайвоноти хонагӣ, корҳои саҳроӣ – сарукори доимӣ доранд, ва кӯдаконе, ки таҷрибаи бевоситаи онҳо дар табиат хеле маҳдуд аст. Кӯдакони дорои мизоҷи гуногун ба таъсироти тарбиявӣ гуногун ҷавоб медиҳанд: баъзеҳо ба корҳои амалӣ ва ҳаракатнок майл доранд, дигарон мушоҳида ва эҷодиёти бадеиро афзал медонанд. Аз ин рӯ, низоми фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ бояд гуногуншакл бошад ва ба ҳар як кӯдак имкон диҳад, ки роҳи худро ба табиат ёбад – тавассути расм, шеър, нигоҳубини растанӣ, мушоҳидаи паррандагон ё иштирок дар аксия. Чунин гуногуншаклӣ дар интихоби шаклҳои фаъолият дар зербоби 3.1 инъикос ёфтааст.

Ш.И. Ҷумъаева ба хусусияти бефосила будани ин раванд ишора намуда, қайд мекунад, ки маърифати экологӣ «ҳамчун воситаи ташаккули ҳисси муҳаббат ба табиат ва фарҳанги экологӣ, инчунин шуур ва тафаккури экологии ҷамъиятӣ ва фардии таълимгирандагон хизмат мекунад, ки аз синни томактабӣ гузошта шуда, дар мактаб ва донишгоҳ ва баъдан дар тамоми ҳаёти инсон рушд меёбанд» [46, с. 54]. Мавқеи синфҳои ибтидоӣ дар ин занҷира махсус аст: маҳз дар ин ҷо таҷрибаи эҳсосии томактабӣ бояд ба донишҳои бонизом ва рафтори бошуурона пайваст гардад.

Тарбияи маънавӣ ва ахлоқии инсон яке аз ҷанбаҳои асосии экологияи иҷтимоӣ мебошад, зеро муносибати байни инсон, табиат ва ҷомеа на танҳо ба олами атроф, балки ба худи инсон низ алоқаманд аст. Равиши ахлоқӣ ба муносибати инсон ва табиат тақозо мекунад, ки муносибати истеъмолгароёна ва харобиовар ба табиат дар шуури кӯдак ҷои худро ба муносибати эҳтиёткорона ва созанда диҳад. Барои ин олимон чунин самтҳоро пешниҳод

мекунанд: гузариш аз тафаккури истеъмолгароёна ба тафаккури созанда; худмаҳдудкунии ниёзҳо ва рад кардани зӯроварӣ нисбат ба мавҷудоти зинда; рушди шахсияти пурмуҳаббат ва эҷодкор.

Бо ин мақсад, дар марҳилаи муайянкунандаи таҳқиқот мо кӯшиш кардем, ки сатҳи донишҳои экологӣ ва муносибати хонандагони синфҳои ибтидоиро ба табиат муайян намоем ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии онҳоро таҳлил кунем. Ин ба мо имкон дод, ки сифати омодагии омӯзгоронро барои корҳои беруназсинфии экологӣ ва ҳифзи табиат ба таври ғайримустақим арзёбӣ намоем. Натиҷаҳои ин марҳила дар зербоби 3.2 оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, синни хурди мактабӣ бо эҳсосоти равшан, кунҷковӣ, эътимод ба калонсолон, майл ба тақлид ва ҳассосият ба баҳои иҷтимоӣ тавсиф мешавад, ки онро давраи ҳассоси ташаккули МАҲТ мегардонад. Омилҳои асосии педагогӣ-психологии ин раванд – намунаи калонсолон, таҷрибаи эҳсосии бевосита дар табиат, шаклҳои фаъоли фаъолият, муҳити оила ва маҳалла ва фаъолияти дастаҷамъонаи ҳамсолон – танҳо дар ҳолати ташкили мақсадноки онҳо дар низоми ягона самаранок мегарданд. Чунин низомро амсилаи шароитҳои педагогӣ, ки дар зербоби оянда пешниҳод мегардад, таъмин менамояд.

2.2. Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат


Хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои педагогӣ-психологии баррасишуда нишон доданд, ки ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ раванди бисёрҷанба буда, танҳо дар сурати ташкили низомноки он натиҷаи устувор медиҳад. Барои таъмини чунин низомнокӣ мо усули амсиласозиро истифода бурдем.

Амсила дар педагогика ҳамчун шакли назариявии инъикоси равандҳои воқеии таълим ва тарбия фаҳмида мешавад. Он имкон медиҳад, ки ҷузъҳои

асосии раванди педагогӣ, робитаи байни онҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда ба таври возеҳ муайян карда шаванд. В.И. Загвязинский амсиласозиро яке аз усулҳои асосии таҳқиқоти педагогӣ медонад, ки ба тадқиқотчӣ имкон медиҳад равандҳои мураккаб, бисёрҷанба ва дарозмуддати тарбияро дар шакли соддакардашуда, вале яклухт тасвир намояд [51]. Аз нигоҳи В.П. Беспалько, ҳар низоми педагогӣ аз унсурҳои ба ҳам вобаста – ҳадаф, мундариҷа, методҳо, шаклҳо ва натиҷа – иборат буда, дигаргуншавии ҳар яке аз онҳо боиси тағйири боқимонда мегардад [28].

Дар заминаи тарбияи экологӣ амсилаи педагогӣ воситаи муҳим барои ҳамгироии донишҳои экологӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва фаъолияти амалии хонандагон мебошад. З.Н. Тӯраев мақсади чунин амсиларо чунин муайян мекунад: «Мақсади модели пешниҳодшуда таъмини гузариши пайдарпайи хонанда аз дарки ибтидоии объектҳои табиат ба муносибати арзишманд ва рафтори амалии экологӣ мебошад. Дар асоси ин мақсад сохтори модел ба компонентҳо ва марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд такя мекунад» [124, с. 74]. Ш.И. Ҷумъаева низ дар таҳқиқоти худ амсилаи педагогиеро пешниҳод мекунад, ки «ба ташкили марҳилавӣ, ҳамгироии омодагии назариявӣ ва амалӣ, ягонагии ҳадафҳо, мазмуни таълим, технологияҳои педагогӣ ва натиҷаҳои интизоршавандаи раванди таълим асос ёфтааст» [46, с. 17]. Бо такя ба ин мавқеъҳо, амсилаи мо фарқияти муҳим дорад: дар маркази он маҳз блоки шароитҳои педагогӣ ва фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон қарор дорад.

Амсилаи пешниҳодшуда аз панҷ ҷузъи ба ҳам алоқаманд иборат мебошад: ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ (бо блоки шароитҳои педагогӣ) ва арзёбӣ-натиҷавӣ. Сохтори умумии он дар расми 2.1 тасвир ёфтааст.



Расми 2.1. – Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат

Ҷузъи ҳадафнок самти асосии фаъолиятро муайян менамояд. Ҳадафи амсила ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ мебошад. Ин ҳадаф дар вазифаҳои зерин мушаххас мегардад: ташаккули донишу тасаввуроти

ибтидоии экологӣ дар бораи табиати маҳал ва робитаҳои он; парвариши меҳр, дилсӯзӣ ва эҳтиром нисбат ба табиат; бедор кардани ҳисси ҷавобгарии шахсӣ барои нигоҳдории муҳити зист; ба вуҷуд овардани малака ва одатҳои рафтори экологии дуруст; ҷалб намудани кӯдакон ба корҳои амалӣ ва ҷамъиятии табиатҳифзкунӣ. Вазифаҳо мустақиман ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ – мутобиқ карда шудаанд.

Р.М. Кузиева дар қатори ғояҳои асосии мазмуни экологии таълим инҳоро чудо мекунад: «Дарки арзишҳои ҳамаҷонибаи табиат ҳамчун манбаи нерӯҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа ва шахсият. Аз худ намудани донишҳо ва маҳорату малакаҳои амалӣ доир ба омӯзиш ва баррасии вазъи муҳити зист, чораандешӣ барои беҳбуди он, пешгирӣ аз таъсироти манфӣ ба табиат дар ҳама гуна фаъолиятҳои меҳнатӣ. Ташаккул додани муносибатҳои некбинона ва хайрхоҳона ба табиат, дарки таъсироти он ба ҳосилшавии арзишҳои ахлоқии ҷомеа, хоҳиши донистани дунёи воқеӣ дар иттиҳод бо таҷрибаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ» [71, с. 81]. Вазифаҳои ҷузъи ҳадафноки амсилаи мо бо ин ғояҳо мувофиқ буда, онҳоро ба хусусиятҳои синни хурди мактабӣ ва шароити фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ мутобиқ месозанд.

Ҷузъи назариявӣ-методологӣ равишҳо ва принсипҳоеро дар бар мегирад, ки асоси илмии амсиларо ташкил медиҳанд. Равиши системавӣ фарҳанги экологиро ҳамчун низоми ягонаи дониш, муносибат ва рафтор баррасӣ менамояд; равиши аксиологӣ табиатро ҳамчун арзиши умумибашарӣ ва миллӣ муаррифӣ мекунад; равиши фаъолиятӣ иштироки фаъоли хонандагонро дар фаъолияти экологӣ таъмин менамояд; равиши шахсиятгаро хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдакро ба инобат мегирад; равиши фарҳангшиносӣ ба мероси фарҳангии халқи тоҷик такя мекунад; равиши муҳитӣ муҳити табиию иҷтимоии маҳалро ҳамчун воситаи тарбия истифода мебарад.

Ҳар яке аз равишҳо дар амсила вазифаи мушаххас дорад. **Равиши системавӣ** талаб мекунад, ки ҳамаи ҷузъҳои амсила – аз ҳадаф то натиҷа –

ҳамчун унсурҳои низоми ягона баррасӣ шаванд ва тағйири яке аз онҳо бо тағйири дигарон ҳамроҳ гардад; маҳз аз ҳамин равиш талаботи татбиқи якҷояи шароитҳои педагогӣ бармеояд. **Равиши аксиологӣ** табиатро ҳамчун арзиши мустақил ва муносибати ахлоқиро ба он ҳамчун ҳадафи асосии тарбия муайян мекунад; он интихоби мазмунро ба самти арзишҳо – ҳаёт, Замин, Ватан, меҳнат – равона месозад. **Равиши фаъолиятӣ**, ки ба назарияи фаъолияти А.Н. Леонтев такя мекунад [79], таъкид менамояд, ки муносибатҳои шахс дар фаъолият ташаккул меёбанд ва бинобар ин, кӯдак бояд на шунавандаи гуфтор дар бораи табиат, балки иштирокчии фаъоли фаъолияти ҳифзи табиат бошад.

Равиши шахсиятгаро хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии ҳар як кӯдак, таҷрибаи ҳаётӣ ва шавқҳои ӯро ба инобат гирифта, ба ӯ имкон медиҳад, ки роҳи худро ба табиат интихоб кунад; Е.В. Бондаревская ҳамин равишро асоси тарбияи муосир медонад [33]. **Дар равиши фарҳангшиносӣ мундариҷаи тарбия бо сарвати фарҳангии мардум – забон, адабиёт, суннатҳо ва ҷашнҳо – ҳамбаста гардида, тарбияи экологӣ ҳамчун роҳи шинос шудани кӯдак бо фарҳанги миллӣ ва умумиинсонӣ фаҳмида мешавад. Равиши муҳитӣ** бошад, муҳити табиию иҷтимоии мактаб ва маҳалро ҳамчун воситаи тарбия истифода бурда, ба экологикунонии муҳити педагогӣ, ки С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин асоснок кардаанд [45], такя менамояд. Дар якҷоягӣ ба кор бурдани ин равишҳо ташкили ҳамаҷониба ва илман асосноки ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-ро таъмин менамояд.

Принсипҳои амсила аз инҳо иборатанд: мутобиқат ба табиат ва синну соли кӯдак; мутобиқат ба фарҳанг; ҳамгироии таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ; пайдарпайӣ ва бефосилагӣ; фаъолиятнокӣ; маҳаллигардонӣ (минтақавӣ); ҳамкории субъектҳои тарбия. З.Н. Тӯраев принсипҳои наздикро барои фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ асоснок карда, қайд мекунад: «ташкили фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ бояд дар асоси як қатор принсипҳои асосӣ амалӣ гардад: принсипи пайвастагии таълим бо муҳити маҳаллӣ, принсипи фаъолиятнокӣ, принсипи пайдарпайӣ ва принсипи

ҳамоҳангсозии дониш бо таҷрибаи амалӣ. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки раванди таълим хусусияти мақсаднок ва идорашаванда касб намояд» [124, с. 79].

Мазмуни принсипҳои амсиларо мушаххас менамоем. **Принсипи мутобиқат ба табиат ва синну сол** талаб мекунад, ки мазмун ва шаклҳои фаъолият ба имкониятҳои равонӣ ва ҷисмонии кӯдаки 7–10-сола мувофиқ бошанд: дар синфҳои 1–2 бартарӣ ба мушоҳидаи эҳсосӣ, бозӣ ва амалҳои содда дода мешавад, дар синфҳои 3–4 – ба лоиҳаҳои хурд ва фаъолияти ҷамъиятӣ. **Принсипи мутобиқат ба фарҳанг** пешбинӣ менамояд, ки тарбияи экологӣ дар заминаи арзишҳо, забон, анъанаҳо ва ҷашнҳои халқи тоҷик сурат гирад ва кӯдак дар меъёрҳои муносибат ба табиат идомаи таҷрибаи ниёгони худро бинад. **Принсипи ҳамгироии таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ** маънои онро дорад, ки донишҳои дар дарс азхудшуда дар маҳфил, саёҳат ва аксия ба амал табдил меёбанд, таҷрибаи беруназсинфӣ бошад, дар дарс муҳокима ва ҷамъбаст мегардад.

Принсипи пайдарпайӣ ва бефосилагӣ талаб мекунад, ки вазифаҳо аз синф ба синф мураккаб гардида, фаъолият на дар шакли чорабиниҳои ҷудогона, балки дар давоми тамоми соли хониш мунтазам ташкил карда шавад. **Принсипи фаъолиятнокӣ** хонандаро на шунаванда, балки иштирокчии фаъоли раванд месозад: ҳар як мавзуъ бо амали мушаххаси кӯдак – мушоҳида, нигоҳубин, тозакунӣ, шинондан, эҷод – анҷом меёбад. **Принсипи маҳаллигардонӣ** ба истифодаи табиат, масъалаҳои экологӣ ва ниҳодҳои маҳалли зисти хонандагон нигаронида шудааст, зеро кӯдаки хурдсол он чиро беҳтар дарк ва қадр мекунад, ки бевосита мебинад. **Принсипи ҳамкории субъектҳои тарбия** омӯзгор, хонанда, волидон ва намояндагони ниҳодҳои маҳалро ҳамчун шарикони баробарҳуқуқи раванди тарбия муттаҳид месозад. Ин принсипҳо дар маҷмуъ амал намуда, интихоби мазмун, шаклҳо ва шароитҳои педагогиро муайян мекунанд.

Ҷузъи мазмунӣ маҷмуи донишҳо, арзишҳо ва намудҳои фаъолиятро фаро мегирад, ки дар раванди таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ ба хонандагон пешниҳод мегарданд. Мазмун дар чор модул ташкил карда шуд:

– модули «Табиати зодгоҳи ман» – олами набототу ҳайвоноти маҳал, об, замин ва ҳавои гирду атроф, дигаргуниҳои фаслҳои сол;

– модули «Табиат дар мероси ниёгон» – суннатҳои мардумӣ, идҳои миллӣ (Наврӯз, Меҳргон), пандномаҳо ва шеъри шоирони классики тоҷик, ки ба табиат бахшида шудаанд;

– модули «Ман ва табиат: рафтори масъулона» – қоидаҳои рафтор дар табиат, сарфакории об ва барқ, ҷудо кардани партовҳо, ғамхорӣ ба мавҷудоти зинда;

– модули «Ҳифзи табиат – кори ҳамагон» – иштирок дар аксияҳо, ҳашарҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳои муштарак бо оила ва ниҳодҳои маҳал.

Мазмуни модулҳо бо фанҳои «Табиатшиносӣ», «Хониши адабӣ», «Забони модарӣ», «Санъати тасвирӣ» ва «Меҳнат» ҳамгиро гардида, дар машғулиятҳои беруназсинфӣ идома ва амиқ карда мешавад.

Мазмуни модулҳо бо назардошти синфҳо мушаххас карда шуд. Дар модули «Табиати зодгоҳи ман» хонандагони синфи 1 бо растаниҳо ва ҳайвоноти ҳавлии мактаб ва хона шинос шуда, тағйироти фаслиро дар «Тақвими табиат»-и синф бо расм қайд мекунанд; хонандагони синфҳои 2–3 мушоҳидаҳои фенологиро бо ёддоштҳои кӯтоҳ анҷом дода, гербарийи растаниҳои маҳалро тартиб медиҳанд; хонандагони синфи 4 «Харитаи табиати маҳаллаи мо»-ро тартиб дода, ҷойҳоеро, ки ба ҳифз ниёз доранд, муайян менамоянд. Дар модули «Табиат дар мероси ниёгон» хонандагони синфҳои хурд бо афсонаҳо ва мақолҳо дар бораи табиат шинос мешаванд, хонандагони синфҳои калонтари зинаи ибтидоӣ бошанд, порчаҳои ашъори классикон ва анъанаҳои ҷашнҳои миллиро меомӯзанд ва аз бобову бибиҳои худ ривоятҳо ҷамъоварӣ мекунанд.

Дар модули «Ман ва табиат: рафтори масъулона» ба хонандагони синфи 1 қоидаҳои оддии рафтор дар табиат ва дар хона (гул накандан, обро

бастан, партовро ба қуттӣ партофтан) дар шакли бозӣ ва расм таълим дода мешаванд; дар синфҳои 2–3 хонандагон вазъиятҳои ахлоқӣ-экологиро муҳокима намуда, «Дафтари хайрхоҳиҳои ман»-ро пеш мебаранд; дар синфи 4 онҳо оқибатҳои рафтори инсонро дар табиат таҳлил карда, барои ҳамсолон ва хонандагони синфҳои хурд «қоидаҳои дӯсти табиат»-ро таҳия менамоянд. Модули «Ҳифзи табиат – кори ҳамагон» иштироки хонандагонро дар аксияҳо ва ҳашарҳо дар ҳамаи синфҳо пешбинӣ мекунад, вале агар дар синфҳои хурд кӯдакон бештар иштирокчӣ бошанд, дар синфи 4 онҳо ҳамчун ташкилкунандагони лоиҳаҳои хурд баромад мекунанд.

Ҳар як модул ба ҳамаи се ҷузъи фарҳанги экологӣ таъсир мерасонад, вале таъкиди асосии онҳо гуногун аст: модули якум асосан ба ҷузъи маърифатӣ, модули дуюм ба ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ, модулҳои сеюм ва чорум ба ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ нигаронида шудаанд. Чунин тақсимот имкон медиҳад, ки дар давоми сол мувозинати ҳар се ҷузъ нигоҳ дошта шавад ва ягон ҷанбаи фарҳанги экологӣ бе таваҷҷуҳ намонад.

Ҷузъи ташкилӣ-фаъолиятӣ шаклҳо, методҳо ва воситаҳои амалӣ сохтани амсиларо фаро гирифта, меҳвари онро маҷмуи панҷ шароити педагогӣ ташкил медиҳад: 1) бунёди муҳити экологии таълимию тарбиявӣ ва пайванд додани он бо фазои табиӣ ва иҷтимоии маҳал; 2) ҳамгироии мазмуни фанҳо бо мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; 3) ҷалби мунтазами хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат; 4) рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор; 5) ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Моҳият ва роҳҳои татбиқи ҳар як шароит дар зербоби 2.3 муфассал баррасӣ мегардад.

Шаклҳои асосии фаъолият инҳоянд: дарсҳои ҳамгиро ва соатҳои тарбиявӣ; маҳфили экологии «Посбонони сабз»; саёҳат ва саёҳатҳо ба табиат; лоиҳаҳои хурди экологӣ; аксияҳо ва ҳашарҳо; ҷашнҳои экологӣ ва фарҳангӣ; вохӯриҳо бо мутахассисон; намоишгоҳҳо ва озмунҳо; чорабиниҳои муштарак

бо волидон. Аз ҷумлаи усулҳо суҳбат ва муколама, мушоҳида, таҷрибаҳои содда, бозиҳои дидактикӣ ва нақшӣ, таҳлили вазъиятҳои ахлоқӣ, корҳои эҷодӣ ва гурӯҳӣ истифода мешаванд.

Дар байни шаклҳои фаъолият методи лоиҳавӣ ҷойгоҳи махсус дорад. З.Н. Тӯраев вазифаҳои онро чунин муайян мекунад: «Методи лоиҳавӣ дар доираи фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро менамояд: маърифатӣ (таъмини дарки амиқи муҳити зист); амалӣ (татбиқи донишҳо дар шароити воқеӣ); арзишӣ (ташаккули муносибати масъулона ба табиат); коммуникативӣ (ҳамкорӣ ва фаъолияти гурӯҳӣ)» [124, с. 99]. Аз ин тасниф бармеояд, ки лоиҳа яке аз шаклҳои ҳамгирокунанда буда, ба ҳамаи се ҷузъи фарҳанги экологӣ ва ба рушди малакаҳои иҷтимоии хонандагон ҳамзамон таъсир мерасонад; аз ин рӯ, дар амсилаи мо он ҳамчун шакли асосии шароити сеюми педагогӣ интихоб гардид.

Ҷузъи арзёбӣ-натиҷавӣ меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ, инчунин воситаҳои ташхисро дар бар мегирад. З.Н. Тӯраев дуруст қайд мекунад, ки «натиҷаи таълим бояд дар се самт зоҳир гардад: дар сатҳи дониш, дар сатҳи муносибат ва дар сатҳи рафтори амалӣ» [124, с. 81]. Мутобиқи сохтори сеҷузъии фарҳанги экологӣ, ки дар боби якум асоснок гардид, мо се меъёрро ҷудо намудем: маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ. Чунин сохтори меъёрҳо бо мавқеи З.Н. Тӯраев мувофиқ аст, ки нишондиҳандаҳои меъёри арзиширо чунин тавсиф мекунад: «Нишондиҳандаҳои меъёри арзишӣ-ангезишӣ фарогири шавқу ҳавас ба табиат, эҳсоси дилсӯзӣ нисбат ба мавҷудоти зинда, муносибати эҳтиёткорона ба муҳити атроф ва омодагӣ ба иштирок дар фаъолиятҳои экологӣ мебошанд» [124, с. 127]. Барои ҳар як меъёр нишондиҳандаҳо ва тавсифи се сатҳ – баланд, миёна ва паст – муайян карда шуданд (ҷадвали 2.3).

Дар адабиёти илмӣ гурӯҳбандиҳои дигари меъёрҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, З.Н. Тӯраев барои ташаккули фарҳанги экологӣ чунин меъёрҳоро пешниҳод мекунад: «риояи меъёрҳои рафтори экологӣ; ташаккули шавқу

рағбат ба донишҳои экологӣ; рушди муносибати инсонгароёна; ташаккули эҳсоси эстетикӣ» [124, с. 84]. Ин унсурҳо дар меъёрҳои мо инъикос ёфтаанд: шавқ ба донишҳои экологӣ дар меъёри маърифатӣ, муносибати инсонгароёна ва эҳсоси эстетикӣ дар меъёри арзишӣ-ангезавӣ, риояи меъёрҳои рафтор дар меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ. Афзалияти сохтори сеҷузъаи мо дар он аст, ки ҳар як меъёр бевосита ба яке аз ҷузъҳои фарҳанги экологӣ мутобиқ буда, имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумӣ, балки «профил»-и ташаккули фарҳанги экологии ҳар як хонанда муайян карда шавад: масалан, кӯдаке, ки донишҳои хуб дорад, вале дар корҳои ҳифзи табиат иштирок намекунад, дар меъёри маърифатӣ ба сатҳи баланд ва дар меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ ба сатҳи паст мансуб дониста мешавад ва ба ӯ таъсири махсуси тарбиявӣ зарур мегардад.

Мазмуни нишондиҳандаҳои ҳар як меъёрро мушаххас менамоем. Дар **меъёри маърифатӣ** се нишондиҳанда арзёбӣ мешавад: а) донишҳо дар бораи объектҳои табиати маҳал – шинохтан ва номбар кардани растаниҳо, ҳайвонот, манбаъҳои об ва дигар унсурҳои табиати маҳаллаи худ; б) дарки робитаҳои оддии табиат ва таъсири инсон ба он – қобилияти шарҳ додани он, ки чаро паррандагон ба дарахт, гул ба занбӯри асал ва инсон ба об ниёз доранд ва амалҳои инсон ба ин робитаҳо чӣ гуна таъсир мерасонанд; в) донистани қоидаҳои рафтор дар табиат ва асоснок карда тавонистани онҳо. Дар **меъёри арзишӣ-ангезавӣ** нишондиҳандаҳо инҳоянд: а) муносибати эҳсосӣ ба табиат – қобилияти ҳайрат, шодӣ ва ҳамдардӣ ҳангоми муошират бо табиат ва ифодаи онҳо дар нутқ ва эҷодиёт; б) ҳамдардӣ ба мавҷудоти зинда – омодагӣ ба ҳимоя ва ёрии онҳо дар вазъиятҳои воқеӣ ва тахайюлӣ; в) ангезаи иштирок дар ҳифзи табиат – хоҳиши ихтиёрӣ ва манбаи он (дохилӣ ё берунӣ). Меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ бошад, бо ин нишондиҳандаҳо муайян мегардад: а) риоя кардани қоидаҳои рафтор дар муҳити табиӣ, дар мактаб ва дар хонавода; б) саҳм гирифтан дар корҳои табиатҳифзкунӣ – парвариши гиёҳҳо ва нигоҳубини ҳайвонот, аксияҳо, ҳашарҳо; в) ташаббускорӣ – пешниҳоди ғояҳо, ҷалби ҳамсолон ва радди рафтори нодурусти онҳо.

Барои ҳар як нишондиҳанда дар маводи ташхисӣ (замимаи 1) супоришҳо ва бандҳои харитаи мушоҳида мувофиқ карда шудаанд, ки ҳисоби холҳо аз рӯйи ҳар як меъёр ва дар маҷмуъ имконпазир мегардад. Чунин сохтор ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумии хонанда, балки ҷузъи камтар ташаккулёфтаи фарҳанги экологии ӯро муайян намуда, таъсири тарбиявиро ба ҳамин ҷузъ равона созад.

Ҷадвали 2.3. – Меъёр, нишондиҳанда ва сатҳҳои ташаккулёбии фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Меъёр	Нишондиҳандаҳо	Сатҳи баланд	Сатҳи миёна	Сатҳи паст
Маърифатӣ	донишҳо дар бораи объектҳои табиати маҳал; дарки робитаҳои оддии табиат ва таъсири инсон ба он; донистани қоидаҳои рафтор	донишҳо пурра ва бонизом; робитаҳоро мустақилона шарҳ медиҳад	донишҳо қисман; робитаҳоро бо ёрии омӯзгор муайян мекунад	донишҳо пароканда; робитаҳоро дарк намекунад
Арзишӣ-ангезавӣ	муносибати эҳсосӣ ба табиат; ҳамдардӣ ба мавҷудоти зинда; ангезаи иштирок дар ҳифзи табиат	муносибати мусбати устувор; ангезаи дохилӣ бартарӣ дорад	муносибат мусбат, вале вобаста ба вазъият; ангезаи берунӣ бартарӣ дорад	муносибат бетафовут ё истеъмолгароёна
Фаъолиятӣ-рафторӣ	риояи қоидаҳои рафтор дар табиат; иштирок дар корҳои ҳифзи табиат; ташаббускорӣ	мунтазам ва бо ташаббуси худ иштирок мекунад; дигаронро ҷалб менамояд	бо супориши калонсолон иштирок мекунад	иштирок намекунад ё қоидаҳоро вайрон мекунад

Барои ташхиси меъёрҳо маҷмуи воситаҳое интихоб ва ба синну соли 7–10-сола мутобиқ карда шуданд: супоришҳои санҷишӣ доир ба донишҳои экологии табиати маҳал (меъёри маърифатӣ); вазъиятҳои ташхисии ахлоқӣ-экологӣ ва саволномаи кӯтоҳи муносибат ба табиат, ки дар асоси равиши С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин [45] ва методикаи Л.В. Моисеева ва И.Р. Колтунова [89] мутобиқ гардонида шудааст (меъёри арзишӣ-ангезавӣ); харитаи мушоҳидаи рафтори хонандагон дар табиат ва чорабиниҳои экологӣ ва таҳлили маҳсули фаъолияти онҳо (меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ). Мазмуни маводи ташхисӣ дар замима оварда шудааст.

Марҳилаҳои татбиқи амсила. Татбиқи амсила дар се марҳилаи пайдарпай амалӣ мегардад. Марҳилаи **ташхисӣ-ангезавӣ** ошкор кардани сатҳи аввалаи ташаккулёбии фарҳанги экологӣ ва МАҲТ, ба вуҷуд овардани рағбати кӯдакон ба олами табиат ва омода сохтани омӯзгорону волидонро дар бар мегирад. Марҳилаи **амалиётӣ-фаъолиятӣ** (ташаккулдиҳанда) татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар дарсҳои ҳамгиро ва фаъолияти беруназсинфию беруназмактабӣ мебошад. Марҳилаи **рефлексивӣ-арзёбӣ** (ҷамъбастӣ) арзёбии натиҷаҳо, худбаҳодиҳии хонандагон, муаррифии дастовардҳо дар намоишгоҳ ва ҷашни экологӣ ва ислоҳи минбаъдаи фаъолиятро фаро мегирад.

Мазмуни ҳар як марҳила дар фаъолияти омӯзгор мушаххас карда шуд. Дар марҳилаи ташхисӣ-ангезавӣ, ки моҳҳои аввали соли хонишро фаро мегирад, омӯзгор бо истифода аз маводи ташхисӣ сатҳи ибтидоии хонандагонро муайян намуда, бо волидон вохӯрӣ мегузаронад, маҳфилро ташкил медиҳад ва бо хонандагон «Харитаи табиати маҳаллаи мо»-ро тартиб медиҳад; вазифаи асосии ин марҳила бедор кардани шавқ ва ҳайрат нисбат ба табиати наздик аст. Дар марҳилаи амалиётӣ-фаъолиятӣ, ки қисми асосии соли хонишро ташкил медиҳад, маҷмуи шароитҳои педагогӣ ба таври пурра татбиқ гардида, хонандагон пайдарпай аз мушоҳида ба нигоҳубин, аз нигоҳубин ба лоиҳа ва аз лоиҳа ба иштирок дар корҳои ҷамъиятии маҳал мегузаранд. Дар марҳилаи рефлексивӣ-арзёбӣ, ки охири соли хонишро дар бар мегирад, хонандагон натиҷаҳои кори худро дар намоишгоҳ ва ҷашни «Табиат – хонаи умумии мо» муаррифӣ намуда, дар бораи он чи омӯхтаанд ва чӣ тағйир ёфтааст, муҳокима мекунанд; омӯзгор бошад, ташхиси такрорӣ гузаронида, натиҷаҳоро бо волидон ва ҳамкорон баррасӣ менамояд.

З.Н. Тӯраев ба мураккабшавии тадриҷии вазифаҳо аз синф ба синф ишора намуда, қайд мекунад, ки намунаҳои дарсҳои пешниҳодкардаи ӯ «нишон медиҳанд, ки чӣ гуна унсурҳои фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ аз синфи 1 то синфи 4 тадриҷан мураккаб мегарданд. Ҳар як намуна яке аз ҷанбаҳои модели пешниҳодшударо инъикос намуда, гузариш аз мушоҳида ба

фаҳмиш ва аз фаҳмиш ба фаъолияти амалиро таъмин мекунад» [124, с. 86]. Ҳамин мантиқи «мушоҳида – фаҳмиш – амал» дар амсилаи мо низ ҳам дар дохили ҳар як модул ва ҳам дар пайдарпайии марҳилаҳо риоя карда мешавад; илова бар ин, дар амсилаи мо ҳалқаи чорум – «муносибат», ки байни фаҳмиш ва амал қарор дорад ва тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ташаккул меёбад, махсус ҷудо карда шудааст.

Натиҷаи интизоршаванда гузариши хонанда аз сатҳи паст ва миёна ба сатҳи баландтари ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ мебошад, ки дар баланд шудани сатҳи донишҳои экологӣ, устувории муносибати мусбат ва ангезаи дохилӣ ба ҳифзи табиат ва иштироки мунтазам ва ташаббускоронаи кӯдак дар корҳои ҳифзи табиат зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои интизоршаванда аз рӯйи ҳар як ҷузъ мушаххас карда шуданд. Аз рӯйи ҷузъи маърифатӣ интизор меравад, ки хонанда гиёҳону ҷондорони маъмули диёрашро бишиносад, алоқаҳои соддаи табиатро бо мисол фаҳмонда тавонад ва пешакӣ гуфта тавонад, ки амалҳои одамон ба муҳити наздик чӣ натиҷа меоранд. Дар ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ – ба табиат муносибати мусбати устувор дошта, ба мавҷудоти зинда ҳамдардӣ зоҳир намояд ва дар корҳои ҳифзи табиат на танҳо барои баҳо ё таъриф, балки аз рӯйи хоҳиши худ иштирок кунад. Дар ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ – қоидаҳои рафтор дар табиат, дар мактаб ва дар хона риоя намуда, мунтазам дар нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот, аксияҳо ва ҳашарҳо иштирок кунад ва ҳамсолонро ба рафтори дуруст даъват намояд. Ин натиҷаҳо ба тавсифи сатҳи баланд дар ҷадвали 2.3 мувофиқанд ва ҳамчун мақсади ниҳоии фаъолияти омӯзгор баррасӣ мегарданд.

Ҷузъҳои амсила бо ҳам робитаи зич доранд: ҳадаф мазмунро муайян мекунад, мазмун тавассути шаклҳо ва усулҳо дар шароитҳои муайяни педагогӣ татбиқ мегардад ва натиҷа бо меъёрҳо арзёбӣ шуда, барои ислоҳи ҳадаф ва мазмун асос медиҳад. Маҳз ҳамин робитаи бозгашт амсиларо ба низоми идорашаванда табдил медиҳад.

Дар таҷрибаи мактаб донишҳои экологӣ аксар вақт ба таври ҷудогона пешниҳод мешаванд ва робитаи байни фанҳо ва фаъолияти беруназсинфӣ ба таври кофӣ ба назар гирифта намешавад. Ин ҳолат метавонад боиси он гардад, ки хонандагон масъалаҳои экологиро ба таври яклухт дарк накунанд. Амсилаи пешниҳодшуда маҳз барои бартараф намудани ин камбудӣ таҳия гардида, ҳамгироии мазмуни таълим, истифодаи усулҳои фаъоли педагогӣ ва ташкили фаъолияти амалиро дар низоми ягона таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи назариявӣ ва амалии ташкили раванди тарбия пешниҳод мегардад. Хусусияти фарқкунандаи он дар он аст, ки дар маркази амсила блоки шароитҳои педагогӣ қарор дошта, ҳамаи ҷузъҳо – аз ҳадаф то меъёрҳои арзёбӣ – ба сохтори ягонаи сеҷузъии фарҳанги экологӣ мутобиқ карда шудаанд ва татбиқи он дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон бо ҷалби оила ва ниҳодҳои маҳал пешбинӣ мегардад.

2.3. Маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ

Ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагон дар синни ибтидоӣ раванди муҳим ва мураккаб аст, ки ба шиносоии кӯдак бо табиат, муҳити зист ва таъсири амалҳои инсон ба он вобаста мебошад. Муҳити педагогӣ ва роҳҳои дурусти тарбия дар ташаккули чунин муносибатҳо нақши калидӣ мебозанд. Ҳангоми иҷрои лоиҳаҳо ва корҳои амалӣ хонандагон на танҳо зарурати муҳофизати муҳити атрофро дарк мекунанд, балки рафтори дурустро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ амалан татбиқ менамоянд.

Шароити педагогӣ маҷмуи омилҳо ва имкониятҳое мебошад, ки омӯзгор барои рушди шахсияти хонанда мақсаднок фароҳам меорад. З.Н. Тӯраев дар таҳқиқоти худ шароитҳои самаранокии ташаккули фарҳанги экологиро чунин номбар мекунад: «робитаи таълим бо муҳити воқеӣ; -

истифодаи маводи маҳаллӣ; - иштироки фаъолонаи хонандагон; - ҳамгироии фанҳо. Самаранокии шартҳои зикршуда дар он ифода меёбад, ки онҳо фаъолияти хонандаро ба муҳити воқеӣ наздик месозанд, робитаи дониш ва таҷрибаро таъмин менамоянд ва заминаи иштироки шахсиро фароҳам меоранд» [124, с. 75]. Мо бо ин мавқеъ розӣ ҳастем, вале бо назардошти мавзуи таҳқиқот – ташаккули маҳз муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ – ин рӯйхатро бо шароитҳои рушди ангезаи дохилӣ ва ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои маҳал пурра намудем.

Муҳим он аст, ки шароитҳо на ҳамчун маҷмуи тадбирҳои ҷудогона, балки ҳамчун низоми ягона амал кунанд. З.Н. Тӯраев робитаи шаклҳои синфӣ ва беруназсинфиро чунин тавсиф мекунад: «Агар шаклҳои синфӣ бештар ба ташаккули дониш ва фаҳмиш мусоидат намоянд, пас фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва амалии муҳити зист ба устуворшавии муносибат ва рафтори экологӣ шароит фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, самаранокии бештар дар ҳолати истифодаи пайваста ва мутавозини ҳамаи ин шаклҳо ба даст меояд» [124, с. 73]. Ин хулоса барои мо асоси методологии ҳамгироии шароитҳо дар низоми фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ мебошад.

Таҳлили назариявӣ ва хулосаҳои озмоиши муайянкунанда ба мо имкон доданд, ки панҷ шароити педагогиро ҷудо намоем; ҳамин шароитҳо барои фарзия, амсилаи педагогӣ ва озмоиши таҳқиқот заминаи умумӣ қарор гирифтанд. Дар зер моҳият ва роҳҳои татбиқи ҳар як шароит баррасӣ мегардад.

Шароити якум – ташкили муҳити экологии таълимию тарбиявӣ дар муассиса ва ҳамгироии он бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал. Муҳити таълимӣ бояд хусусияти тарбиявӣ дошта бошад. Ороиши синфхона бо унсурҳои табиӣ (гӯшаи табиат, растаниҳои хонагӣ, маводи иттилоотӣ оид ба ҳифзи муҳити зист), ташкили мушоҳидаҳои мунтазам ва корҳои амалӣ ба ташаккули муносибати эҳсосӣ мусоидат мекунад. Ба таъкиди З.Н. Тӯраев, иқтидори фаъолияти экологӣ «на танҳо дар истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолият, балки дар ташкил намудани муҳити педагогии махсус, ки робитаи

мустақими хонандагонро бо муҳити табиӣ таъмин менамояд, зоҳир мегардад» [124, с. 72].

Муҳити экологӣ набояд танҳо маълумот диҳад; он бояд кӯдаконро ба амал водор намуда, онҳоро ба парвариши гиёҳҳо, сарфаи захираҳо ва покиза нигоҳ доштани гирду атроф ҷалб кунад. Барои ин мақсад ташкили гӯшаҳои табиат дар синфхонаҳо, «пайраҳаи экологӣ»-и мактабӣ бо лавҳаҳои иттилоотӣ дар бораи дарахтону буттаҳои ҳавлии мактаб, қитъаи таълимӣ-озмоишӣ ва гӯшаи «Табиати зодгоҳ» бо расму корҳои хонандагон мувофиқи мақсад аст. Муҳити мактаб бояд бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал – боғҳо, ҷӯйборҳо, майдонҳо, осорхона ва китобхонаи наздик – тавассути саёҳатҳо ва чорабиниҳои муштарак пайваст гардад.

Гӯшаи табиат дар синфхона бояд на ороиш, балки макони фаъолияти мунтазами кӯдакон бошад. Барои ин мувофиқи мақсад аст, ки дар он растаниҳои хонагии бепарвоӣ ва гуногуншакл, зарфҳо бо кишти тухмиҳо барои мушоҳидаи нашъунамо, «Тақвими табиат» барои қайди ҳаррӯзаи обу ҳаво ва тағйироти фаслӣ, ҷевончаи хурди китобҳо ва расмҳо дар бораи табиат ва лавҳаи «Навбатдорони гӯшаи табиат» ҷой дода шаванд. Навбатдорӣ ба таври навбатӣ ба ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурди хонандагон гузошта шуда, дар охири ҳафта натиҷаи он дар соати тарбиявӣ кӯтоҳ муҳокима карда мешавад. Чунин ташкил ба кӯдак имкон медиҳад, ки дар давоми сол ҳамчун соҳиби масъули як қисми «табиати синф» амал намояд.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки дар чунин муҳит хонандагон ба осонӣ ва бо шавқ бо табиат шинос мешаванд ва дарк мекунанд, ки ҳифзи муҳити атроф масъалаи ҳаётӣ аст. Масалан, вақте ки нигоҳубини гӯшаи табиати синф ба таври навбатӣ ба зиммаи худи хонандагон гузошта мешавад, онҳо тадриҷан ба об додан ва тоза нигоҳ доштани растаниҳо на аз рӯйи супориш, балки бо хоҳиши худ одат мекунанд.

Муҳити маҳал дар шакли саёҳат ва саёҳатҳои экологӣ ба раванди тарбия ворид мегардад. Р.М. Кузиева барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки саёҳат ва сайру саёҳат ташкил мекунанд, чунин вазифаҳоро муқаррар

менамояд: «васеъ ва мустаҳкам намудани донишҳои экологӣ ва истифодаи онҳо дар амал; ташаккули малакаҳои экологӣ-ҳифзитабиатӣ ва фарҳанги фаъолиятҳо дар табиат дар хонандагони хурдсол; ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани хонандагон» [71, с. 64]. Дар таҷрибаи мо ҳар як саёҳат бо супориши мушаххас – «се дарахти кӯҳансолро ёбед ва ба онҳо ном гузоред», «ҷойеро ёбед, ки табиат ба ёрии мо ниёз дорад» – ҳамроҳ буда, бо муҳокима ва амали хурди ҳифзи табиат анҷом меёфт.

Шакли дигари пайвасти муҳити мактаб бо табиати маҳал сайёҳии экологии кӯдакон мебошад, ки омӯзиши ёдгориҳои табиӣ, саёҳатҳои кӯтоҳ ва боздид аз хоҷагиҳои кишоварзиро дар бар мегирад. Ба андешаи муаллиф, «кори туризми экологӣ қисми муҳими барномаи ҳукумат оид ба ҳифзи муҳити зист ва тарбияи шаҳрвандони аз ҷиҳати экологӣ маърифатнок дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан бо хонандагони хурдсол ба шумор меравад» [71, с. 62]. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ сайёҳии экологӣ дар шакли сайругашти кӯтоҳ ба мавзеъҳои табиии наздик – боғи маҳалла, соҳили дарё, доманаи кӯҳ – бо риояи талаботи бехатарӣ ва бо иштироки волидон ташкил карда мешавад.

Шароити дуюм – ҳамгироии мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик. Яке аз шартҳои муҳими педагогӣ татбиқи равиши ҳамгиро ба ҳисоб меравад. Ш.И. Ҷумъаева бо такя ба таҷрибаи кишварҳои дигар чунин пешниҳод дорад: «ба ҳамаи барномаҳои таълимӣ ворид намудани мавзуъҳои экологӣ, ҳам ба фанҳои давраи гуманитарӣ – адабиёт, таърих ва забони хориҷӣ, ва ҳам ба фанҳои табиатшиносӣ – биология, физика, астрономия, химия ва ҷуғрофия зарур аст, зеро ҳангоми ҳалли масъалаи ташаккули таълими бефосилаи экологии таълимгирандагон танҳо дар доираи як фанни алоҳида ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан ғайриимкон аст» [46, с. 35]. Ин равиш дар қонунгузорӣ низ пойгоҳи меъёрӣ дорад: «Таълими фанҳои марбути экологияи ҳамаи зинаҳои таҳсили системаи маориф бо риояи меъёрҳои давлатии таҳсилот ба роҳ

монда мешаванд» [2, моддаи 8], принсипи «ворид намудани масъалаҳои маърифати экологӣ дар ҳамаи барномаҳои давлатии мақсаднок ва соҳавӣ» [2, моддаи 2] бошад, ҳамгироии мазмуни экологиро ба ҳамаи шаклҳои фаъолияти таълимию тарбиявӣ тақозо менамояд. Дар мактаби ибтидоӣ ҳамгироии мазкур бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

– дар дарсҳои забони модарӣ ва хониши адабӣ – бо роҳи таҳлили матнҳои экологӣ, иншоҳо оид ба табиат ва баҳодиҳии ахлоқии кирдори қаҳрамонони асарҳо;

– дар дарсҳои табиатшиносӣ – тавассути омӯзиши робитаҳои байни унсурҳои табиат ва дарки сабабу натиҷаи таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист;

– дар фанҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат – тавассути эҷоди корҳо аз маводи табиӣ ва ашёи такроран истифодашаванда ва тарғиби зебоии табиат дар фаъолияти эҷодӣ.

Мазмуни дарсҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ идома меёбад: мавзуе, ки дар дарси табиатшиносӣ оғоз гардидааст, дар маҳфил тавассути мушоҳида, дар соати тарбиявӣ тавассути муҳокимаи вазъияти ахлоқӣ ва дар оила тавассути супориши муштарак бо волидон амиқ карда мешавад. Р.М. Кузиева зарурати чунин интихоби мазмунро таъкид намуда, менависад: «Барои таҳияи мушаххаси корҳои беруназсинфӣ, пеш аз ҳама, бояд афзалият ба он фаъолиятҳое дода шавад, ки аҳамияти калони тарбиявӣ дошта, назарияро бо амалия пайванд кунанд, аҳамияти мушкилоти муҳити зисти имрӯзаро нишон диҳанд ва принсипи таълимӣ таҳқиқотиро татбиқ кунанд» [71, с. 64].

Дар дарсҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат ҳамгироӣ бо мазмуни экологӣ хусусан табиӣ сурат мегирад. Масалан, дар дарси санъати тасвирӣ хонандагон пас аз саёҳати тирамоҳӣ манзараи «Боғи маҳаллаи мо»-ро тасвир намуда, дар он ҷойеро, ки ба ғамхорӣ ниёз дорад, ишора мекунанд; дар дарси меҳнат аз маводи такроран истифодашаванда ғизохонаҳо барои паррандагон ва зарфҳо барои кишти тухмиҳо месозанд, ки баъдан дар аксияҳо ва гӯшаи

табиат истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, натиҷаи дарс ба воситаи фаъолияти беруназсинфӣ табдил ёфта, кӯдакон маънои амалии кори худро мебинанд, ки барои ангезаи онҳо аҳамияти махсус дорад.

Мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик дар ин шароит ҷойгоҳи махсус дорад. Таълиму тарбияи МАҲТ бе истифодаи сарватҳои адабиёти тоҷик ва ҷаҳон – асарҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Кайковус, Саъдӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Икромӣ, Улуғзода, инчунин Л.Н. Толстой ва С.Я. Маршак, ки зебоиҳои табиат ва таъсири онро ба инсон бо услуби олӣ тасвир кардаанд, – пурра амалӣ шуда наметавонад. Нависандагон рафтор ва кирдори қаҳрамононро аз нуқтаи назари ахлоқӣ арзёбӣ намуда, бо мисолҳои мушаххас робитаи ногусастании шахсият, ҷамъият ва табиатро нишон медиҳанд. Мушоҳидаҳо собит намуданд, ки пас аз мутолиаи матни кӯтоҳи бадеӣ дар хонандагон аксуламали пурқуввати эҳсосӣ ба амал омада, дар хотири онҳо осори дерпо мегузорад ва ин барои ташаккули тадриҷии МАҲТ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Р.М. Кузиева яке аз ғояҳои пешбари мазмуни экологиро чунин ифода мекунад: «Табиат ва рушди ахлоқию эстетикии шахсият. Дарк намудани нақши табиат дар инкишофи шахсият, дар зуҳуроти мухталифи ахлоқӣ, эстетикӣ, маърифатӣ ва моддии табиат таҷассум меёбад. Ин ҳар як шахс вазифадор мекунад, ки ба вазъияти муҳити зист муносибати некбинона зоҳир кунад» [71, с. 83]. Дар фаъолияти беруназсинфӣ ин ғоя тавассути машғулиятҳои «Табиат дар мероси ниёгон», ҷашни Наврӯз бо ниҳолшинонӣ, хониши ашъори Хайём ва Фирдавсӣ дар бораи табиат ва саҳнаҳои кӯтоҳ аз рӯйи афсонаҳои халқии тоҷик амалӣ карда мешавад.

Татбиқи ин шароит дар дарсҳои ҳамгиро беҳтар намоён мегардад. Ҳамчун намуна дарси ҳамгирои «Хониши адабӣ» ва «Табиатшиносӣ» дар синфи 3 бо мавзуи «Сабзае, ки бар канори ҷӯ рустааст»-ро пешниҳод менамоем. Дар қисми аввали дарс хонандагон бо омӯзгор рубоии Умари Хайёмро («Ҳар сабза, ки бар канори ҷӯе рустаст...») қироат намуда, маънои онро дар шакли саволу ҷавоб шарҳ медиҳанд: шоир чаро ба сабза пой

гузоштанро манъ мекунад? Сабза бо инсон чӣ робита дорад? Дар қисми дуюм, ки ба мазмуни табиатшиносӣ бахшида шудааст, хонандагон бо растаниҳои соҳили ҷӯйбор ва аҳамияти онҳо барои нигоҳ доштани хок ва тозагии об шинос мешаванд. Дар қисми сеюм кӯдакон дар гурӯҳҳо «Қоидаҳои меҳмони табиат»-ро барои саёҳати навбатӣ ба соҳили ҷӯйбор тартиб медиҳанд. Супориши хонагӣ – бо волидон ёфтани як мақол ё ривояти мардумӣ дар бораи об ё сабза – дарсро бо оила пайваст месозад. Ҳамин тариқ, як мавзуъ ҳамзамон ба ҷузъҳои маърифатӣ (донишҳо дар бораи растаниҳо), арзишӣ-ангезавӣ (эҳтироми сабза ҳамчун арзиши фарҳангӣ) ва фаъолиятӣ-рафторӣ (қоидаҳои рафтор) нигаронида мешавад.

Р.М. Кузиева рӯйхати шаклҳои фаъолиятро, ки мазмуни фанҳоро бо ҷашнҳо ва анъанаҳо пайваст месозанд, чунин пешниҳод менамояд: «таҷлили санаҳои таърихии марбут ба табиат – ҷашни гулҳо, ҷашни парандагон, рӯзи ҷангал, ҷашни киштукор, ҷашни саломатӣ; мусобиқа; конфронс; шабнишинӣ; намоишгоҳи осори талабагон; саёҳат ва ғайра» [71, с. 110]. Ба гуфтаи Р.М. Кузиева, ин гуна чорабиниҳо «дар таҳкими маводи таълимӣ кӯмак мекунад ва дорои аҳамияти зиёд дар афзоиши сатҳи дониши талабагон бархурдор аст, ҷаҳонбинии онҳоро инкишоф медиҳад, ба онҳо кӯмак мекунад, то ба таври мустақил фикр кунанд ва маҳоратҳои бадастомадаро тақвият кунанд» [71, с. 110]. Дар шароити Тоҷикистон ин рӯйхат бо ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз, Меҳргон, Сада – ва рӯзҳои байналмилалии экологӣ – Рӯзи Замин, Рӯзи ҷаҳонии об, Рӯзи ҷаҳонии муҳити зист – пурра карда мешавад.

Асарҳои нависандагон дар мавзуи табиат ҳамчун бозиҳои нақшӣ дар саҳна гузошта мешаванд. Ташкили намоиши театри лӯхтак дар мактаб ё бурдани хонандагон ба театр, чун қоида, дар байни онҳо вокуниши мусбии эҳсосӣ ба вуҷуд оварда, ҳамчун воситаи тавонои тарбиявӣ истифода мешавад. Мутолиаи асарҳои бадеӣ ҷаҳонбинии кӯдакро ғанӣ мегардонад, тамошои театр бошад, барои ташаккули ҳисси рафоқат, ёрии ҳамдигарӣ, хушмуомилагӣ ва фарҳанги рафтор воситаи хуби иловагӣ мебошад.

Шароити сеюм – ҷалби мунтазами хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат. Ташаккули муносибати устувори экологӣ бидуни таҷрибаи шахсӣ ғайриимкон аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ бештар тавассути амал меомӯзанд. Аз ин лиҳоз, ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои амалӣ – шинондани гул, нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвоноти синф, тоза нигоҳ доштани синфхона ва ҳавлии мактаб, гузаронидани мушоҳидаҳои одии экологӣ, иштирок дар чорабиниҳои ободонӣ – дар ташаккули малакаҳои экологӣ нақши муҳим мебозад. Ин гуна фаъолиятҳо ҳисси масъулият, эҳтиром ба табиат ва одоби рафторро инкишоф дода, ба кӯдак имкон медиҳанд, ки худро ҳамчун субъекти масъул эҳсос намояд.

З.Н. Тӯраев таҷрибаи худро таҳлил намуда, чунин натиҷа мегирад: «ташаккули фарҳанги экологӣ дар фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ дар шароити истифодаи маҷмӯии усулҳои фаъол, лоиҳавӣ ва интерактивӣ самаранок амалӣ мегардад. Махсусан, татбиқи фаъолияти амалӣ, ҳамкорӣ бо муҳити табиӣ ва ҷалби хонандагон ба таҳқиқоти мустақил ба рушди муносибати масъулона нисбат ба табиат мусоидат мекунад» [124, с. 98]. Ба андешаи муаллиф, «самаранокии лоиҳаҳои экологӣ-кишваршиносӣ ба риояи маҷмӯи шартҳои педагогӣ вобаста буда, ба ҳамгироии мазмун, фаъолият ва муҳити табиӣ такя мекунад ва раванди ташаккули фарҳанги экологиро ба сатҳи амалии он мебарорад» [124, с. 99].

Истифодаи усули лоиҳавӣ самаранокии баланд дорад. Дар ҷараёни иҷрои лоиҳаҳои хурд, аз қабили «Табиатро ҳифз мекунем», «Об – манбаи ҳаёт» ё «Муҳити тоза», хонандагон мустақилона маълумот ҷамъоварӣ намуда, натиҷаҳоро пешниҳод мекунанд. Ин раванд на танҳо дониши онҳоро васеъ мекунад, балки қобилияти фикрронӣ, ҳамкорӣ ва хулосабарориро низ инкишоф медиҳад. Лоиҳаҳое, ки дар муассисаҳои пойгоҳи озмоиш истифода гардиданд, ва натиҷаҳои онҳо дар ҷадвали 2.4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.4. – Лоиҳаҳои экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва натиҷаҳои онҳо

Лоиҳа	Мазмуни фаъолият	Натиҷа
«Нигоҳубини боғ»	шинондан ва нигоҳубини гулу дарахтон дар ҳавлии мактаб, пешбурди дафтари мушоҳида	масъулият барои нигоҳубини муҳити атроф ва одати ғамхорӣ ба растаниҳо
«Ҷамъоварии партовҳо»	тоза кардани ҳудуди мактаб ва соҳили ҷӯйбор, ҷудо кардани партовҳо	ҳисси масъулият ва ҳамкорӣ дар ҳифзи муҳити атроф; дарки зарари партовҳо
«Шиносоӣ бо муҳити зист» (МТМУ №3, н. Восеъ)	омӯзиши дарахтону растаниҳои маҳалла, тартиб додани харитаи «Табиати маҳаллаи мо»	фаҳмиши он, ки фаъолияти инсон ба муҳити атроф чӣ гуна таъсир мерасонад
«Табиат ва мо»	мушоҳидаҳо, расмҳо ва ҳикояҳо дар бораи табиати зодгоҳ, намоишгоҳи корҳо	дарки муҳити атроф ҳамчун омили муҳими ҳаёти инсон

Аз ҷадвали 2.4 бармеояд, ки ҳар як лоиҳа ҳамзамон ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ таъсир мерасонад: дониш дар бораи табиати маҳал васеъ мешавад, муносибати эҳсосӣ ба он мустаҳкам мегардад ва малакаҳои рафтори масъулона дар амал ташаккул меёбанд. Пас аз анҷоми лоиҳа хонандагон дар суҳбатҳо қайд мекарданд, ки онҳо дар назди муҳити атроф вазифа ва масъулият доранд.

Омӯзиш дар шароити мустақими муҳити табиӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо экосистемаҳои табиӣ шинос шаванд ва ҳисси масъулиятнокиро дар худ инкишоф диҳанд. Дар саёҳат ба боғ, соҳили дарё ё доманаи кӯҳ кӯдакон мушоҳида мекунанд, ки ҳар як унсури экосистема – растанӣ, ҳайвон, об – барои нигоҳдории мувозинати табиӣ муҳим аст ва дахолати нооқилонаи инсон метавонад ин мувозинатро вайрон кунад. Мусобиқаҳо ва аксияҳои экологӣ, ки дар гурӯҳҳо гузаронида мешаванд, дар он ҳар як гурӯҳ масъалаи мушаххаси экологиро (масалан, «ифлосшавии об» ё «ифлосшавии ҳаво») таҳлил намуда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод мекунад, ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва масъулияти муштарак мусоидат менамоянд.

Фаъолияти гурӯҳии эҷодӣ низ ҷузъи муҳими ин шароит мебошад. Р.М. Кузиева озмуни плакатҳои экологиро тавсиф намуда, қайд мекунад, ки он бо хонандагони синфҳои дуюм ва чорум гузаронида шуда, «гурӯҳи кӯдакон

иборат аз панҷ то ҳафт нафар дар болои ҳар як плакат кор мекунанд. Онҳо мавзӯъро муайян карда, вазифаҳоро дар байни худ тақсим мекунанд: ороиши ҳошияи плакат, омода кардани шарҳи матн, сенария барои асоснок кардани мавзӯъ ва аҳамияти экологӣ-ҳифзитабиатии он» [71, с. 68]. Чунин тақсими вазифаҳо ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки мувофиқи қобилияти худ саҳм гузорад ва масъулияти худро дар назди гурӯҳ эҳсос намояд. Муаллиф инчунин тартиби ташкили фаъолияти таҳқиқотии хурдро пешниҳод мекунад, ки аз «дарси муқаддимавӣ, одатан хусусияти назариявӣ дорад; супориши фаъолияти мустақилона (таҳқиқотӣ); дарси ҳисоботӣ» [71, с. 70] иборат буда, бо нашри рӯзномаҳои деворӣ ва ороиши синфхона пурра мегардад. Ин тартиб дар лоиҳаҳои хурди мо низ риоя гардид.

Шароити чорум – рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор. Агар кӯдак танҳо аз рӯйи талаботи омӯзгор амал кунад, муносибати ӯ устувор намегардад. Бинобар ин, дар раванди тарбия бояд усулҳои муколама, муҳокима, ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ ва вазъиятҳои тарбиявӣ истифода шаванд. Муҳокимаи саволҳое, монанди «Чаро мо бояд табиатро ҳифз намоем?», «Агар инсон ба табиат зарар расонад, чӣ оқибатҳо ба вуҷуд меоянд?», «Оё мо барои ояндаи сайёра масъулем?», тафаккури ахлоқӣ ва ҳисси масъулиятро фаъол мегардонад.

Вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, ки дар доираи ин шароит истифода мешаванд, аз рӯйи хусусияти худ ба чор навъ ҷудо карда шуданд. **Вазъиятҳои интихоб** кӯдакро дар назди интихоби байни манфиати шахсӣ ва манфиати табиат мегузоранд (масалан, гул чидан барои модар ё онро дар гулзор боқӣ гузоштан). **Вазъиятҳои ихтилоф** бархӯрди манфиатҳои одамони гуногунро нишон медиҳанд (ҳамсояҳо мехоҳанд дарахти кӯҳансолро буранд, то ҳавлӣ равшантар шавад). **Вазъиятҳои ҳамдардӣ** кӯдакро ба ҷои мавҷуди зинда мегузоранд («Агар ту паррандачаи бе лона мебудӣ...»). **Вазъиятҳои арзёбӣ** аз кӯдак баҳо додан ба рафтори қаҳрамонони асари бадеӣ ё ҳамсолонро талаб мекунанд. Пайдарпайии истифодаи онҳо низ муайян карда

шуд: дар синфҳои 1–2 бештар вазъиятҳои ҳамдардӣ ва арзёбӣ, ки ба тафаккури образнок ва эҳсосии кӯдак мувофиқанд, дар синфҳои 3–4 бошад, вазъиятҳои интихоб ва ихтилоф, ки асоснокии мустақилро талаб мекунанд, истифода мешаванд. Ҳар як вазъият бо саволҳои пайдарпай («Чӣ ҳис мекунӣ?», «Чӣ кор мекунӣ?», «Чаро?», «Оқибаташ чӣ мешавад?») муҳокима карда шуда, бо ҷамъбасти омӯзгор, ки на ҷавоби «дуруст»-ро таҳмил мекунад, балки фикрҳои кӯдаконро ҷамъбаст менамояд, анҷом меёбад.

Дар ин шароит мо ба чор омили ба ҳам алоқаманд такя намудем. Омили шахсӣ омодагии кӯдакро ба қабул ва дарки ғояҳои башардӯстӣ ва фаъолияти мустақилонаи ӯро дар ҳифзи табиат ифода мекунад; бидуни ин омодагӣ таъсири педагогӣ сатҳӣ боқӣ мемонад. Омили арзишӣ ташаккули муносибати арзишмандона ба табиатро дар назар дорад: дарк намудани муҳити зист ҳамчун арзиши муҳим кафолат медиҳад, ки манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои муҳити зист мухолифат накунанд. Омили фаъолияти муштарак таъкид мекунад, ки фаъолияти якҷояи омӯзгор ва кӯдакон назар ба кори мустақилонаи бачаҳо натиҷаҳои муҳимтар медиҳад. Омили эҳсосӣ бошад, ба маҳорати касбии омӯзгор ва истифодаи воситаҳои бадеии тарбиявӣ вобаста аст.

Як мисол аз таҷрибаи мо: ба хонандагони синфи сеюм интихоб пешниҳод гардид – ба кинотеатр рафтан, сафар ба истироҳатгоҳ ё саёҳат ба Боғи Истиқлол. Пас аз муҳокима аксарияти кӯдакон саёҳат ба боғ ва баъзеи онҳо боздид аз Қалъаи Ҳисорро интихоб карданд ва ин интихобро бо он асоснок намуданд, ки «филмро дар хона ҳам дидан мумкин аст, вале дарахтони кӯҳансолу ҷӯйборҳоро не». Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар шароити муносиб ангезаи дохилии кӯдакон ба муошират бо табиат бедор мешавад.

Нақши омӯзгор дар ин раванд хеле муҳим аст. Ӯ бояд на танҳо дониш диҳад, балки намунаи рафтори экологӣ бошад. Риояи қоидаҳои одии ҳифзи муҳити зист аз ҷониби омӯзгор ба хонандагон таъсири тарбиявии амиқ мерасонад. Р.М. Кузиева дар бораи нақши омӯзгор дар бозиҳои экологӣ

менависад: «Ба бозӣ ворид шудани муаллим ва ҳамчун яке аз иштирокчиёни фаъол бози кардани ӯ зарур аст. Вай ҳам иштирокчӣ ва ҳам раҳбари бозӣ аст. Ин аз муаллим дараҷаи баланди маҳорати педагогӣ-артистизмро талаб мекунад» [71, с. 72]. Омӯзгор метавонад ба таври ноаён фаъолияти кӯдаконро ба самти дуруст равона созад, бе он ки ташаббуси онҳоро пахш намояд.

Барои рушди мавқеи шахсӣ мо истифодаи «Дафтари хайрхоҳиҳои ман»-ро пешниҳод менамоем, ки дар он ҳар як хонанда амалҳои неки худро нисбат ба табиат (об додани ниҳол, ғизо додани паррандагон, ҷамъ кардани партов) бо расм ё ҷумлаи кӯтоҳ сабт мекунад. Дар соати тарбиявӣ кӯдакон дафтарҳои худро муаррифӣ намуда, омӯзгор на «ғолиб»-ро, балки ҳар як иқдоми некро қайд менамояд. Чунин усул ба гузариши тадриҷии ангезаи берунии баҳо ва таъриф ба ангезаи дохилии қаноатмандӣ аз амали нек мусоидат мекунад.

Бозиҳои дидактикӣ ва эҷодии экологӣ барои рушди ангезаи дохилӣ имкониятҳои зиёд доранд. Р.М. Кузиева сохтори асосии бозиро чунин муайян мекунад: «Муайян кардани мавзӯъ ва ҷойи гузаронидани бозӣ; муайян кардани ҳадафи ташкили бозӣ; муайян кардани шумораи бозигарон; интихоби мавод; назардошти омили вақт; хулосабарорӣ» [71, с. 71]. Ҳамчун намуна муаллиф бозии муаммоҳоро меорад, ки ба санҷидани мушоҳидакории кӯдакон, парвариши меҳри онҳо ба табиат ва васеъ гардонидани ҷаҳонбиниашон равона шудааст; дар ин бозӣ «муаллим кӯдаконро даъват мекунад, ки дар бораи гулҳо, дарахтон, шабпаракҳо ва дигар ашёи табиӣ муаммо эҷод кунанд, то дигар кӯдакон оид ба онҳо тахмину фарзия пешниҳод карда дурусташро ёбанд» [71, с. 72]. Чунин бозӣ на танҳо донишҳоро мустаҳкам мекунад, балки кӯдакро водор месозад, ки ба объекти табиат бодиққат нигоҳ кунад ва хусусиятҳои онро бо муҳаббат тасвир намояд.

Самаранокии ин шароит бевосита ба мавқеи омӯзгор вобаста аст. Р.М. Кузиева яке аз камбудиҳои паҳншудаи амалияи мактабро «равиши маҳдуди педагог ба мӯҳтавои омӯзиш» медонад, ки онро «мо одатан ҳамчун

формализм истифода мекунем» [71, с. 79]. Агар омӯзгор вазъиятҳои ахлоқӣ-экологиро ба таври расмӣ, бо ҷавобҳои пешакӣ маълум ва бе ҳамдардии воқеӣ гузаронад, кӯдакон зуд «ҷавоби дуруст»-ро меомӯзанд, вале муносибати онҳо тағйир намеёбад. Аз ин рӯ, дар вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ омӯзгор бояд ба кӯдак имкони баёни озоди фикри худро диҳад, ҳатто агар он аз меъёр фарқ кунад, ва тавассути саволҳои пайдарпай ӯро ба дарки оқибатҳои интихобаш ҳидоят намояд.

Шароити панҷум – ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Тарбияи фарҳанги экологӣ танҳо дар доираи муассисаи таълимӣ маҳдуд намешавад. Натиҷаҳо танҳо он гоҳ устувор мешаванд, ки омӯзгорон бо волидон пайваста ҳамкорӣ намоянд: вақте ки қоидаҳои рафтори экологӣ дар хонавода ҳам риоя мегарданд, таъсири тарбия хеле меафзояд. Мувофиқи қонуни «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» волидон барои тарбияи ахлоқии фарзандон, аз ҷумла барои парвариши эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, ҷавобгаранд [4]; ин муқаррарот ҳамкории мактаб ва оиларо дар тарбияи экологӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок мекунад. Ин масъулият дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мустақиман муқаррар шудааст: «Падару модар ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда вазифадоранд, ки кӯдаконро дар рӯҳияи муносибати ғамхорона ва масъулиятшиносӣ нисбат ба муҳити зист тарбия намоянд» [2, моддаи 13].

З.Н. Тӯраев нақши волидонро дар тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ махсус таъкид менамояд: «Тарбияи экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо иштироки волидайн сурат мегирад. Волидайн дар раванди ТЭ кӯмак мекунанд, ки хонандагон муносибати эҳтиёткорона ва созанда ба табиатро биомӯзанд. Бо дастгирии волидайн хонандагон метавонанд арзишҳои экологиро қабул кунанд ва онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ амалӣ созанд» [124, с. 100]. Муаллиф дар ҷои дигар хулоса мебарорад, ки «ҷалби волидон ба раванди фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ ҳамчун омили муҳими педагогӣ баррасӣ гардида, мутобиқати

таъсири мактаб ва муҳити оилавиро таъмин менамояд, ки барои ташаккули устувори арзишҳои экологӣ аҳамияти хос дорад» [124, с. 104]. Дар ин андеша ибораи «мутобиқати таъсир» нақши асосӣ дорад: ҳангоме ки мактаб як чиз ва хонавода чизи дигар талаб мекунад, кӯдак ба «ду меъёр» хӯ мегирад – дар мактаб гулро намеканад, вале дар хона оби ҷӯмакро беҳуда равон мекунад. Аз ин рӯ, вазифаи ин шароит на танҳо ҷалби волидон ба чорабиниҳо, балки ба мувофиқа овардани талаботи мактаб ва оила мебошад.

Барои ташкили ҳамкорӣ бо оила шаклҳои гуногун истифода шуданд: маҷлисҳои волидон бо мавзуи «Тарбияи экологӣ аз хона оғоз меёбад», машваратҳои инфиродӣ, супоришҳои муштараки кӯдакон ва волидон («Дарахти оилаи мо», «Сарфаи об дар хонаи мо»), ҳашарҳои оилавӣ ва иштироки волидон дар ҷашнҳои экологии мактаб. Б. Маҷидова баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарро шарти асосии самаранокии тарбияи оилавӣ медонад [87]; дар робита ба тарбияи экологӣ ин маънои онро дорад, ки волидон бояд на танҳо аз мазмуни кори мактаб огоҳ бошанд, балки дарк намоянд, ки намунаи шахсии онҳо – муносибат ба об, партовҳо, растаниҳо ва ҳайвонот дар хона – аз ҳар гуна суҳбати омӯзгор таъсири қавитар дорад. Ҳамкории мактаб ва оила бояд хусусияти дуҷониба дошта бошад: волидон на танҳо иштирокчӣ, балки ташаббускори баъзе чорабиниҳо мегарданд, масалан, падару модароне, ки ба боғдорӣ ё занбӯрпарварӣ машғуланд, барои кӯдакон машғулиятҳои амалӣ мегузаронанд.

Ҷамоатҳои маҳал, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҳифзи муҳити зист ва муассисаҳои фарҳангӣ – китобхонаҳо, осорхонаҳои кишваршиносӣ, марказҳои эҷодиёти кӯдакон – ҳамчун шарикони мактаб дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ баромад мекунанд. Т.Г. Киселева ва Ю.Д. Красильников таъкид мекунанд, ки фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ҳамчун низоми ҳамкории ниҳодҳои гуногуни ҷомеа дар фазои фарҳангии маҳал амалӣ мегардад [68]. Дар чунин ҳамкорӣ кӯдак мебинад, ки ҳифзи табиат на танҳо талаби омӯзгор, балки кори умумии

калонсолони маҳалла аст, ва ин эътиқоди ӯро ба аҳамияти иҷтимоии рафтори экологӣ мустаҳкам мекунад.

Аз нуқтаи назари педагогикаи иҷтимоӣ, кӯдак арзишҳо ва меъёрҳоро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ – оила, гурӯҳи ҳамсолон, мактаб ва ҷамоатҳои маҳаллӣ – азхуд мекунад [92]. Аз ин рӯ, дар доираи ин шароит ҳашарҳои оилавӣ (ниҳолшинонӣ ва тоза кардани ҷӯйборҳо), вохӯриҳо бо мутахассисони ҳифзи муҳити зист ва ҷангалбонҳо, боздидҳо аз осорхонаи кишваршиносӣ ва китобхона, иштирок дар чорабиниҳои ҷамоат ва маҳалла ташкил карда мешаванд. Дар намоишгоҳу осорхонаҳо хонандагон бо ашёҳои гуногуни табиат ва санъат шинос гардида, дар онҳо вокуниши пурзӯри эҳсосӣ ба амал меояд, ки ба дигаргуниҳои сифатӣ дар ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиат мусоидат мекунад. Барои пурратар азхуд намудани маводи осорхона омӯзгор бояд онро баъдан дар синф бо кӯдакон такрор ва муҳокима намояд.

Ҳамкорӣ бо китобхонаи маҳал дар шакли «соатҳои китобхонавӣ» ташкил карда мешавад. Дар чунин машғулият китобдор бо кӯдакон китобҳои бачагона дар бораи табиатро муаррифӣ намуда, порчаҳоеро қироат мекунад ва кӯдаконро ба интихоби китоб барои мутолиаи мустақил ҳидоят менамояд; баъдан хонандагон дар бораи китобҳои хондашуда дар соати тарбиявӣ нақл мекунанд. Боздид аз осорхонаи кишваршиносӣ кӯдаконро бо табиат, таърих ва анъанаҳои минтақа шинос намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки табиати маҳалро ҳамчун қисми мероси умумии халқ дарк кунанд. Ҳар яке аз ин шаклҳо дар сурате самаранок аст, ки бо мазмуни модулҳои барнома мувофиқ карда шуда, бо муҳокима ва амали минбаъдаи кӯдакон дар мактаб идома ёбад.

Рӯзномаю маҷаллаҳои бачагона ва нашрияҳои маҳаллӣ низ ҳамчун воситаи махсуси тарбия хизмат мекунанд, вақте ки омӯзгор диққати хонандагонро ба масъалаи мушаххасе, ки дар онҳо инъикос ёфтааст, ҷалб намуда, онҳоро ба муҳокима даъват мекунад. Фаъолияти ҳаваскоронаи фарҳангӣ-бадеӣ ва варзишӣ – озмунҳои расм, намоиши суруду рақсҳо дар

мавзуи табиат, сайёҳии кӯтоҳ – низ воситаи хуби тарбияи муносибати башардӯстона ба табиат мебошад ва таваҷҷуҳи кӯдаконро ба минтақаҳои табиии муҳофизатшавандаи ватан ҷалб мекунад.

Ба ақидаи мо, маҳз алоқаи бевоситаи хонандагон бо объектҳои табиати зинда – ҳайвонот, наботот – ва алоқа бо худи табиат дар рафти саёҳат ба кӯл, дарё, кӯҳ, ҷангал, боғ ва киштзор аҳамияти бузург дорад. Он ба бачаҳо имкон медиҳад, ки ба олам бо нигоҳи нав назар карда, зебоӣ ва аҳамияти онро дигаргуна дарк кунанд. Ҳар як объекти фарҳангӣ – моддӣ ё маънавӣ – дар шароити зерин метавонад вазифаи воситаи тарбиявиро иҷро кунад: агар бо иттилооте робита дошта бошад, ки барои рушди олами ботинии кӯдак аҳамият дорад; агар дар шакли образнок, аёнӣ ё шифоҳӣ пешниҳод гардад; ва агар ба раванди муошират ва фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонандагон ворид гардад.

Дар ташаккули МАҲТ вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор ҷалб кардани диққати кӯдакон ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ мебошад, чунки ин арзишҳо дар тарбия ҳамчун омили ба тартибдароранда ва ваҳдатбахш амал мекунанд. Мо дар баробари дигар муҳаққиқон ба арзишҳои бунёдӣ инсон, ҳаёт, оила, фарҳанг, Замин (табиат), Ватан, сулҳ, меҳнат ва донишро мансуб медонем. Муроҷиат ба ин арзишҳо тавассути тамоми воситаҳои тарбиявӣ имкон медиҳад, ки шахсиятҳои воқеан ғамхор тарбия карда шаванд, ки дар баробари дигар сифатҳо дорои муносибати арзишманд ва инсонпарварона нисбат ба табиат мебошанд.

Р.М. Кузиева ба ҳадафҳои тарбиявии корҳои беруназсинфӣ доираи васеътар қоил аст: ба онҳо азхудкунии одоби муошират бо волидон, ҳамсинфон ва кормандони мактаб, парвариши муносибати ахлоқӣ ба табиат, инчунин ташаккули муносибати оқилона ба меҳнат ва фарҳанги мардумиро дохил мекунад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки «кори ҳадафмандеро анҷом додан лозим аст, то талабагони синфҳои ибтидоӣ бо меъёрҳо ва қонунҳои умумиинсонии рафтор дар хона, муассисаҳои таълимӣ, маконҳои ҷамъиятӣ, дар робита бо ҳамсолон, ... дар робита бо

табиати зодгоҳ, ҳайвонот ва худашон шинос шаванд» [71, с. 128]. Ин андеша бори дигар нишон медиҳад, ки муносибати ахлоқӣ ба табиат аз фарҳанги умумии рафтори кӯдак ҷудонопазир аст ва бояд дар ягонагӣ бо он тарбия карда шавад.

Шароитҳои педагогӣ на танҳо дар паҳлуи ҳам, балки дар вобастагии мутақобила амал мекунанд. Муҳити экологии мактаб (шароити 1) барои фаъолияти амалии кӯдакон (шароити 3) заминаи моддӣ фароҳам меорад; фаъолияти амалӣ бошад, бе муҳокима ва баёни муносибати шахсӣ (шароити 4) ба иҷрои механикии супоришҳо табдил меёбад. Мазмуни ҳамгирои фанҳо ва мероси фарҳангӣ (шароити 2) ба фаъолияти амалӣ маънои арзишӣ медиҳад, ҳамкорӣ бо оила ва ниҳодҳои маҳал (шароити 5) бошад, натиҷаҳои ҳамаи шароитҳои дигарро дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак мустаҳкам менамояд. Маҳз ба ҳамин сабаб дар фарзияи таҳқиқот на шароитҳои алоҳида, балки маҷмуи онҳо ва татбиқи якҷояи онҳо ҳамчун омили самаранокӣ пешниҳод гардидааст.

Маҷмуи шароитҳои педагогӣ бояд на як бор барои ҳамеша, балки ҳамчун низоми рушдёбанда баррасӣ шавад. Барои ин мониторинги мунтазами татбиқи шароитҳо зарур аст: омӯзгор дар охири ҳар як модул муайян мекунад, ки кадом шароитҳо пурра ва кадомҳо қисман амалӣ гардиданд, кадом шаклҳо бештар ба шавқи кӯдакон мувофиқ буданд ва дар рафтори онҳо чӣ тағйирот ба назар мерасад. Чунин таҳлил бо натиҷаҳои ташхиси хонандагон муқоиса гардида, барои ислоҳи нақшаи фаъолият асос медиҳад. Ҳамин тариқ, робитаи бозгашт, ки дар амсилаи педагогӣ пешбинӣ шудааст, на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар амалияи ҳаррӯзаи омӯзгор татбиқ мегардад.

Робитаи шароитҳои педагогӣ бо шаклҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва натиҷаҳои интизоршаванда дар ҷадвали 2.5 ҷамъбаст гардидааст.

Ҷадвали 2.5. – Шароитҳои педагогӣ, шаклҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва натиҷаҳои интизоршаванда

Шароити педагогӣ	Шаклҳо ва воситаҳои татбиқ	Натиҷаи интизоршаванда
1. Муҳити экологии таълимию тарбиявӣ ва ҳамгироии он бо муҳити маҳал	гӯшаи табиат, «пайраҳаи экологӣ»-и мактаб, қитъаи таълимӣ-озмоишӣ, саёҳатҳо ба табиати маҳал	эҳсоси наздикӣ ба табиат, одати мушоҳида ва нигоҳубин
2. Ҳамгироии мазмуни фанҳо бо фаъолияти беруназсинфӣ дар асоси мероси фарҳангӣ	дарсҳои ҳамгиро, машғулияти «Табиат дар мероси ниёгон», хониши адабӣ, ҷашни Наврӯз, театри лӯхтак	донишҳои бонизом ва дарки арзиши миллии табиат
3. Фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат	маҳфили «Посбонони сабз», лоиҳаҳо, аксияҳо, мусобиқаҳои гурӯҳӣ, ниҳолшинонӣ	малакаҳои рафтори масъулона, ҳамкорӣ ва ташаббускорӣ
4. Рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсӣ	вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама, бозиҳои нақшӣ, «Дафтари хайрхоҳиҳои ман», намунаи омӯзгор	бартарии ангезаи дохилӣ, интихоби мустақили ахлоқӣ
5. Ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои маҳал	ҳашарҳои оилавӣ, вохӯрӣ бо мутахассисон, боздид аз осорхона ва китобхона, чорабиниҳои маҳалла	устувории одатҳои экологӣ дар ҳаёти ҳаррӯза

Ҳамин тариқ, ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ раванди мураккаби педагогӣ мебошад, ки ба фароҳам овардани маҷмуи шароитҳои муайян ниёз дорад: ташкили муҳити экологии таълимию тарбиявӣ; ҳамгироии мазмуни фанҳо бо фаъолияти беруназсинфӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; ҷалби мунтазами хонандагон ба фаъолияти амалӣ ва лоиҳавии ҳифзи табиат; рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсӣ; ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Танҳо дар ҳолати татбиқи ҳамбастаи ин шароитҳо метавон ба он умед баст, ки донишҳои экологӣ ба эътиқоди устувори шахсӣ ва рафтори масъулона табдил ёфта, асоси муносибати инсондӯстона ва эҳтиромомез ба табиат ташаккул ёбад. Санҷиши таҷрибавии ин хулоса мавзуи боби сеюм мебошад.

Хулосаи боби 2

1. Синни хурди мактабӣ бо эҳсосоти равшан, кунҷковӣ, эътимод ба калонсолон, майл ба тақлид ва ҳассосият ба баҳои иҷтимоӣ тавсиф мешавад

ва давраи ҳассоси ташаккули МАҲТ мебошад. Дар ҳар як марҳилаи синнусолӣ (синфи 1; синфҳои 2–3; синфи 4) вазифаҳои ташаккули МАҲТ ва шаклҳои мувофиқи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ фарқ мекунанд.

2. Омилҳои асосии педагогӣ-психологии ташаккули МАҲТ намунаи шахсии калонсолон, таҷрибаи эҳсосии бевосита дар табиат, шаклҳои фаъоли фаъолият, муҳити оила ва маҳалла ва фаъолияти дастаҷамъонаи ҳамсолон мебошанд, ки танҳо дар ҳолати амали якҷоя самаранок мегарданд.

3. Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ коркард шуд, ки аз ҷузъҳои ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзёбӣ-натиҷавӣ иборат буда, меҳвари онро шароитҳои педагогӣ ташкил медиҳанд; амсила дар се марҳила – ташхисӣ-ангезавӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ ва рефлексивӣ-арзёбӣ – амалӣ карда мешавад.

4. Мутобиқи сохтори сеҷузъии фарҳанги экологӣ меъёрҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ, нишондиҳандаҳои онҳо ва тавсифи сатҳҳои баланд, миёна ва паст муайян карда шуда, маҷмуи воситаҳои ташхисии ба синни 7–10-сола мутобиқ интихоб гардиданд.

5. Маҷмуи панҷ шароити педагогӣ асоснок карда шуд: муҳити экологии таълимию тарбиявӣ ва ҳамгироии он бо муҳити маҳал; ҳамгироии мазмуни фанҳо бо фаъолияти беруназсинфӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат; рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсӣ; ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал.

6. Роҳҳои татбиқи ҳар як шароит дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ (гӯшаи табиат ва «пайраҳаи экологӣ», машғулиятҳои «Табиат дар мероси ниёгон», маҳфили «Посбонони сабз», лоиҳаҳо ва аксияҳо, «Дафтари хайрхоҳиҳои ман», ҳашарҳои оилавӣ, вохӯриҳо ва боздидҳо) муайян гардиданд. Хусусияти асосии маҷмуи шароитҳо дар он аст, ки онҳо ба ҳар се ҷузъи фарҳанги экологӣ ҳамзамон таъсир расонида, танҳо дар татбиқи якҷоя самаранокии баланд медиҳанд.

7. Маводи ташхисии таҳияшуда ва нақшаи тақвимии намунавии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ имкон медиҳанд, ки маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар амалияи муассисаҳои гуногун – ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот – бо назардошти шароити маҳаллӣ татбиқ карда шавад.

БОБИ 3. САНҶИШИ ТАҶРИБАВИИ САМАРАНОКИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚИИ ОНҲО БА ҲИФЗИ ТАБИАТ

3.1. Мазмун ва шаклҳои фаъолияти экологии фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни озмоиши педагогӣ

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас, махсусан дар заминаи ташаккули муносибати бошуурона нисбат ба табиат, аҳамияти махсус пайдо намудааст, зеро масъалаҳои экологӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳи маърифати инсон ва муносибати ахлоқии ӯ ба муҳити зист вобаста мебошанд. Шароитҳои педагогие, ки дар боби дуюм асоснок гардиданд, дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш тавассути низоми мушаххаси шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ – дарсӣ, беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ – татбиқ карда шуданд. Дар ин зербоб мазмун ва шаклҳои асосии ин фаъолият баррасӣ мегарданд.

Фанҳои синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама «Табиатшиносӣ», дорои имкониятҳои васеи тарбиявӣ мебошанд. Мазмуни онҳо на танҳо ба интиқоли донишҳои илмӣ, балки ба ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва экологӣ нигаронида шудааст. Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои вобаста ба об, ҳаво, наботот ва олами ҳайвонот омӯзгор метавонад масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро ба таври мушаххас баррасӣ намояд. К.Д. Ушинский дуруст таъкид мекард, ки таълим бояд ба ҳаёт наздик бошад, зеро танҳо дар ин сурат дониш ба рафтори воқеӣ табдил меёбад [129]. Вале, тавре ки дар боби якум қайд гардид, раванди дарс ҳама паҳлуҳои тарбияи МАҲТ-ро фаро гирифта наметавонад.

Р.М. Кузиева ин ҳолатро чунин асоснок менамояд: «Маълум аст, ки раванди таълиму тарбия яке аз аслитарин мавқеъро барои ҳалли мушкилоти экологӣ ишғол мекунад. Аммо ба далели бисёре аз далелҳои воқеӣ ва зеҳнӣ ин раванд қодир ба фаро гирифтани ҳама ҷанбаҳои тарбия ва ташаккули

шахсияти талабагони синфҳои ибтидоӣ нест. Аз ин лиҳоз талабот барои ба таври муназзам анҷом додани чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ вуҷуд дорад» [71, с. 102]. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар озмоиши мо фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун майдони асосии татбиқи шароитҳои педагогӣ баромад намуд, дар ҳоле ки дарсҳо заминаи донишӣ ва маърифатии онро таъмин мекарданд.

Ш.И. Ҷумъаева таъкид мекунад, ки «вазифаи калидии таълими экологӣ тарбияи муносибати бошуурона ва эҳтиёткорона ба муҳити атроф дар ҷавонон мебошад. Аммо як назария дар доираи лексияҳо кофӣ нест, амалияи фаъол берун аз аудитория зарур аст» [46, с. 99]. Гарчанде ки ин хулоса нисбат ба донишҷӯён бароварда шудааст, нисбат ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ он аҳамияти боз ҳам зиёдтар дорад, зеро кӯдаки хурдсол муносибаташро ба табиат на аз шунидани панд, балки аз кору таҷрибаи шахсӣ пайдо мекунад.

Омодасозии омӯзгорон. Самаранокии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ пеш аз ҳама ба омодагии омӯзгор вобаста аст. Натиҷаҳои марҳилаи муайянкунанда (зербоби 3.2) нишон доданд, ки қисми зиёди омӯзгорон дар ташкили тарбияи экологӣ ба душвориҳои методӣ дучор мешаванд. Аз ин рӯ, барои омӯзгороне, ки бо маҷмуи шароитҳои педагогӣ кор мекунанд, тавсия дода мешавад, ки пеш аз оғози кор семинари методӣ бо мазмуни зерин гузаронида шавад: моҳият ва сохтори фарҳанги экологӣ ва МАҲТ; маҷмуи шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо; методикаи гузаронидани саёҳатҳо, лоиҳаҳо ва вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ; ташкили ҳамкорӣ бо волидон ва ниҳодҳои маҳал; истифодаи маводи ташхисӣ. Дар давоми сол мубодилаи таҷриба дар ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, боздиди мутақобилаи машғулиятҳо ва машваратҳои инфиродӣ ин кори омодасозиро идома медиҳанд.

Дар раванди фаъолияти берун аз синф хонандагони синфҳои ибтидоӣ имконият пайдо мекунанд, ки шавқу рағбат, муносибат ва эҳсоси меҳру муҳаббати худро нисбат ба муҳити зист ифода намуда, онро минбаъд

инкишоф диҳанд. Р.М. Кузиева дар ин бора менависад: «Дар раванди чорабиниҳои беруназсинф ва беруназмактабӣ талабагони синфҳои ибтидоӣ ин фурсатро ба даст меоваранд, ки майлу хоҳиш, нигариш, муҳаббат ва алоқаи худро ба табиат ва муҳити атроф нишон диҳанд ва сипас онҳоро инкишоф диҳанд» [71, с. 101]. Ин андеша моҳияти фарҳангӣ-иҷтимоии фаъолияти беруназсинфиро ифода мекунад: дар он кӯдак на объекти таъсир, балки субъекти фаъоли ифодаи муносибати худ мебошад.

Муаллиф фарқияти байни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро низ муайян менамояд: «Корҳои беруназмактабӣ фаъолиятҳои тарбиявиеро дарбар мегиранд, ки тавассути муассисаҳои таълимӣ берун аз ҳудуди муассиса анҷом дода мешаванд. Корҳои беруназсинфӣ ба масъалаҳои экологӣ ва таълиму тарбияи экологӣ марбут мебошанд ва бахши ҷудоинопазири раванди таълиму тарбия мебошанд, ки бояд берун аз соатҳои дарсӣ гузаронида шаванд» [71, с. 102]. Дар озмоиши мо ҳар ду намуди фаъолият ба таври ҳамоҳанг истифода гардиданд.

Вазифаҳои асосии фаъолияти беруназсинфии экологиро Р.М. Кузиева чунин муайян мекунад: «инкишоф додани маҷмӯи маҳоратҳо ва тавоноиҳои талабагон; ташаккулдиҳии муносибати талабагон ба илмҳои мухталифи дорои характери экологӣ; бедор кардани эҳсоси муҳаббати талабагон ба табиат ва дигар навъҳои фаъолияти экологӣ; инкишоф додани муносибат ва дилбастагӣ ба табиат ва муҳити атроф; ташаккулдиҳӣ ва тақвияти хусусиятҳои шахсӣ, ки дар қолаби корҳои мустақилона дар қитъаҳои киштзори наздимактабӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ ва ғайра ошкор мешаванд» [71, с. 103]. Мо ин вазифаҳоро бо се ҷузъи фарҳанги экологӣ мутобиқ намуда, барои ҳар як шакли фаъолият натиҷаи интизоршавандаро аз рӯйи меъёрҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ муайян кардем.

Ҳангоми интихоби шаклҳои фаъолият хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ба инобат гирифта шуданд. Р.М. Кузиева дар ин бора таъкид мекунад: «Таҳқиқоти мо нишон дод, ки шакл ва равишҳои таълиму тарбияи беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологии талабагони синфҳои ибтидоӣ

бояд ба гунае сохта шавад, ки кӯдакон битавонанд корҳои соддаро анҷом диҳанд, ки ба мисли коштани гул ва дарахт, тоза кардани муҳити зист ва ғайра бошад» [71, с. 104]. Аз ин рӯ, дар озмоиши мо ҳамаи намудҳои фаъолият ба корҳои содда, дастрас ва аз ҷиҳати эҳсосӣ ҷолиб асос ёфтанд.

Маҳфили экологии «Посбонони сабз». Маркази фаъолияти беруназсинфӣ дар синфҳои озмоишӣ маҳфили экологӣ буд, ки машғулиятҳои он як маротиба дар ҳафта баргузор мегардиданд. Р.М. Кузиева ҳадафи чунин маҳфилҳоро чунин тавсиф мекунад: «Ҳадафи ин маҳфилҳо ин аст, ки дар талабагони синфҳои ибтидоӣ ҳисси муҳаббат ва эҳтиром ба табиат бедор карда шавад, дар онҳо тавоноиҳо ва маҳоратҳоеро барои нигариши дақиқ ба табиат эҷод кунад, дар онҳо тавоноиҳо ва маҳоратҳоро барои корбурди амалии донишҳои назариявӣ, ки дар ҷараёни дарсҳо ба даст омадаанд, эҷод кунад» [71, с. 105]. Барномаи маҳфил аз чор модули амсилаи педагогӣ («Табиати зодгоҳи ман», «Табиат дар мероси ниёгон», «Ман ва табиат: рафтори масъулона», «Ҳифзи табиат – кори ҳамагон») иборат буда, дар замимаи 2 оварда шудааст.

Р.М. Кузиева тартиби идоракунии маҳфилро низ тавсиф менамояд: «Маҳфил тавассути як ҳайати ширкаткунандагон идора (шӯро) интихоб мешавад ва тибқи як барномаи мушаххас кор мекунад. Ба таври муназзам дар тӯли ҷамъомадҳо ва дарсҳо масъалаҳое, ки дар тӯли омӯзиши як мавзӯъ дар дарс ба вуҷуд меоянд, мавриди баҳс қарор мегиранд» [71, с. 116]. Мувофиқи ин тавсия, дар маҳфили «Посбонони сабз» шӯрои хурди хонандагон интихоб гардид, ки дар банақшагирии аксияҳо ва тақсими вазифаҳо иштирок мекард. Муаллиф инчунин қайд мекунад: «Талабагон метавонанд дарахтонеро, ки худ ба танҳоӣ шинондаанд, нигоҳубин кунанд. Иштироки фаъолона дар кори маҳфилҳо кӯмак мекунад, то муҳаббати талабагон ба табиат, дидгоҳҳои эстетикии онҳо, рушди истеъдод ва тавоноиҳои эҷодии онҳо афзун шавад» [71, с. 107].

Маҳфилҳои дорои мазмуни эстетикӣ ва меҳнатӣ ва гурӯҳҳои «посбонони табиат» дар ҳаёти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавқеи муҳим

доранд. Р.М. Кузиева қайд мекунад: «Онҳо бахусус клубҳои дӯстдорони табиат ва паррандагонро дӯст медоранд, ки метавон чунин маҳфилҳоро бо майли тамом дар ҳар муассисаи таълимӣ ташкил намуд, зеро ташкили онҳо талабот ба хароҷоти калон надорад. Тақрибан ҳар муаллим бо ҳамроҳии талабагон ва волидайни онҳо ба осонӣ метавонанд чунин корҳоро ба субут расонанд» [71, с. 107]. Ин хулоса барои шароити муассисаҳои деҳоти пойгоҳи озмоиш, ки имкониятҳои моддии маҳдуд доранд, аҳамияти амалӣ дошт.

Иштироки фаъол дар маҳфилҳо ба рушди муҳаббат ба табиат мусоидат намуда, ҷаҳонбинии эстетикии хонандагонро ғанӣ мегардонад ва барои рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо замина фароҳам меорад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолияти худ намоишгоҳҳо ташкил мекунанд, гербарийҳо омода месозанд, тақвимҳои табиатро таҳия менамоянд ва ба тозакунии қитъаҳои вобасташуда машғул мегарданд. Дар машғулиятҳои маҳфил кӯдакон дар қитъаи таълимӣ-озмоишӣ донишҳои назариявии худро бо амалия муқоиса намуда, тарзи дурусти шинонидан ва нигоҳубини гулҳоро азхуд мекарданд. Ба онҳо супориш дода мешуд, ки дар қитъаи наздиҳавлигӣ гул шинонда, дар давоми як моҳ онҳоро нигоҳубин намоянд ва мушоҳидаҳои худро дар дафтари махсус сабт кунанд.

Барои намуна мазмуни яке аз машғулиятҳои маҳфилро, ки ба модули «Ман ва табиат: рафтори масъулона» дохил мешавад, меорем. Мавзуи машғулият «Об – манбаи ҳаёт» буда, мақсади он ташаккули тасаввурот дар бораи аҳамияти об барои ҳаёт ва тарбияи одати сарфакорона истифода бурдани он мебошад. Машғулият аз чор қисм иборат аст. Дар қисми якум (ангезиш) омӯзгор ба кӯдакон зарфи пур аз об ва зарфи холиро нишон дода, мепурсад, ки агар дар маҳалла як рӯз об набошад, чӣ рӯй медиҳад; кӯдакон тахминҳои худро баён мекунанд. Дар қисми дуюм (маърифатӣ) хонандагон бо роҳи таҷрибаи содда муайян мекунанд, ки дар давоми як дақиқа аз ҷӯмаки кушода чӣ қадар об беҳуда мерезад, ва натиҷаро бо ниёзи рӯзонаи об барои нӯшидан муқоиса менамоянд. Дар қисми сеюм (арзишӣ) порчае аз панду

андарзҳои халқӣ дар бораи эҳтироми об хонда шуда, кӯдакон вазъияти ахлоқӣ-экологии «Оби ҷӯмак дар мактаб беҳуда равон аст»-ро муҳокима мекунанд. Дар қисми чорум (амалӣ) ҳар як хонанда «Ваъдаи об»-и худро – як амали мушаххаси сарфаи об дар хона – дар «Дафтари хайрхоҳиҳои ман» менависад ва дар давоми ҳафта иҷрои онро бо волидон қайд мекунад. Машғулияти навбатӣ бо ҷамъбасти ин супориш оғоз мегардад.

Чунин сохтори машғулият – аз ангезиш ба дониш, аз дониш ба муносибат ва аз муносибат ба амал – мантиқи амсилаи педагогиро дар сатҳи як машғулият такрор намуда, ҳар се ҷузъи фарҳанги экологиро фаро мегирад. Ҳамзамон, супориши хонагӣ бо иштироки волидон шароити панҷуми педагогиро амалӣ месозад ва имкон медиҳад, ки одати нав на танҳо дар мактаб, балки дар оила низ мустаҳкам гардад.

Саёҳат ва саёҳатҳои экологӣ. Саёҳат яке аз шаклҳои маъмул ва самараноки фаъолияти беруназмактабӣ мебошад. Ш.И. Ҷумъаева таъкид мекунад: «Мо чунин мешуморем, ки мушоҳидаи бевоситаи объектҳои табиӣ яке аз усулҳои асосии таълим ва тарбияи экологӣ мебошад. Чунин равиш фаъолияти маърифатиро ба таври самаранок фаъол гардонида, сатҳи ташаккули донишҳо, маҳорат ва малакаҳои экологиро баланд мебардорад ва ба рушди равандҳои мантиқӣ-эҷодӣ ва фикрӣ (хотира, тафаккур, шуур, диққат ва ғ.) ҳам дар кори инфиродӣ ва ҳам дар кори гурӯҳӣ мусоидат мекунад» [46, с. 102]. Гарчанде ки ин хулоса дар мисоли донишҷӯён бароварда шудааст, он ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки тафаккури аёнӣ-образнок доранд, боз ҳам бештар мувофиқ аст.

Ш.И. Ҷумъаева самараи таълимии саёҳатро бо тафсил шарҳ дода, менависад, ки ҳангоми он таълимгирандагон «малакаҳои самтёбӣ дар маҳалро азхуд мекунанд; мушоҳидакориро тавассути омӯзиши объектҳои табиати зинда, рафтори ҳайвонот ва тағйироти фаслӣ (фенологӣ) машқ медиҳанд; маҳорати тавсиф, муқоиса ва қиёс кардани дидаҳои худро азхуд менамоянд; ... меомӯзанд, ки дараҷаи таъсири инсонро ба табиат, ҳам мусбат ва ҳам манфии онро, фаҳманд ва дарк кунанд; меомӯзанд, ки донишҳои

назариявиро дар амал татбиқ намоянд» [46, с. 104–105]. Муҳаққиқ яке аз шаклҳои саёҳат ба табиатро бунёди пайраҳаҳои экологӣ медонад, ки роҳҳои сайёҳӣ-маърифатии ободонишуда ва ҳифзшаванда бо лавҳаҳои маълумотдиҳанда мебошанд [46, с. 105]. Дар шароити мактаби ибтидоӣ мо ин ғояро дар шакли «пайраҳаи экологӣ»-и ҳавлии мактаб татбиқ намудем: дар хатсайри кӯтоҳ 6–8 «истгоҳ» (дарахти кӯҳансол, гулзор, ҷӯйбор, лонаи паррандагон, қитъаи таълимӣ-озмоишӣ) муайян карда шуда, дар назди ҳар яке лавҳаи хурде бо расм ва 2–3 ҷумлаи соддаи хонандагон гузошта шуд.

Ш.И. Ҷумъаева ба душвориҳои амалии ташкили саёҳатҳо низ ишора мекунад: бисёр омӯзгорон, ба андешаи ӯ, гарчанде ки нақши саёҳатҳоро дар баланд бардоштани донишҳои экологӣ эътироф мекунанд, «чунин мешуморанд, ки гузаронидани саёҳатҳо як қатор душвориҳоро аз ҷиҳати вақт ва ташкил ба вуҷуд меорад ва аз ин рӯ гузаронидани саёҳатҳоро мувофиқи мақсад намешуморанд» [46, с. 104]. Ин мушкилот ба мактабҳои ибтидоӣ низ хос аст. Барои бартараф намудани он дар озмоиши мо ба саёҳатҳои кӯтоҳ ба объектҳои наздимактабӣ ва маҳаллӣ, ки вақт ва хароҷоти калон талаб намекунанд, бартарӣ дода шуд. Муаллиф таъкид мекунад, ки мушоҳида бахусус ҳангоми саёҳат, сайругашт ва экспедитсияҳо – «дар қитъаи таълимӣ-озмоишӣ, дар осорхонаи табиатшиносӣ, дар дендрарийҳо ва боғҳои ботаникӣ, дар боғҳои ҳайвонот, дар табиат, дар хоҷагиҳои чорводорӣ» [46, с. 102] – аҳамияти калон дорад; аз ин рӯйхат барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ қитъаи таълимӣ-озмоишӣ, боғҳо ва хоҷагиҳои маҳал аз ҳама дастрастаранд.

Омодагӣ ба саёҳат аз ду бахш – омодагии омӯзгор ва омодагии хонандагон – иборат буд. Р.М. Кузиева дар бораи омодагии омӯзгор менависад: «Муаллим барои гузаронидани саёҳат пешакӣ омода мегардад. Вай бояд аввал ба маршрути ташкили сайру сайёҳӣ худаш рафта, хатсайр, ҷойҳои истгоҳи қулайро муайян кунаду ёбад, объектҳои мушаххас ва ҷолибтаринро пайдо кунад» [71, с. 65]. Саёҳатҳо тибқи нақшаи зерин гузаронида мешуданд: суҳбати муқаддимавӣ дар бораи ҳадафи саёҳат;

шиносоӣ бо макони объект; тақсими супоришҳо ба гурӯҳҳо (мушоҳида, тасвир, ҷамъоварии баргҳо барои гербарий); муҳокимаи натиҷаҳо ва баёни муносибати шахсии кӯдакон; ҷамъбаст дар синф бо расм ё ҳикоя.

Дар давоми озмоиш саёҳатҳо ба Боғи ботаникӣ ва боғҳои шаҳри Душанбе, соҳили дарёҳо ва ҷӯйборҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ, киштзорҳо ва боғҳои наздимактабӣ гузаронида шуданд. Р.М. Кузиева ба аҳамияти ёдгориҳои табиии маҳаллӣ барои чунин саёҳатҳо ишора намуда, мисол меорад: «саёҳатҳое, ки муаллимон барои хонандагони хурдсоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ғорҳои кӯҳи Хоҷа Мӯъмин ташкил мекунанд» [71, с. 61]. Ҳар як минтақа ёдгориҳои табиии худро дорад, ки бояд дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии мактаб истифода шаванд.

Таҷрибаи гузаронидани саёҳатҳои экологӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти Р.М. Кузиева низ тавсиф шудааст. Муаллиф менависад, ки дар тӯли саёҳат ба боғ «ба ҳар талаба вазифа дода шуд, то мушоҳидаҳои худро ворид карда ва онҳоро дар рӯзномаи махсус сабт кунад. Дар интиҳои саёҳат тибқи барнома муколама бо ҳузури муаллимон, талабагон, бунёдкунандагони боғ баргузор шуд» [71, с. 114]. Пас аз саёҳат бо хонандагон мубоҳиса бо саволҳои «Қабл аз баргузории саёҳат мушкилоти навъҳои дарахтони мавҷудбудаи маҳалро чӣ гуна тасаввур мекардед? Баъд аз баргузории саёҳат чӣ чизеро омӯхтед?» гузаронида шуд ва муаллиф ба хулосае омад, ки «талабагон фаҳмиданд, ки табиати минтақаи онҳо ғанӣ ва гуногун аст. Ин саёҳат боиси тақвият ёфтани эҳсосоти талабагони хурдсол, ба монанди муҳаббат ба табиат ва сарватҳои он шуд» [71, с. 115]. Сохтори «супориши мушоҳида – вохӯрӣ бо мутахассис – муҳокимаи рефлексивӣ», ки дар ин таҷриба истифода шудааст, дар озмоиши мо низ асос қарор гирифт, вале бо як унсури илова – амали хурди ҳифзи табиат дар охири ҳар як саёҳат (ҷамъоварии партовҳо, об додани ниҳолҳо, овехтани ғизохона), ки муносибати эҳсосиро ба рафтори мушаххас мепайвандад.

Тартиби гузаронидани яке аз саёҳатҳоро бо мавзуи «Тирамоҳ дар боғи маҳалла» барои хонандагони синфи 2 мисол меорем. Дар машғулияти

пешакӣ омӯзгор бо кӯдакон қоидаҳои рафтор дар боғро такрор намуда, гурӯҳҳоро ташкил медиҳад ва ба ҳар гурӯҳ супориш медиҳад: гурӯҳи «Ранги тирамоҳ» баргҳои рангаи афтодаро барои гербарий ҷамъ мекунад; гурӯҳи «Посбонони дарахт» дарахтони осебдидаро муайян мекунад; гурӯҳи «Овозҳои боғ» паррандагонро мушоҳида намуда, овозҳои онҳоро «сабт» мекунад (бо калима ё расм); гурӯҳи «Тозагӣ» ҷойҳои ифлосшударо қайд менамояд. Дар боғ ҳар як гурӯҳ супориши худро иҷро намуда, сипас ҳамаи иштирокчиён дар доира нишаста, мушоҳидаҳои худро нақл мекунанд. Саёҳат бо амали муштарак – тоза кардани як қитъаи боғ – анҷом меёбад. Дар синф натиҷаҳо дар шакли рӯзномаи деворӣ ва расмҳо ҷамъбаст гардида, кӯдакон дар бораи он сӯҳбат мекунанд, ки боғ барои маҳалла чӣ аҳамият дорад ва онҳо барои он чӣ кор карда метавонанд.

Аксияҳо, ҳашарҳо ва чорабиниҳои ҷамъиятӣ. Ин шакли фаъолият бевосита ба шароити сеюм ва панҷуми педагогӣ мувофиқ буда, кӯдаконро ба корҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок ҷалб менамуд. Дар давоми озмоиш аксияҳои «Хонаи паррандагон» (сохтан ва овехтани ғизохонаҳо дар зимистон), «Ниҳоли ман» (ниҳолшинонӣ дар Наврӯз бо иштироки волидон), «Ҳавлии тоза» ва «Ҷӯйбори соф» гузаронида шуданд. Р.М. Кузиева қайд мекунад, ки «чорабиниҳои беруназсинфӣ дар қолаби озмунҳо, ба мисли як ҳафтаи беҳбуд, ҳафтаи тоза кардан, ҳамоишҳои дӯстдорони табиат анҷом мешавад» [71, с. 108]. Чунин чорабиниҳо, аз як тараф, ба таҳкими сифатҳои ахлоқӣ ва ҳисси ватандӯстӣ мусоидат намуда, аз тарафи дигар, барои дарки зебоии табиати зинда ва ташаккули муносибати эҳтиёткорона нисбат ба он замина фароҳам меоранд.

Аксияи «Хонаи паррандагон» ҳамчун намунаи фаъолияти ҷамъиятӣ дар зимистон аз се марҳила иборат аст. Дар марҳилаи якум хонандагон дар машғулияти маҳфил дар бораи паррандагоне, ки дар зимистон дар маҳал мемонанд, ва душвориҳои онҳо сӯҳбат мекунанд ва муайян менамоянд, ки паррандагонро бо чӣ ғизо додан мумкин аст ва бо чӣ мумкин нест. Дар марҳилаи дуюм ғизохонаҳо аз маводи такроран истифодашаванда (қуттиҳо,

зарфҳои пластикӣ) якҷоя бо волидон дар хона ё дар дарси меҳнат сохта мешаванд. Дар марҳилаи сеюм ғизохонаҳо дар ҳавлии мактаб ва маҳалла овехта шуда, гурӯҳҳои хонандагон ба навбат дар давоми зимистон ба онҳо ғизо мегузоранд ва дар «Дафтари мушоҳида» қайд мекунанд, ки кадом паррандагон ба ғизохона омаданд. Чунин аксия на як чорабинии якрӯза, балки масъулияти дарозмуддати кӯдаконро ба вуҷуд меорад, ки маҳз барои ташаккули ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ зарур аст.

Лоиҳаи «Ҷӯйбори соф» барои хонандагони синфҳои 3–4 намунаи лоиҳаи хурди ҷамъиятӣ мебошад. Дар марҳилаи омодагӣ хонандагон бо омӯзгор ҳолати ҷӯйбори наздимактабиро мушоҳида намуда, сабабҳои ифлосшавии онро муҳокима мекунанд. Дар марҳилаи амалӣ онҳо бо волидон ва намояндагони ҷамоати маҳалла ҳашар гузаронида, соҳили ҷӯйборро тоза мекунанд ва лавҳаҳои кӯтоҳи огоҳкунанда («Ҷӯйбор – ҳаёти маҳалла», «Обро тоза нигоҳ дорем») омода месозанд. Дар марҳилаи ҷамъбастӣ хонандагон натиҷаҳоро дар баромади иттилоотии субҳгоҳӣ ба тамоми мактаб муаррифӣ намуда, барои нигоҳ доштани тозагии ҷӯйбор «посбонӣ»-и навбатиро ташкил медиҳанд. Лоиҳа ҳамзамон шароитҳои сеюм ва панҷуми педагогиро татбиқ намуда, ба кӯдакон имкон медиҳад, ки натиҷаи бевоситаи меҳнати худро бинанд.

Ҷашнҳои экологӣ ва фарҳангӣ. Ҷашнҳо шакли муҳими фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ буда, хонандагон, омӯзгорон ва волидонро муттаҳид месозанд. Р.М. Кузиева ба мазмуни чунин ҷашнҳо талаботи махсус пеш мегузорад ва аз «иду ҷашнвораҳое» сухан меронад, «ки дар онҳо мавзӯи асосӣ бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти мактаббачагон, ташаккули мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо, масъулият барои тақдири табиати ватани худ равона карда шаванд» [71, с. 62]. Дар озмоиш ҷашни «Иди гулҳо», ҷашни Наврӯз бо унсурҳои экологӣ (ниҳолшинонӣ, суманакпазӣ, ҳикоя дар бораи анъанаҳои ободонии замин), «Рӯзи паррандагон» ва ҷашни ҷамъбастии «Табиат – хонаи умумии мо» баргузор гардиданд.

Ҷашни Наврӯз дар низоми фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ мавқеи махсус дорад, зеро он ҷашни бедоршавии табиат буда, бо анъанаҳои ободонии замин пайванди таърихӣ дорад. Тавсия дода мешавад, ки омодагӣ ба ҷашн як-ду ҳафта пеш оғоз ёфта, кишти сабза ва гандумак дар синф, ҷамъоварии ривоятҳо ва зарбулмасалҳо дар бораи баҳор ва табиат аз волидону бобову бибиҳо ва омода намудани саҳнаҳои кӯтоҳро дар бар гирад. Худи ҷашн бо ниҳолшинонии муштараки хонандагон ва волидон дар ҳавлии мактаб ё кӯчаи маҳалла анҷом меёбад; ҳар як ниҳол ба як гурӯҳи хонандагон «супорида» шуда, нигоҳубини он то охири соли хониш ба зиммаи онҳо гузошта мешавад. Ҳамин тариқ, ҷашн аз чорабинии якрӯза ба оғози масъулияти дарозмуддати кӯдакон табдил меёбад.

Р.М. Кузиева аҳамияти ахлоқии чунин фаъолиятро бо дарки ниёзи ботинӣ пайванд медиҳад: «Меъёрҳои нигариши ахлоқӣ ба табиат, ки ба як ниёзи ботинӣ табдил шудаанд, метавонанд нақши зиёде дар ҳалли мушкилоти экологӣ дошта бошанд» [71, с. 100]. Маҳз табдил ёфтани меъёри берунӣ ба ниёзи ботинӣ ҳадафи ниҳоии ҳамаи шаклҳои фаъолият дар озмоиши мо буд ва ба ҳамин сабаб дар арзёбии натиҷаҳо на танҳо дониш, балки муносибат ва рафтори мустақилонаи кӯдакон низ ба назар гирифта шуд.

Баромадҳои иттилоотии субҳгоҳӣ ва вохӯриҳо. Яке аз шаклҳои дастрас ва самараноки фаъолияти беруназсинфӣ ташкили баромадҳои иттилоотии кӯтоҳ мебошад. Р.М. Кузиева ин шаклро чунин тавсиф мекунад: «Навъи кори қобили қабул ва густурдаи барномаҳои беруназсинфӣ бо талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ташкил намудани паёмҳои иттилоърасонии субҳгоҳии талабагон дар мавриди натиҷаҳои тоза кардани қаламрави муассисаи таълимӣ ва ҳамчунин нишон додани бархе аз беҳтарин корҳои талабагон аст, ки як воситаи тарбиявии бисёр таъсирбахш мебошад» [71, с. 107]. Ҳангоми омодагӣ ба чунин чорабиниҳо ба хонандагони синфҳои ҳампараллел супоришҳо дода мешуданд ва бо ин роҳ

кӯдакони ҳамаи синфҳо ҳам иштирокчӣ ва ҳам тамошобини фаъол мегардиданд.

Вохӯриҳо бо меҳмонон – собиқадорони меҳнат, ҷангалбонҳо, кормандони мақомоти ҳифзи муҳити зист ва волидони дорои касбҳои марбут ба табиат – аҳамияти тарбиявӣ ва маърифатӣ доштанд. Р.М. Кузиева дар бораи ин шакл менависад: «Дар ин мулоқот талабагон натанҳо ба нақлу ривоятҳои меҳмонон гӯш фаро медиҳанд, балки худашон низ бо суҳбат кардан бо онҳо баҳра бурда, аз натиҷаи омӯзиш ва корҳои худ гузориш медиҳанд» [71, с. 108]. Ин шакл бевосита шароити панҷум – ҳамкории мактаб бо ниҳодҳои маҳалро татбиқ менамуд.

Фаъолияти эҷодӣ-бадеӣ. Барои кӯдакони синни хурди мактабӣ, ки тафаккури образнок ва эҳсосоти равшан доранд, шаклҳои эҷодӣ-бадеии фаъолият воситаи табиии ифодаи муносибат ба табиат мебошанд. Ба онҳо озмунҳои расм ва плакат («Табиати зодгоҳи ман», «Обро ҳифз кунем»), эҷоди ҳикояҳо ва шеърҳои кӯтоҳ дар бораи табиат, корҳои дастӣ аз маводи табиӣ ва такроран истифодашаванда ва намоишҳои театри лӯхтак дохил мешаванд. Намоиши театри лӯхтак аз рӯйи афсонаи экологӣ (масалан, дар бораи ҷӯйборе, ки аз ифлосшавӣ «бемор» шуд ва бо ёрии кӯдакон «шифо» ёфт) ба хонандагони синфҳои 1–2 имкон медиҳад, ки муносибати худро ба ҳодисаҳои табиат тавассути қаҳрамонони лӯхтакӣ ифода намоянд; хонандагони синфҳои 3–4 бошанд, худ сенарияҳои кӯтоҳ эҷод карда, онҳоро барои хурдсолон намоиш медиҳанд. Чунин фаъолият ба рушди ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ мусоидат намуда, ҳамзамон малакаҳои муошират ва ҳамкориро инкишоф медиҳад.

Ҳангоми арзёбии корҳои эҷодӣ на сифати бадеии онҳо, балки ифодаи муносибати шахсии кӯдак ба табиат ба назар гирифта мешавад. Муҳокимаи расмҳо дар синф бо саволҳои «Дар расми худ чиро нишон додан хостӣ?», «Ҳангоми кашидани расм чӣ ҳис мекардӣ?» кӯдаконро водор месозад, ки эҳсосоти худро ба забон оранд ва бо ҳамин роҳ онҳоро дарк намоянд. Намоишгоҳи корҳои эҷодии хонандагон, ки дар охири ҳар як модул ташкил

карда мешавад, на танҳо ба ҳавасмандгардонии кӯдакон, балки ба ҷалби волидон ва дигар хонандагони мактаб ба масъалаҳои экологӣ мусоидат мекунад.

Мутолиаи берун аз барнома. Р.М. Кузиева яке аз навъҳои таъсирбахши фаъолияти беруназсинфиро «таҳсилоти берун аз барнома» медонад ва тартиби онро чунин тавсиф мекунад: «Муаллим дар ибтидо рӯйхати адабиёти муайянро бобати ҳифзи табиат ва муҳити зист таҳия карда, муаллиф, унвони китоб, сол ва макони интишорро нишон медиҳад. Муаллим бо овезон кардани рӯйхати адабиёти ихтисосдодашуда дар синф ё мавқеи муайян талабагонро тарғиб мекунад, то бо адабиёт беҳтар ошно шаванд» [71, с. 108]. Дар озмоиш ин шакл бо шароити дуюм – истифодаи мероси фарҳангии халқи тоҷик пайваст гардид: ба рӯйхат ҳикояҳои Садриддин Айнӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев дар бораи табиат, афсонаҳои халқии тоҷик, рубоиҳои Хайём ва порчаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои кӯдакон ворид карда шуданд.

Барои хонандагони синфи чорум шакли «конфронси хурди хонандагон» самаранок мебошад. Р.М. Кузиева дар робита ба мутолиаи берун аз барнома тавсия медиҳад, ки оид ба «натиҷаҳои мутолиаи адабиёти тавсияшуда (дар синфи чаҳорум) ҳатто баргузор намудани конфронс» [71, с. 109] ба роҳ монда шавад. Дар чунин конфронс хонандагон дар бораи китобҳои хондашуда, натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва лоиҳаҳои худ баромадҳои кӯтоҳ (2–3 дақиқа) бо расм ва аксҳо омода менамоянд, ҳамсинфон ва волидон саволҳо медиҳанд. Конфронс ба кӯдакон имкон медиҳад, ки на танҳо дониши худро нишон диҳанд, балки мавқеи шахсии худро нисбат ба масъалаҳои экологии маҳал баён намоянд, ки нишонаи муҳими ташаккули ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ мебошад.

Соати тарбиявӣ ва суҳбатҳои экологӣ. Пояи асосии корҳои беруназсинфӣ соати тарбиявӣ мебошад, ки як бор дар як ҳафта аз ҷониби роҳбари синф гузаронида мешавад. Дар ҷараёни озмоиш намудҳои гуногуни соатҳои тарбиявӣ истифода гардиданд: маҷлисҳои синфӣ, ҷамъбасти

иштироки хонандагон дар корҳои сабзкорӣ, назорати қитъаҳои супурдашуда, нигоҳдории тозагӣ дар синфхона ва гирду атрофи мактаб. Суҳбатҳои экологӣ ба бедор намудани таваҷҷуҳи хонандагон ба мушкилоти экологии маҳал, таҳлили рафтори ҳамсолон ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти амалӣ мусоидат менамуданд. Мақсади онҳо он буд, ки хонандагон қоидаҳои муносибати солимро барои ҳифзи табиат ва сарватҳои он – об, замин, дарахтҳо, гулҳо ва паррандагон – дарк кунанд.

Дар соатҳои тарбиявӣ вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ба таври мунтазам истифода мешуданд. Масалан: «Дӯстат шохи дарахтро барои бозӣ мешиканад. Ту чӣ кор мекунӣ?», «Дар роҳ паррандачаи аз лона афтодаро дидӣ. Чӣ бояд кард?», «Дар хона оби ҷӯмак беҳуда равон аст. Ту чӣ мегӯӣ?». Муҳокимаи ин вазъиятҳо ба кӯдакон имкон медод, ки на танҳо қоидаро ёд гиранд, балки интихоби ахлоқии худро асоснок намоянд, ки ин бевосита ба рушди ҷузъи арзишӣ-ангезавии МАҲТ нигаронида шудааст.

Р.М. Кузиева шаклҳои маъмули таъсири экологиро, ки омӯзгорон истифода мебаранд, чунин номбар мекунад: «мубоҳисаҳо, шеъру достонхонӣ, интишори маҷаллаҳо, баргузор кардани иду ҷашнҳо, саёҳатҳо дар боғҳои ботаникӣ, боғҳои наздимактабӣ, кружокҳои табиатшиносони ҷавон, ва ғайра» [71, с. 104]. Дар озмоиши мо ин шаклҳо на ба таври пароканда, балки дар низоми ягонаи шароитҳои педагогӣ ва мутобиқи марҳилаҳои амсила истифода гардиданд, ки фарқияти асосии кори мо мебошад.

Корҳои беруназсинфии таълимӣ танҳо дар сурате самаранок хоҳанд буд, ки ҳангоми омодасозӣ ва гузаронидани онҳо қоидаҳои зерин риоя карда шаванд:

– ҳамаи намудҳои корҳои беруназсинфӣ бояд ба таври мунтазам ва дар шакли маҷмуӣ амалӣ гарданд;

– корҳои беруназсинфӣ бояд бо раванди таълим робитаи зич дошта бошанд ва масъалаҳое, ки дар дарс пурра баррасӣ нашудаанд, дар доираи онҳо идома ёбанд;

– ҳангоми интихоби намудҳои фаъолият синну сол ва хусусиятҳои фардии хонандагон ҳатман ба назар гирифта шаванд;

– ҳадаф, вазифа ва натиҷаҳои ҳар як чорабинӣ бояд равшан муайян карда шаванд;

– ҳамаи намудҳои фаъолияти экологӣ бояд ҷолиб ва шавқовар бошанд, ҳисси эътимод ба имкониятҳои худро бедор кунанд;

– ҳар як чорабинӣ бояд идомаи мантиқии чорабиниҳои қаблӣ бошад;

– хонандагони фаъол дар корҳои беруназсинфӣ бояд ба таври муносиб дастгирӣ ва эътироф карда шаванд.

Дар илми педагогӣ меъёрҳои арзёбии самаранокии корҳои беруназсинфӣ таҳия шудаанд, ки инҳоро дар бар мегиранд: ҷолибияти машғулият, ки кӯдакро ба иштирок водор месозад ва ба ӯ хурсандиву қаноатмандӣ мебахшад; мақсаднок истифода шудани фаъолият барои ҳамоҳангсозии рушди маънавии хонандагон; дастовардҳои эҷодӣ ва ташкилотчигии худи кӯдакон. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ тавассути суҳбат муносибати хонандагонро ба корҳои беруназсинфӣ муайян намуда, дар асоси ин маълумот ба кори худ ислоҳ ворид мекунад.

Барои бедор намудани кунҷковии табиии хонандагони хурдсол дар синфҳои озмоишӣ клуби «Чаро?» таъсис дода шуд. Дар ин синну сол диққати кӯдакон ба объектҳо ва ҳодисаҳои табиат равона гардида, онҳо пайваста бо саволҳо ба калонсолон мурочиат мекунанд. Дар машғулиятҳои клуб саволҳои кӯдакон («Чаро барги дарахтон тирамоҳ зард мешавад?», «Чаро паррандагон ба ҷойҳои гарм парвоз мекунанд?», «Об аз куҷо пайдо мешавад?») ҷамъоварӣ шуда, ҷавоби онҳо тавассути мушоҳида, таҷрибаҳои содда ва китобҳо якҷоя ҷустуҷӯ мегардид.

«Дафтари хайрхоҳиҳои ман» ҳамчун воситаи доимии кори инфиродӣ дар тамоми давраи ташаккулдиҳанда истифода мешавад. Ҳар як хонанда дафтари худро бо муқоваи дилхоҳ ороиш дода, дар он ҳар ҳафта на камтар аз як амали неки худро нисбат ба табиат бо расм ё ҷумлаи кӯтоҳ қайд мекунад. Дар саҳифаи алоҳида «Ваъдаҳои ман» – амалҳое, ки кӯдак худ ба зимма

гирифтааст (масалан, ҳар рӯз гули синфро об додан, дар хона обро сарфа кардан) – навишта мешаванд ва иҷрои онҳо аз ҷониби кӯдак ва волидон қайд карда мешавад. Дар соати тарбиявӣ якчанд кӯдак дафтари худро муаррифӣ мекунанд; омӯзгор на шумораи амалҳо, балки самимият ва мустақилияти онҳоро таъкид менамояд. Дафтар дар охири сол ба намоишгоҳи ҷамъбастӣ гузошта шуда, барои ташхиси меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ маводи иловагӣ медиҳад.

Дар клуби «Чаро?» машғулиятҳо аз саволи худи кӯдакон оғоз меёбанд. Масалан, ба саволи «Чаро барги дарахтон тирамоҳ зард мешавад?» кӯдакон аввал тахминҳои худро баён мекунанд, сипас баргҳои сабз ва зардро муқоиса намуда, бо ёрии омӯзгор дар бораи нақши офтоб ва об дар ҳаёти растанӣ хулоса мебароранд ва дар охир муҳокима мекунанд, ки барои дарахтони ҳавлии мактаб дар тирамоҳ ва зимистон чӣ кор кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ҳатто машғулияти маърифатӣ бо масъалаи ахлоқӣ ва амалӣ анҷом меёбад, ки ба мантиқи «дониш – муносибат – амал»-и амсила мувофиқ аст.

Ҳамаи шаклҳои фаъолият бо супоришҳои эҷодӣ ва ташхисии ба синну соли кӯдакон мувофиқ ҳамроҳ буданд. Супоришҳо аз рӯйи сатҳи мураккабӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд, ки ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ мутобиқ мебошанд.

Гурӯҳи А – супоришҳои маърифатӣ:

– Табиат чист ва чаро мо бояд онро ҳифз кунем?

– Кадом ҳайвонот ва растаниҳо дар маҳаллаи мо зиндагӣ мекунанд?

– Кадом амалҳои инсон ба табиат зарар мерасонанд?

– Ба назари ту, кадом корҳои хурд кумак мекунанд, ки муҳити мо тоза ва солим бошад?

Гурӯҳи Б – супоришҳои арзишӣ-ангезавӣ:

– Чаро эҳтиром ба ҳайвонот ва растаниҳо муҳим аст?

– Агар ту дарахт мебудӣ, аз одамон чӣ хоҳиш мекардӣ?

– Ту барои табиат кадом кори некро бо хоҳиши худ иҷро кардан мехоҳӣ?

– Чӣ гуна ҳамкорӣ бо табиат одоби хубро дар кӯдакон ташаккул медиҳад?

Гурӯҳи В – супоришҳои фаъолиятӣ-рафторӣ:

– Кӯдакон чӣ корҳои амалӣ карда метавонанд, то муҳити атрофро тоза нигоҳ доранд?

– Кӯдакон дар хона чӣ кор карда метавонанд, то об ва барқро сарфа кунанд?

– Барои лоиҳаи синфӣ оид ба ҳифзи табиати маҳалла як ғояи хурд пешниҳод кун.

– Бо волидонат дар рӯзи истироҳат кадом кори муфидро барои табиат иҷро кардӣ?

Ин маҷмуи супоришҳо ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки онҳоро вобаста ба шароити воқеӣ ва мавзуи машғулият тағйир диҳанд. Мақсади асосии супоришҳо на танҳо арзёбӣ кардани сатҳи дониши хонандагон, балки муайян кардани дараҷаи рушди муносибат, эҷодкорӣ ва омодагии онҳо ба амали нек мебошад. Ҳамзамон, чунин супоришҳо метавонанд ҳамчун қисми ҷамъбастии ҳар як лоиҳа ё машғулият истифода гарданд.

Барои таъмини низомнокӣ ва пайдарпайии фаъолият нақшаи тақвимии намунавии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ барои соли хониш таҳия гардид, ки дар он шаклҳои фаъолият бо фаслҳои сол, ҷашнҳои миллӣ ва рӯзҳои экологӣ ва шароитҳои педагогӣ мувофиқ карда шудаанд (ҷадвали 3.1).

Ҷадвали 3.1. – Нақшаи тақвимии намунавии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Моҳ	Мавзуъ ва шаклҳои асосии фаъолият	Шароитҳои педагогӣ
Сентябр	ташхиси ибтидоӣ; ташкили маҳфили «Посбонони сабз» ва гӯшаи табиат; вохӯрӣ бо волидон «Тарбияи экологӣ аз хона оғоз меёбад»; саёҳат «Табиати ҳавлии мактаби мо»	1, 5
Октябр	саёҳат «Тирамоҳ дар боғи маҳалла»; гербарийи баргҳо; ҷашни Меҳргон бо намоишгоҳи ҳосил; оғози «Тақвими табиат»	1, 2, 3
Ноябр	машғулиятҳои «Об – манбаи ҳаёт» ва «Хоки зодгоҳ»; вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ; оғози «Дафтари хайрхоҳиҳои ман»	2, 4

Декабр	аксияи «Хонаи паррандагон» (сохтан ва овехтани ғизохонаҳо бо волидон); саҳна аз рӯйи афсонаи халқӣ дар бораи ҳайвонот	3, 4, 5
Январ	ғизодиҳии паррандагон ва «Дафтари мушоҳида»; соати тарбиявӣ «Чаро ҳайвонот ба ғамхории мо ниёз доранд?»; клуби «Чаро?»	3, 4
Феврал	кишти тухмиҳо дар гӯшаи табиат; мутолиаи берун аз барнома (афсонаҳо, ашъор дар бораи табиат); вохӯрӣ бо мутахассиси ҳифзи табиат	1, 2, 5
Март	омодагӣ ба Наврӯз: кишти сабза, ҷамъоварии ривоятҳо аз бобову бибиҳо; ниҳолшинонии оилавӣ «Ниҳоли ман»; Рӯзи ҷаҳонии об	2, 3, 5
Апрел	лоиҳаҳои «Ҷӯйбори соф» ва «Нигоҳубини боғ»; ҳашари маҳалла; Рӯзи Замин; ҷашни «Рӯзи паррандагон»	3, 5
Май	намоишгоҳи корҳои хонандагон; ҷашни ҷамъбастии «Табиат – хонаи умумии мо»; ташхиси ниҳоӣ; супоришҳои тобистона бо оила	1–5

Нақша хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонад вобаста ба шароити табиӣ ва иҷтимоии муассиса, имкониятҳои моддӣ ва ташаббусҳои худи хонандагон тағйир дода шавад. Аз ҷадвали 3.1 бармеояд, ки дар ҳар як моҳ на камтар аз ду шароити педагогӣ ҳамзамон амалӣ мегарданд ва дар давоми сол ҳамаи панҷ шароит ба таври мутавозин истифода мешаванд. Чунин ташкил ба принсипи пайдарпайӣ ва бефосилагӣ, ки дар амсилаи педагогӣ муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ буда, тарбияи экологиро аз силсилаи чорабиниҳои ҷудогона ба раванди мунтазами ҳамарӯза табдил медиҳад.

Ҳамин тариқ, мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди озмоиш аз чор модули амсила иборат буда, тавассути низоми шаклҳо – маҳфили «Посбонони сабз», саёҳат ва саёҳатҳо, аксияҳо ва ҳашарҳо, ҷашнҳои экологӣ ва фарҳангӣ, баромадҳои иттилоотӣ ва вохӯриҳо, мутолиаи берун аз барнома, соатҳои тарбиявӣ бо вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва клуби «Чаро?» – амалӣ гардид. Ҳар як шакл ба яке ё якчанд шароити педагогӣ мутобиқ буда, ҳамзамон ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ таъсир мерасонд. Самаранокии ин низом дар зербоби 3.2 бо усулҳои оморӣ санҷида мешавад.

3.2. Ташкил, гузаронидан ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ

Бо мақсади санҷиши фарзияи таҳқиқот ва самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Озмоиш дар МТМУ №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, МТМУ №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва МТМУ №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ ташкил гардид. Ин муассисаҳо бо назардошти таҷрибаи омӯзгорон ва зарурати фаро гирифтани ҳам шароити шаҳр ва ҳам шароити деҳот интихоб карда шуданд.

Ш.И. Ҷумъаева зарурати чунин пажӯҳишҳоро бо мақоми маорифи экологӣ дар ҳаёти ҷомеа шарҳ медиҳад: «Такмили маорифи экологии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонони таҳсилкунанда, дар ҳалли масъалаҳои экологӣ нақши ҳалкунанда мебозад, зеро он сарчашмаи асосии ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ мебошад» [46, с. 122]. Ин мавқеъ барои зинаи ибтидоӣ, ки дар он асосҳои ҷаҳонбинии экологӣ гузошта мешаванд, бештар дахл дорад.

Дар раванди озмоиш маҷмуи методҳои ба ҳам алоқаманд истифода гардид. В.И. Загвязинский таъкид мекунад, ки дар таҳқиқоти педагогӣ эътимоднокии натиҷаҳо бо мувофиқати методҳо ба мақсад ва табиати объекти таҳқиқ ва бо истифодаи якҷояи методҳои миқдорӣ ва сифатӣ таъмин карда мешавад [51]; Б. Раҳимов ва А. Нуров низ ба зарурати мувофиқ намудани методҳои таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ба марҳилаҳои таҳқиқот ишора мекунанд [106]. З.Н. Тӯраев ҳангоми арзёбии сатҳи фарҳанги экологии хонандагон «аз маҷмӯи усулҳои ташхисӣ, аз ҷумла саволнома, пурсиш, мушоҳида ва таҳлили фаъолияти амалии хонандагон» [124, с. 127] истифода бурдааст. Дар озмоиши мо низ ҳамин гуна маҷмуъ ба кор бурда шуд: пурсиши омӯзгорон ва хонандагон (дар марҳилаи муайянкунанда); санҷиши хаттии донишҳои экологӣ (дар марҳилаҳои муайянкунанда ва назоратӣ); вазъиятҳои ахлоқӣ-экологии ташхисӣ ва харитаи мушоҳидаи рафтор (барои ташхиси маҷмуӣ); гуфтугӯ бо омӯзгорон, хонандагон ва волидон (барои таҳлили сифатӣ); методҳои омории χ^2-и Пирсон ва U-и Манн–Уитни (коркарди натиҷаҳо).

Озмоиш дар се марҳила гузаронида шуд, ки ба марҳилаҳои амсилаи педагогӣ мувофиқ мебошанд:

– марҳилаи муайянкунанда (соли 2022) – омӯхтани ҳолати ҳақиқии тарбияи экологӣ дар мактабҳо, дараҷаи омодагии омӯзгорон ва сатҳи аввалаи фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-и хонандагон;

– марҳилаи ташаккулдиҳанда (солҳои таҳсили 2022–2023 ва 2023–2024) – дар гурӯҳи озмоишӣ амалӣ намудани шароитҳои педагогӣ бо истифода аз шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии дар зербоби 3.1 шарҳдодашуда;

– марҳилаи назоратӣ (охири соли таҳсили 2023–2024; коркарди натиҷаҳо – соли 2025) – дар анҷоми синфи 4 аз нав ташхис намудани хонандагон, муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ва коркарди омории онҳо.


Дар марҳилаи муайянкунанда 30 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва 200 нафар хонандаи синфҳои 3–4-уми муассисаҳои пойгоҳи озмоиш иштирок намуданд. Барои марҳилаи ташаккулдиҳанда 160 нафар хонандаи синфҳои 3-юм (дар соли таҳсили 2022–2023) интихоб гардиданд, ки дар давоми ду соли таҳсил – дар синфҳои 3 ва 4 – дар озмоиш иштирок намуданд; онҳо ба гурӯҳи озмоишӣ (ГО – 80 нафар) ва гурӯҳи назоратӣ (ГН – 80 нафар) тақсим шуданд. ГО ва ГН аз ҳисоби синфҳои ҳампараллели ҳамон як муассисаҳо ташкил карда шуданд (тақсимоти иштирокчиён аз рӯйи муассисаҳо ва синфҳо дар замимаи 3 оварда шудааст). Дар ГО тарбияи экологӣ дар асоси маҷмуи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда, дар ГН бошад, тибқи барномаи амалкунанда бидуни ворид намудани тағйирот гузаронида шуд. Зарурати гурӯҳи назоратиро Ш.И. Ҷумъаева бо чунин далел шарҳ медиҳад: «Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо бо роҳи мушоҳида, муқоиса ва озмоиш маҳз мавҷудияти гурӯҳи назоратӣ ба мо имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои таҳқиқшавандаро муқоиса намуда, бо ҳамин роҳ таъсири бадастомадаро фарқ кунем» [46, с. 125]. З.Н. Тӯраев низ механизми арзёбии натиҷаҳоро чунин пешниҳод менамояд: «Дар оғоз ва анҷоми иҷрои лоиҳа анкетаҳо гузаронида мешаванд ва нишондиҳандаҳои сатҳи ФЭ-ро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ

муқоиса мекунанд, ки пеш ва баъд аз иҷрои лоиҳа чӣ тағйиротҳо ба вуҷуд омадаанд» [124, с. 132]. Мо низ ҳамин мантиқро риоя намудем: ташхиси ибтидоӣ ва ниҳоӣ бо воситаҳои якхела ва дар ҳарду гурӯҳ гузаронида шуданд.

Марҳилаи муайянкунанда. Дар оғози озмоиш барои омӯзгорон пурсишнома гузаронида шуд, ки ба муайян намудани омодагии онҳо ба ташкили тарбияи экологӣ дар дарс ва фаъолияти беруназсинфӣ нигаронида шуда буд. Аз рӯйи натиҷаҳои пурсиш омӯзгорон ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд (ҷадвали 3.2, расми 3.1).

Ҷадвали 3.2. – Тақсимоти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи сатҳи омодагӣ ба ташкили тарбияи экологӣ (N = 30)

Гурӯҳ	Шумора	Ҳисса, %
Гурӯҳи якум – ба душвориҳои назарраси методӣ дучор намешаванд	8	26,7
Гурӯҳи дуюм – ба душвориҳои методӣ ва мазмунӣ дучор мешаванд	14	46,7
Гурӯҳи сеюм – душвориҳои қисман доранд	8	26,6
Ҳамагӣ	30	100,0




Расми 3.1. – Тақсимоти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи сатҳи омодагӣ ба ташкили тарбияи экологӣ (N = 30)

Маълумоти ҷадвали 3.2 нишон медиҳад, ки танҳо ҳар чоруми омӯзгор (26,7%) ташкили тарбияи экологиро бе душвориҳои ҷиддӣ анҷом медиҳад,

қариб нисфи онҳо (46,7%) бошад, ба душвориҳои методӣ ва мазмунӣ дучор мешаванд. Ин натиҷа бо хулосаи Р.М. Кузиева, ки дар асоси таҳлили барномаҳои тарбиявии омӯзгорон бароварда шудааст, мувофиқат мекунад: «Таҷзия ва таҳлили барномаҳо нишон дод, ки ҳадафи таълиму тарбия мунъакис шуда, дар онҳо ҳамеша бо потенсиали ҷаҳонбинӣ мӯҳтавои таълиму тарбия мутобиқат надорад» [71, с. 79].

Ба саволи «Кадом омилҳо ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагон бештар мусоидат мекунанд?» ҷавобҳои омӯзгорон чунин тақсим шуданд: ҳамгироии фанҳои гуногун ва фаъолияти беруназсинфӣ – 10 нафар (33,3%); истифодаи усулҳои интерактивӣ ва воситаҳои аёнию рақамӣ – 8 нафар (26,7%); истифодаи вазифаҳои ҳаётӣ ва амалӣ – 8 нафар (26,7%); фаъолияти мустақилона ва гурӯҳии хонандагон – 4 нафар (13,3%) (расми 3.2). Маълум мешавад, ки омӯзгорон аҳамияти пайванди дарс ва корҳои беруназсинфиро хуб мефаҳманд, аммо ба кори мустақилонаи кӯдакон ва ҳамкорӣ бо хонаводаҳо кам эътибор медиҳанд.

Таҳлили сифатии ҷавобҳои омӯзгорон нишон медиҳад, ки тасаввуроти онҳо дар бораи тарбияи экологӣ асосан ба ҷанбаи маърифатӣ ва методии таълим нигаронида шудааст: омилҳои марбут ба мазмуни фанҳо ва усулҳои таълим бештар номбар гардиданд, дар ҳоле ки фаъолияти мустақилонаи кӯдакон камтар қайд гардид ва омилҳое, ки ба ҳамкорӣ бо оила ва ниҳодҳои маҳал марбутанд, дар ҷавобҳо инъикос наёфтанд. Ин ҳолат зарурати пешниҳоди маҷмуи шароитҳои педагогиро, ки дар он шароитҳои рушди ангезаи дохилӣ ва ҳамкорӣ бо оила ва ниҳодҳои маҳал ҷойгоҳи махсус доранд, тасдиқ менамояд ва дар омодасозии омӯзгорон ба инобат гирифта шуд.




Расми 3.2. – Омилҳое, ки ба назари омӯзгорон ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагон мусоидат мекунанд (N = 30)

Бо мақсади ошкор кардани муносибати кӯдакон ба нигоҳдории табиат барои онҳо саволномаи алоҳида тартиб дода шуд, ки аз чор савол иборат буд: 1) Муносибати ту ба ҳифзи табиат чӣ гуна аст? 2) Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои марбут ба табиат чӣ барои ту бештар ҷолиб аст? 3) Дар корҳои экологии синф ва мактаб чӣ гуна иштирок мекунӣ? 4) Ҳангоми иҷрои супоришҳои табиатшиносӣ аз китобҳо ва манбаъҳои иловагӣ истифода мебарӣ? Ҷавобҳо аз рӯйи се сатҳ – баланд, миёна ва паст – арзёбӣ карда шуданд. Дар пурсиш 200 нафар хонандаи синфҳои 3–4 иштирок намуданд (ҷадвали 3.3, расми 3.3).

Ҷадвали 3.3. – Натиҷаҳои пурсиши хонандагон оид ба муносибат ба масъалаҳои ҳифзи табиат (N = 200)

Савол	Сатҳи баланд, нафар (%)	Сатҳи миёна, нафар (%)	Сатҳи паст, нафар (%)
Саволи 1	129 (64,5)	44 (22,0)	27 (13,5)
Саволи 2	104 (52,0)	63 (31,5)	33 (16,5)
Саволи 3	101 (50,5)	77 (38,5)	22 (11,0)
Саволи 4	122 (61,0)	56 (28,0)	22 (11,0)



Расми 3.3. – Натиҷаҳои пурсиши хонандагон оид ба муносибат ба масъалаҳои ҳифзи табиат (N = 200), %

Таҳлили ҷавобҳо нишон медиҳад, ки муносибати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба масъалаҳои ҳифзи табиат дар маҷмуъ мусбат мебошад: аз 50,5% то 64,5%-и онҳо сатҳи баланд нишон доданд. Бо вуҷуди ин, маҳз аз рӯйи саволи сеюм, ки ба иштироки воқеӣ дар корҳои экологӣ дахл дорад, ҳиссаи сатҳи баланд камтарин (50,5%) ва ҳиссаи сатҳи миёна бештарин (38,5%) буд. Ин маънои онро дорад, ки муносибати мусбати эълоншуда ҳанӯз ба рафтори фаъол табдил наёфтааст; иштироки кӯдакон дар фаъолияти беруназсинфии экологӣ асосан бо ташаббуси омӯзгорон ё волидон сурат мегирад. Натиҷаҳои мо бо маълумоти З.Н. Тӯраев мувофиқат мекунанд, ки менависад: «Натиҷаҳои ташхиси ибтидоӣ нишон доданд, ки қисми зиёди хонандагон ҷойгоҳи инсонро дар табиат ва муносибати ӯро бо дигар мавҷудоти зинда ба таври кофӣ дарк намекунанд. Ҳамчунин, тасаввуроти онҳо дар бораи моҳияти экология ва мушкилоти муосири экологӣ маҳдуд мебошад, ки ба нокифоя будани заминаи маърифатии онҳо ишора мекунад» [124, с. 128]. Р.М. Кузиева низ дар таҳқиқоти худ ба ҳамин хулоса омада буд: «Мутаассифона талабагони муассисаҳои таълими ибтидоӣ ва умумии ҷумҳурӣ аз донишу маърифати кофӣ дар мавриди муҳити зист ва табиат

бархурдор нестанд ва ё бархе аз онҳо дар мавриди мушкилоти экологӣ маълумот надоранд» [71, с. 77].


Дар асоси ин маълумот муаллиф қайд мекунад, ки «ташаккули муносибати оқилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба табиат раванди мураккаб ва дарозмуддат буда, танҳо дар шароити татбиқи маҷмӯии усулҳои таълимӣ ва фаъолияти амалӣ самаранок мегардад» [124, с. 128]. Ин хулоса бо мантиқи таҳқиқоти мо, ки ба татбиқи якҷояи маҷмуи шароитҳои педагогӣ асос ёфтааст, мувофиқ мебошад.

Ҷавобҳо ба саволҳои дуюм ва чорум низ хусусиятҳои муҳимро ошкор месозанд. Аз рӯйи саволи дуюм, ки шавқи хонандагонро ба мавзуъҳои марбут ба табиат муайян мекард, сатҳи баланд дар 52,0%-и хонандагон мушоҳида гардид, ҳиссаи сатҳи паст бошад, бештарин (16,5%) буд. Ин нишон медиҳад, ки барои қисми назарраси кӯдакон мавзуъҳои табиат дар шакли анъанавии пешниҳоди онҳо ҷолиб намебошанд ва зарурати истифодаи шаклҳои фаъол, эҷодӣ ва бозиро тақозо мекунанд. Аз рӯйи саволи чорум 61,0%-и хонандагон истифодаи манбаъҳои иловагиро қайд карданд, вале бо назардошти натиҷаҳои саволи сеюм эҳтимол дорад, ки дар бисёр ҳолатҳо ин манбаъҳо бо ташаббуси волидон ё омӯзгорон истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои пурсиш на танҳо муносибати умумии мусбати кӯдаконро ба табиат, балки норасоии ташаббуси мустақил ва вобастагии иштироки онҳоро аз калонсолон нишон доданд, ки ба хусусиятҳои синнусолӣ мувофиқ буда, вазифаҳои марҳилаи ташаккулдиҳандаро муайян намуд.

Дар оғози марҳилаи ташаккулдиҳанда барои ҳарду гурӯҳ кори санҷишӣ гузаронида шуд, ки ба муайян кардани сатҳи донишҳои экологӣ ва қобилияти татбиқи онҳо дар вазъиятҳои содда (меъёри маърифатӣ) нигаронида шуда буд. Кори санҷишӣ аз супоришҳои гурӯҳи А ва вазъиятҳои амалии гурӯҳи В (зербоби 3.1) иборат буда, бо низоми панҷхолӣ арзёбӣ гардид. Ҳангоми баҳогузорӣ дурустии иҷрои супоришҳо ва шумораи хатогиҳо ба назар гирифта шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3.4 ва расми 3.4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.4. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар оғози озмоиш

Баҳо	ГО (N = 80), нафар (%)	ГН (N = 80), нафар (%)
«5»	19 (23,75)	20 (25,00)
«4»	34 (42,50)	33 (41,25)
«3»	17 (21,25)	15 (18,75)
«2»	10 (12,50)	12 (15,00)



Расми 3.4. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар оғози озмоиш, %

Барои арзёбии натиҷаҳо нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавии хонандагон аз рӯйи формулаҳои зерин ҳисоб карда шуданд:

$$C = (n_5 + n_4) / N \cdot 100\%, \quad (3.1)$$

дар ин ҷо C – сифати дониш; n_5, n_4, n_3, n_2 – шумораи хонандагоне, ки мутаносибан баҳоҳои «5», «4», «3» ва «2» гирифтаанд; N – шумораи умумии хонандагони гурӯҳ;

$$A = (n_5 + n_4 + n_3) / N \cdot 100\%, \quad (3.2)$$

дар ин ҷо A – азхудкунӣ (ҳиссаи хонандагоне, ки кори санҷиширо бо баҳои мусбат иҷро кардаанд);

$$ДО = (100 \cdot n_5 + 64 \cdot n_4 + 36 \cdot n_3 + 16 \cdot n_2) / N, \quad (3.3)$$

дар ин ҷо ДО – дараҷаи омӯзонидашавии хонандагон, %.

Барои ГО: С = (19 + 34) / 80 · 100% = 66,25%; А = (19 + 34 + 17) / 80 · 100% = 87,50%; ДО = (100·19 + 64·34 + 36·17 + 16·10) / 80 = 60,60%.

Барои ГН: С = (20 + 33) / 80 · 100% = 66,25%; А = (20 + 33 + 15) / 80 · 100% = 85,00%; ДО = (100·20 + 64·33 + 36·15 + 16·12) / 80 = 60,55%.

Интихоби методҳои омории коркарди натиҷаҳо ба хусусияти маълумот асос ёфт. Ҳам баҳоҳои кори санҷишӣ («5», «4», «3», «2») ва ҳам сатҳҳои ташаккулёбии фарҳанги экологӣ (паст, миёна, баланд) дар шкалаи тартибӣ ифода меёбанд: бо ёрии онҳо хонандагонро аз рӯйи дараҷа ба тартиб гузоштан мумкин аст, вале фосилаи байни баҳоҳо баробар нест. Аз ин рӯ, истифодаи меъёрҳои параметрӣ, аз ҷумла меъёри t-и Стюдент, ки ба тақсимоти мӯътадил ва шкалаи интервалӣ такя мекунад, барои чунин маълумот дуруст намебошад. Меъёри χ^2-и Пирсон тақсимоти басомадҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса намуда, барои маълумоти категориявӣ истифода мешавад; шарти истифодаи дурусти он – басомадҳои интизоршаванда на камтар аз 5 дар ҳар як ячейка – дар ҷадвалҳои 3.4 ва 3.5 риоя гардидааст. Меъёри U-и Манн–Уитни ду намунаи мустақилро аз рӯйи рангҳо муқоиса намуда, маҳз барои маълумоти тартибӣ пешбинӣ шудааст ва талаботи тақсимоти мӯътадилро надорад. Истифодаи якҷояи ду меъёр эътимоднокии хулосаҳоро баланд мебардорад: агар ҳарду меъёр як натиҷаро нишон диҳанд, хулоса устувортар ҳисобида мешавад.

Нишондиҳандаҳои ҳарду гурӯҳ қариб якхелаанд. Барои санҷиши омории баробарии гурӯҳҳо меъёри χ^2-и Пирсон истифода гардид. Фарзияи сифрӣ (H_0): тақсимоти баҳоҳо дар ГО ва ГН фарқ надорад; фарзияи алтернативӣ (H_1): тақсимоти баҳоҳо дар гурӯҳҳо фарқ мекунад. Қимати меъёр аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\chi^2 = \Sigma\,(O_{ij} - E_{ij})^2 / E_{ij}, \qquad (3.4)$$

дар ин ҷо O_{ij} – басомадҳои мушоҳидашуда дар ячейкаҳои ҷадвали 2 × 4 (ду гурӯҳ, чор баҳо); E_{ij} – басомадҳои интизоршаванда, ки чун ҳосили зарби ҷамъи сатр ва сутун тақсим ба N = 160 ҳисоб мешаванд; шумораи дараҷаҳои озодӣ $df = (2 - 1)(4 - 1) = 3$.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 3.4 басомадҳои интизоршаванда барои ҳарду гурӯҳ ба 19,5; 33,5; 16,0 ва 11,0 баробаранд. Қимати ҳисобшуда χ^2эмп = 0,35 мебошад, ки аз қимати критикӣ χ^2кр = 7,81 ($\alpha = 0,05$; df = 3) хеле хурд аст ($p \approx 0,95$). Меъёри U-и Манн–Уитни низ ин хулосаро тасдиқ намуд ($U = 3200,5$; $z \approx 0,00$; $p \approx 1,00$). Ҳамин тариқ, фарзияи сифрӣ қабул мегардад: дар оғози озмоиш ГО ва ГН аз рӯйи сатҳи донишҳои экологӣ ба ҳам баробар буданд, ки барои муқоисаи дурусти натиҷаҳои ниҳоӣ асос медиҳад.

Марҳилаи ташаккулдиҳанда. Дар ин марҳила дар ГО маҷмуи панҷ шароити педагогӣ тавассути шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ки дар зербоби 3.1 тавсиф гардиданд, татбиқ карда шуд: ташкили муҳити экологии синф ва мактаб; дарсҳои ҳамгиро ва машғулиятҳои «Табиат дар мероси ниёгон»; маҳфили «Посбонони сабз», саёҳатҳо, лоиҳаҳо ва аксияҳо; вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва «Дафтари хайрхоҳиҳои ман»; ҳашарҳо ва чорабиниҳои муштарак бо волидон ва ниҳодҳои маҳал. Дар раванди кор ба хонандагон дастурҳо ба таври сода ва фаҳмо пешниҳод гардида, дар ҳолати ба миён омадани нофаҳмиҳо омӯзгор шарҳи иловагӣ медод. Натиҷаҳои фаъолияти хонандагон дар дафтарҳои махсус бо истифодаи расмҳо ва шарҳи мафҳумҳои нав сабт мегардид.

Татбиқи шароитҳо дар ГО мувофиқи нақшаи тақвимии намунавӣ (ҷадвали 3.1) бо мутобиқсозӣ ба шароити ҳар як муассиса сурат гирифт. Дар муассисаҳои шаҳри Душанбе, ки робитаи бевоситаи кӯдакон бо табиат маҳдудтар аст, ба саёҳатҳо ба боғҳои шаҳр, ташкили гӯшаҳои табиат ва ҳамкорӣ бо осорхонаву китобхонаҳо таваҷҷуҳи бештар дода шуд; дар муассисаҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ бошад, қитъаҳои наздимактабӣ, ҷӯйборҳо ва боғҳои маҳал, инчунин анъанаҳои ҳашар ва ниҳолшинонии оилавӣ бештар истифода гардиданд. Чунин мутобиқсозӣ ба принсипи маҳаллигардонии амсила ҷавобгӯ буда, имкон дод, ки маҷмуи ягонаи шароитҳо дар муҳитҳои гуногун амалӣ гардад.


Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки пас аз иҷрои лоиҳаҳо фаъолнокии хонандагон зиёд шуда, таваҷҷуҳи онҳо ба ҳалли масъалаҳои экологӣ афзуд.

Иҷрои мустақили вазифаҳо ва муаррифии натиҷаҳо дар назди синф дигар хонандагонро низ ба фаъолият ҷалб мекард. Бархе аз хонандагон ҷустуҷӯи маълумоти иловагиро оғоз намуда, ба мактаб китобҳо ва маҷаллаҳои марбут ба табиат меоварданд ва барои маслиҳат ба омӯзгор мурочиат мекарданд.

Марҳилаи назоратӣ. Дар охири озмоиш дар ҳарду гурӯҳ кори санҷишии такрорӣ бо ҳамон сохтор ва меъёрҳои баҳогузорӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3.5 ва расми 3.5 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.5. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш

Баҳо	ГО (N = 80), нафар (%)	ГН (N = 80), нафар (%)
«5»	36 (45,00)	23 (28,75)
«4»	31 (38,75)	30 (37,50)
«3»	11 (13,75)	19 (23,75)
«2»	2 (2,50)	8 (10,00)



Расми 3.5. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш, %

Нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ аз рӯйи формулаҳои (3.1)–(3.3) чунин ҳисоб карда шуданд.


Барои ГО: С = (36 + 31) / 80 · 100% = 83,75%; А = (36 + 31 + 11) / 80 · 100% = 97,50%; ДО = (100·36 + 64·31 + 36·11 + 16·2) / 80 = 75,15%.

Барои ГН: С = (23 + 30) / 80 · 100% = 66,25%; А = (23 + 30 + 19) / 80 · 100% = 90,00%; ДО = (100·23 + 64·30 + 36·19 + 16·8) / 80 = 62,90%.

Динамикаи нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 3.6 ва расми 3.6 ҷамъбаст гардидааст.

Ҷадвали 3.6. – Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавии хонандагони ГО ва ГН, %

Нишондиҳанда	ГО: оғоз	ГО: охир	ГН: оғоз	ГН: охир
Сифати дониш (С)	66,25	83,75	66,25	66,25
Азхудкунӣ (А)	87,50	97,50	85,00	90,00
Дараҷаи омӯзонидашавӣ (ДО)	60,60	75,15	60,55	62,90
Холи миёна	3,77	4,26	3,76	3,85



Расми 3.6. – Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавии хонандагони ГО ва ГН, %

Аз ҷадвали 3.6 бармеояд, ки дар ГО сифати дониш 17,5 банди фоизӣ (аз 66,25% то 83,75%), азхудкунӣ 10,0 банди фоизӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ 14,55 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар ГН сифати дониш тағйир наёфта (66,25%), азхудкунӣ 5,0 банди фоизӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ 2,35 банди фоизӣ зиёд шудааст, ки ба рушди табиии синнусолӣ ва таъсири раванди муқаррарии таълим вобаста мебошад.

Таҳлили тақсимоти баҳоҳо низ тағйироти сифатиро нишон медиҳад. Дар ГО шумораи хонандагоне, ки баҳои «5» гирифтанд, аз 19 то 36 нафар, яъне қариб ду баробар зиёд шуд, шумораи баҳоҳои «2» бошад, аз 10 то 2

нафар кам гардид. Дар ГН шумораи баҳоҳои «5» аз 20 то 23 нафар афзуда, шумораи баҳоҳои «2» аз 12 то 8 нафар кам шуд. Ҳамин тариқ, дар ГО тағйирот асосан дар ду қутби тақсимот ба амал омад: хонандагони сатҳи миёна ба сатҳи баланд гузаштанд ва аксари хонандагони заиф ба сатҳи қаноатбахш расиданд. Пас, шароитҳои педагогӣ ба хонандагони пешқадам ва ба хонандагони заиф баробар таъсири нек расониданд; сабаби инро дар хусусияти дастаҷамъии кор ва шаклҳои амалии машғулиятҳо бояд ҷуст, ки ба ҳар кӯдак барои муваффақ шудан имконият медиҳанд.

Барои муайян кардани аҳамияти омории фарқияти гурӯҳҳо дар охири озмоиш меъёри χ^2 аз рӯйи формулаи (3.4) истифода гардид. Басомадҳои интизоршаванда барои ҳарду гурӯҳ ба 29,5; 30,5; 15,0 ва 5,0 баробаранд. Қимати ҳисобшуда χ^2эмп = 8,61 аз қимати критикӣ χ^2кр = 7,81 ($\alpha = 0{,}05$; df = 3) зиёд аст ($p \approx 0{,}035$). Аз ин рӯ, фарзияи сифрӣ рад гардида, фарзияи алтернативӣ қабул мешавад: дар охири озмоиш тақсимоти баҳоҳо дар ГО ва ГН аз ҷиҳати оморӣ фарқи аҳамиятнок дорад.

Азбаски баҳоҳо дар шкалаи тартибӣ ифода ёфтаанд, ба таври иловагӣ меъёри U-и Манн–Уитни истифода гардид:

$$U = n_1 \cdot n_2 + n_1(n_1 + 1) / 2 - R_1; \quad z = (U - n_1 \cdot n_2 / 2) / \sigma U, \qquad (3.5)$$

дар ин ҷо n_1, n_2 – шумораи хонандагони гурӯҳҳо; R_1 – ҷамъи рангҳои гурӯҳи якум; σU – хатои стандартии U бо ислоҳ барои рангҳои баробар.

Натиҷаи ҳисоб: $U = 3968{,}5$; $z = 2{,}78$; $p \approx 0{,}005$. Ин натиҷа низ фарқияти аҳамиятноки гурӯҳҳоро ба фоидаи ГО тасдиқ мекунад. Муқоисаи натиҷаҳои ҳар як гурӯҳ дар оғоз ва охири озмоиш нишон дод, ки дар ГО тағйирот аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок аст ($\chi^2 = 12{,}01$; df = 3; $p \approx 0{,}007$), дар ГН бошад, аҳамиятнок нест ($\chi^2 = 1{,}62$; df = 3; $p \approx 0{,}65$).


Ташхиси маърифатӣ танҳо як ҷанбаи фарҳанги экологиро инъикос мекунад. Барои арзёбии маҷмуии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ аз рӯйи ҳар се меъёр (ҷадвали 2.3) дар марҳилаи назоратӣ ташхиси маҷмуӣ гузаронида шуд. Он супоришҳои маърифатӣ (гурӯҳи А), вазъиятҳои ташхисии арзишӣ-ангезавӣ (гурӯҳи Б) ва харитаи мушоҳидаи рафтори

хонандагон дар фаъолияти амалӣ (гурӯҳи В) – ҳар кадом аз 0 то 10 хол – ро дар бар гирифта, ҳадди аксар 30 холро ташкил медод. Сатҳҳо чунин муайян карда шуданд: 0–19 хол – сатҳи паст; 20–24 хол – сатҳи миёна; 25–30 хол – сатҳи баланд. Тавсифи сифатии сатҳҳо ба мавқеи З.Н. Тӯраев наздик аст. Мувофиқи назари ӯ, сатҳи паст бо камбуди донишҳои экологӣ, рағбати заиф ба ҳифзи табиат ва кам иштирок кардан дар корҳои амалӣ, сатҳи миёна бо доштани донишҳои асосӣ, муносибати мусбат ба табиат ва иштироки интихобӣ дар корҳои экологӣ шинохта мешавад, дар ҳоле ки «Сатҳи баланд бо дониши мукаммали экологӣ, мавқеи устувори арзишӣ, муносибати масъулона ва иштироки фаъолона дар корҳои амалӣ ва табиатдӯстона зоҳир мешавад» [124, с. 127].

Дар ташхиси маҷмуӣ ҳар як блок мувофиқи маводи ташхисии замимаи 1 арзёбӣ гардид. Дар блоки маърифатӣ ба ҷавоби пурра ва дуруст 2 хол, ба ҷавоби қисман дуруст 1 хол ва ба ҷавоби нодуруст 0 хол дода мешуд. Дар блоки арзишӣ-ангезавӣ ҷавобҳои хонандагон ба вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ аз рӯйи ду нишона – ҳамдардӣ ва масъулият дар мазмуни ҷавоб ва мустақилияти асоснокии он – таҳлил карда шуданд. Масалан, дар вазъияти «Дӯстат шохи дарахтро барои бозӣ мешиканад» ҷавоби «Ман ба ӯ мегӯям, ки дарахт ҳам дард мекашад ва шох дигар намерӯяд; беҳтар аст шохи хушкро гирем» ба сатҳи 2 хол, ҷавоби «Мегӯям, ки муаллим манъ кардааст» ба сатҳи 1 хол ва ҷавобҳои «Ҳеҷ кор намекунам» ё «Ман ҳам мешиканам» ба сатҳи 0 хол мансуб дониста мешуданд. Ҳамин тариқ, на танҳо мазмуни интихоб, балки манбаи ангезаи он – дохилӣ ё берунӣ – ба назар гирифта мешуд, ки ба нишондиҳандаҳои меъёри арзишӣ-ангезавӣ дар ҷадвали 2.3 мувофиқ аст. Дар блоки фаъолиятӣ-рафторӣ омӯзгор дар давоми ду ҳафта рафтори ҳар як хонандаро дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, саёҳатҳо ва корҳои амалӣ мушоҳида намуда, аз рӯйи панҷ нишондиҳандаи харитаи мушоҳида баҳо медод. Ташхиси маҷмуӣ дар як синфи ГО (30 нафар) ва як синфи ГН (35 нафар) гузаронида шуд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3.7 ва расми 3.7 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.7. – Сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш

Сатҳ	ГО (n = 30), нафар (%)	ГН (n = 35), нафар (%)
Паст (0–19 хол)	1 (3,3)	6 (17,1)
Миёна (20–24 хол)	8 (26,7)	14 (40,0)
Баланд (25–30 хол)	21 (70,0)	15 (42,9)



Расми 3.7. – Сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш, %

Тибқи ҷадвали 3.7, дар ГО 70,0% хонандагон ба сатҳи баланд расиданд, дар ГН бошад, ин рақам ба 42,9% баробар аст (фарқият 27,1 банди фоизӣ). Ҳиссаи хонандагони сатҳи паст дар ГО ҳамагӣ 3,3% буда, дар ГН ба 17,1% мерасад. Барои санҷиши аҳамияти омории ин фарқият меъёри U-и Манн–Уитни истифода гардид, ки барои маълумоти тартибӣ (сатҳҳо) мувофиқ аст: $U = 684{,}5$; $z = 2{,}36$; $p \approx 0{,}019$. Ҳамин тариқ, фарқияти гурӯҳҳо дар сатҳи $\alpha = 0{,}05$ аҳамиятнок мебошад. Бояд қайд намуд, ки меъёри χ^2 барои ин ҷадвал ($\chi^2 = 5{,}86$; $df = 2$; $p \approx 0{,}054$) аз қимати критикӣ (5,99) каме хурд аст; ин ба он вобаста аст, ки дар ду ячейкаи ҷадвал басомадҳои интизоршаванда аз 5 камтаранд ва дар чунин ҳолат истифодаи меъёри χ^2 маҳдуд мебошад. Аз ин рӯ, натиҷаи меъёри U-и Манн–Уитни ҳамчун асосӣ қабул гардид.

Дар марҳилаи назоратӣ инчунин ангезаҳои фаъолияти таълимии хонандагон омӯхта шуданд. Бояд эътироф намуд, ки саволномаи

истифодашуда ангезаи таълимиро дар маҷмуъ, на ангезаи махсуси экологиро, муайян мекард ва дар оғози озмоиш гузаронида нашуда буд; аз ин рӯ, натиҷаҳои он танҳо ҳамчун нишондиҳандаи иловагӣ баррасӣ мешаванд ва барои хулоса дар бораи тағйироти ангезаҳо асос намедиҳанд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3.8 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.8. – Ангезаҳои фаъолияти таълимии хонандагони ГО ва ГН дар марҳилаи назоратӣ

Ангеза	ГО (N = 80), нафар (%)	ГН (N = 80), нафар (%)
Ангезаҳои берунӣ:		
гирифтани баҳои «аъло»	40 (50,0)	36 (45,0)
шунидани таърифи омӯзгор ва волидон	20 (25,0)	16 (20,0)
гирифтани мукофот	10 (12,5)	16 (20,0)
ҷолиб будан барои дӯстон	2 (2,5)	8 (10,0)
Ангезаҳои дохилӣ:		
шавқ ба фан ва табиат	4 (5,0)	2 (2,5)
хоҳиши азхуд кардани кори мустақилона	4 (5,0)	2 (2,5)

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳарду гурӯҳ ангезаҳои берунӣ (баҳо, таъриф, мукофот) бартарӣ доранд, ки ба хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол мувофиқ аст. Дар ГО ҳиссаи ангезаҳои дохилӣ (10,0%) нисбат ба ГН (5,0%) каме бештар буда, ҳиссаи ангезаҳои «мукофот» ва «ҷолиб будан барои дӯстон» камтар мебошад. Ин тамоюл бо натиҷаҳои ташхиси маҷмуӣ мувофиқ аст, вале барои тасдиқи боэътимоди он таҳқиқоти махсуси ангезаҳои экологӣ бо ченкунии такрорӣ зарур мебошад.

Бо мақсади амиқтар таҳлил намудани натиҷаҳо бо омӯзгорон, хонандагон ва волидони онҳо суҳбатҳо гузаронида шуданд. Аз суҳбатҳо маълум гардид, ки қисми зиёди иштирокчиён зарурати дар зинаи ибтидоии таҳсил тарбия кардани муносибати масъулона ба табиатро эътироф мекунанд. Волидон қайд мекарданд, ки фарзандонашон дар хона бештар ба сарфаи об ва нигоҳубини растаниҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Омӯзгорон таъкид намуданд, ки на ҳамаи маводи таълимӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошанд ва онҳо ба маводи иловагии дорои мазмуни экологӣ ва ахлоқӣ ниёз доранд.

Натиҷаҳои ба даст омадаро дар партави назарияҳои дар боби якум ва дуюм баррасишуда муҳокима менамоем. Афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои меъёри маърифатӣ дар ГО ба он вобаста аст, ки донишҳо дар озмоиш на дар шакли маълумоти ҷудогона, балки дар заминаи мушоҳидаи бевосита ва амали худи кӯдакон азхуд мешуданд. Ин хулоса ба мавқеи З.Н. Тӯраев мувофиқ аст, ки донишҳои пайдарпай ва бо таҷриба пайвастро шарти ташаккули рафтори огоҳона медонад [124, с. 5]. Фарқияти назарраси гурӯҳҳо дар ташхиси маҷмуӣ (27,1 банди фоизӣ аз рӯйи ҳиссаи сатҳи баланд), ки ҷузъҳои арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафториро низ фаро мегирад, нишон медиҳад, ки таъсири шароитҳои педагогӣ на танҳо дар донишҳо, балки дар муносибат ва рафтори хонандагон низ зоҳир мегардад. Ин натиҷа бо хулосаҳои Л. Чаула ва Э. Калс дар бораи нақши таҷрибаи эҳсосии бевосита ва наздикии эҳсосӣ ба табиат ҳамчун асоси рафтори ҳифзи табиат [142; 144] мувофиқат мекунад.

З.Н. Тӯраев дар асоси гуфтугӯҳо бо падару модарон чунин натиҷа гирифта буд: «аксари бачаҳои ба маҳфилҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ ҷалбгардида, дар хона парвариш ва нигоҳубини гулҳо, саъва, харгӯш ва ғайраҳоро ба роҳ монда, ба парандагони ваҳшӣ ғамхорӣ намуда, лона сохта ва хӯрок медодаанд» [124, с. 125]. Маълумоти суҳбатҳои мо бо волидони хонандагони ГО низ ҳамин тамоюлро нишон доданд: волидон дар бораи пайдоиши одатҳои нав дар хона – сарфаи об, нигоҳубини растаниҳо, ғамхорӣ ба ҳайвоноти хонагӣ – хабар медоданд. Гарчанде ки ин маълумот хусусияти сифатӣ дошта, бо усулҳои оморӣ санҷида нашудааст, он аз интиқоли муносибатҳои дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ташаккулёфта ба ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак шаҳодат медиҳад, ки ҳадафи ниҳоии тарбияи экологӣ мебошад.

Ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои озмоиш маҳдудиятҳои онро низ бояд ба назар гирифт. Аввалан, ГО ва ГН на бо роҳи тақсимоти тасодуфии хонандагон, балки аз ҳисоби синфҳои мавҷудаи ҳампараллел ташкил карда шуданд; гарчанде ки баробарии ибтидоии гурӯҳҳо аз рӯйи сатҳи донишҳо бо

усулҳои оморӣ тасдиқ гардид, таъсири омилҳои дигар – масалан, шахсияти омӯзгори синф – пурра истисно карда намешавад. Сониян, ташхиси маҷмуӣ дар зергурӯҳи нисбатан хурд (30 ва 35 нафар) ва танҳо дар марҳилаи назоратӣ гузаронида шуд, аз ин рӯ натиҷаҳои он фарқияти гурӯҳҳоро дар охири озмоиш нишон медиҳанд, вале динамикаи ҳар се меъёрро дар дохили гурӯҳҳо инъикос намекунанд. Сеюм, меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ дар асоси мушоҳидаи омӯзгорон арзёбӣ гардид, ки унсури муайяни субъективиро дар бар мегирад. Ин маҳдудиятҳо хулосаҳои асосии таҳқиқотро рад намекунанд, зеро натиҷаҳои ташхиси маърифатӣ дар намунаи пурра (160 нафар) бо ченкунии ибтидоӣ ва ниҳоӣ ва натиҷаҳои ташхиси маҷмуӣ як самтро нишон медиҳанд, вале самтҳои таҳқиқоти минбаъдаро муайян месозанд: истифодаи гурӯҳҳои калонтар, ченкунии такрории ҳар се меъёр ва ҷалби нозирони мустақил.

З.Н. Тӯраев ҳамчун манбаи иловагии арзёбии фаъолияти экологии хонандагон истифода бурдани маълумот оид ба комёбиҳои онҳоро тавсия медиҳад; чунин маълумот «бо натиҷаҳои ширкат дар аксияҳо (суратгузоришҳо, сипосномаҳо), чорабиниҳои гуногун (ифтихорномаҳо, дипломҳо, мукофотҳо), олимпиадаҳо ва конфронсҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи экология тартиб дода мешавад» [124, с. 132]. Чунин «портфолио»-и экологии хонанда метавонад дар таҳқиқоти минбаъда ҳамчун воситаи иловагии арзёбии меъёри фаъолиятӣ-рафторӣ истифода шавад ва субъективии мушоҳидаро то андозае коҳиш диҳад.

Натиҷаҳои марҳилаи назоратӣ имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Дар оғози озмоиш ГО ва ГН аз рӯйи сатҳи донишҳои экологӣ баробар буданд ($\chi^2 = 0{,}35$; $p \approx 0{,}95$), ки муқоисаи дурусти натиҷаҳоро таъмин намуд.

2. Дар натиҷаи татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар ГО сифати дониш аз 66,25% то 83,75%, азхудкунӣ аз 87,50% то 97,50% ва дараҷаи омӯзонидашавӣ аз 60,60% то 75,15% афзоиш ёфт; дар ГН ин тағйирот ночиз

буданд. Фарқияти гурӯҳҳо дар охири озмоиш аз рӯйи меъёрҳои χ^2 ($\chi^2 = 8{,}61$; $p \approx 0{,}035$) ва U-и Манн–Уитни ($z = 2{,}78$; $p \approx 0{,}005$) аҳамиятнок мебошад.

3. Аз рӯйи ташхиси маҷмуӣ, ки ҳар се меъёри фарҳанги экологиро фаро мегирад, ҳиссаи хонандагони сатҳи баланд дар ГО 70,0% ва дар ГН 42,9%-ро ташкил дод ($U = 684{,}5$; $p \approx 0{,}019$). Дар хонандагони ГО на танҳо донишҳо, балки муносибати арзишманд ва иштироки фаъолона дар корҳои ҳифзи табиат беҳтар гардиданд.

4. Натиҷаҳои ба даст омада фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд: татбиқи якҷояи маҷмуи панҷ шароити педагогӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-ро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври назаррас баланд мебардорад.

Дар асоси натиҷаҳои озмоиш тавсияҳои илмӣ-методӣ таҳия гардиданд: таҳия ва истифодаи маводи таълимии дорои мазмуни экологӣ ва хусусияти ҳамгироии фаннӣ; такмили равишҳои методии ташкили фаъолияти беруназсинфӣ бо мазмуни экологӣ, ки ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти қабули қарорҳои масъулона мусоидат менамоянд; арзёбии мунтазами сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ аз рӯйи ҳар се меъёр; баланд бардоштани шавқи хонандагон тавассути ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои амалӣ ва эҷодӣ бо иштироки оила ва ниҳодҳои маҳал.

Хулосаи боби 3

1. Мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди озмоиш аз чор модули амсилаи педагогӣ иборат буда, тавассути маҳфили «Посбонони сабз», саёҳат ва саёҳатҳо, аксияҳо ва ҳашарҳо, ҷашнҳои экологӣ ва фарҳангӣ, баромадҳои иттилоотӣ ва вохӯриҳо, мутолиаи берун аз барнома ва соатҳои тарбиявӣ бо вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ амалӣ гардид.

2. Марҳилаи муайянкунанда нишон дод, ки қариб нисфи омӯзгорон (46,7%) дар ташкили тарбияи экологӣ ба душвориҳои методӣ ва мазмунӣ

дучор мешаванд ва муносибати мусбати эълоншудаи хонандагон ба табиат на ҳамеша ба иштироки воқеӣ дар корҳои экологӣ табдил меёбад.

3. Дар оғози озмоиш гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз рӯйи сатҳи донишҳои экологӣ баробар буданд ($\chi^2 = 0,35$; $df = 3$; $p \approx 0,95$).

4. Дар охири озмоиш дар ГО сифати дониш то 83,75% (дар ГН – 66,25%) ва дараҷаи омӯзонидашавӣ то 75,15% (дар ГН – 62,90%) расид; фарқияти гурӯҳҳо аз рӯйи меъёрҳои χ^2 (8,61; $p \approx 0,035$) ва U-и Манн–Уитни ($p \approx 0,005$) аҳамиятнок аст.

5. Ташхиси маҷмуӣ аз рӯйи меъёрҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ нишон дод, ки ҳиссаи хонандагони сатҳи баланди ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар ГО 70,0% ва дар ГН 42,9% мебошад ($n = 30$ ва $n = 35$; $U = 684,5$; $p \approx 0,019$).

6. Озмоиш дурустии фарзияи таҳқиқотро нишон дода, натиҷанокии шароитҳои педагогии пешниҳодгардидаро исбот намуд; бо вуҷуди ин, барои амиқтар омӯхтани дигаргуниҳои ангезаҳои экологии хонандагон таҳқиқоти минбаъда бо ченкунии такрорӣ зарур аст.

7. Таҳлили маҳдудиятҳои озмоиш (ташкили гурӯҳҳо аз синфҳои мавҷуда, ҳаҷми нисбатан хурди зергурӯҳи ташхиси маҷмуӣ, хусусияти субъективии мушоҳида) самтҳои таҳқиқоти минбаъдаро муайян намуд: истифодаи намунаҳои калонтар, ченкунии такрории ҳар се меъёр ва ҷалби нозирони мустақил.

ХУЛОСА

Омӯзиши назариявӣ ва таҷрибавии шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат мусоидат мекунанд, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба хулосаҳои зерин оварда.

1. Муайян карда шуд, ки фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ сифати интегративии шахсият буда, ҷузъҳои маърифатӣ (донишу тасаввуроти ибтидоии экологӣ), арзишӣ-ангезавӣ (муносибати эҳсосӣ-арзишӣ ва ангезаҳои ҳифзи табиат) ва фаъолиятӣ-рафториро (малакаю одатҳои рафтори масъулона) муттаҳид месозад. Ядрои арзишии он муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат мебошад, ки дар ҳамдардӣ, ғамхорӣ, масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ, фаъолнокӣ ва таҳаммулпазирӣ зоҳир гардида, асосҳои он маҳз дар синни хурди мактабӣ гузошта мешаванд. Таърифи муаллифии мафҳумҳои «фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ», «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат» ва «шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ» пешниҳод гардид [5-М; 6-М; 10-М].

2. Таҳлили таърихӣ-педагогӣ нишон дод, ки ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик – «Авесто», осори Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдӣ ва Ҷомӣ – ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ (ҳашар, ниҳолшинонӣ дар Наврӯз, эҳтироми об ва нон) ифодаи амиқ ёфтаанд ва барои мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол сарчашмаи бевоситаи тарбиявӣ мебошанд. Андешаи педагогии ҷаҳонӣ ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ гузариши тарбияи экологиро аз интиқоли дониш ба ташаккули муносибат ва рафтор асоснок мекунанд [8-М; 9-М].

